С У Р У Ш

# Ҷ А З И Р А И
# Т А Н Ҳ О Ӣ

Душанбе
«Адиб»
2009

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-36

Муҳаррир
*Мубашшир Акбарзод*

С–36 **Суруш. Ҷазираи танҳоӣ.**
– Душанбе. Адиб, 2008, 264 с.

Маҷмӯаи тозаи ашъори Суруш маҳсули таҷрибаву ҷустуҷӯҳои ӯ дар паҳнои шеъри нави тоҷик аст. Суруш ҳам дар шеъри суннатӣ ва ҳам дар анвоъи шеъри муосир бо сабки хоса сухани тоза мегӯяд.

Ӯ шоирест, ки суханро дар хидмати андеша ва андешаи худро дар хидмати сухан гумоштааст. Таъбир ва калимаҳои мураккаби шеъри ӯ асрори нуҳуфтаи забони пурбори тоҷикиро рӯнамо мекунанд.

ISBN 978-99947-57-94-7

© Суруш, 2009

***Ба ёди Меҳрон мебахшам***

# ЧАРОГАҲИ ЧАШМ

# БОЗГАШТ

Сапеда боз шуд дубора
дарбачаи сарочаи рӯшаниро
дар имони хуфтаам,
Сабо вазид атри саодати гумшударо
нармак-нармак дар димоғи ошуфтаам.
Дигарбора дар соқаи сапедор
хоҳиши сабзам
сар кашид боло
ва пои хобидаамро замзамаи ҷӯбор
сӯи ободӣ ҷорӣ шуд.
Парандае рӯҳамро дар сафои саҳар болид.
Замон ҳаракат кард имонамро
ба ҷазирае зеботар аз ишқ
ва он сӯи интизорӣ бурд.
Дилам хушҳолии сабзаҳоро тапид
дар истиқболи навозиши борон,
ки раҳмати минуиро
бар масоҳати ташнагиям рехт.
Инак, дигарбора таҷриба мекунам
сапедаро дар худ …
Ваҳ, чи лаззате бемонанд!

29.08.2005

## ХАТТИ ҲАРАКАТ

Аҷзи мо барге шуд,
барги мо зардӣ шуд,
зардӣ ба замин афтод
аз шӯриши сарди бод.
Ишқи мо аҷзе шуд,
аҷзи мо дарде шуд,
дарди мо дар фарёд
боло рафт аз бунёд,
поён рафт то бунлод.

Умреро паймудем,
ё умре моро ба адам паймуд?
Солеро дар умре афзудем,
сад афсӯс, коҳидем,
як соле аз умре шуд нобуд.

Дарёро шӯридем дар дилҳо,
шавқи мо бар дарё дар амвоҷ
берун нашуд аз соҳилҳо.
Дар пайкари худ гунҷидем,
дар шодии худ болидем,
дар ғуссаи худ нолидем,
бинҳодем дар дафтар
нақши қадами дилҳо.

06.10.2006

## ТО БОЛО АЗ ИН ПОЁН

Дар рӯидани пинҳон
то боло аз ин поён
хоҳишамро болида
аз сабзиши санге сахт
зеҳни кунди кӯҳе гунг.
Дар мӯи ман феъли шаб
субҳамро гуволида
аз қирӣ то ширӣ
дар бидояти пирӣ
то ин ранг аз он ранг.

Дар шаҳри фаромӯшӣ
дар рахти бепарвоӣ
завқе пои шавқамро хобида
бар рағми зи худ рафтан
аз нашъаи худбинӣ.
Дар хонаи хомӯшӣ
рӯида дар лабҳоям оромиш
лабханди осоишро
аз заҳмати бадгӯӣ.
Аз он сӯй меояд
раҳми ӯ бар ҳолам
дар боридани борон
рӯзи ташнагии боғ
аз шиддати тобистон
в-аз ин сӯй меболам
дар шохаи ангуштон
гулбарги ниёишро
то боло аз ин поён.

28.06.2007

## ХОТИРА

Субҳе буд. Гул во шуд,
бо чашми нигаҳпинҳон
оҳанги тамошо кард,
Маҷнун ҳаваси Лайло кард.
Хуршеде раҳ паймуд,
як рӯзи варо бирбуд,
имрӯзаш аз фардо кард.
Боди аҷал омад, маҳшар кард,
дафтари гулро пар-пар кард.
Гул хотира шуд,
дар зеҳни боғ маъво кард,
маъвои нопайдо кард.
Субҳе буд. Мо будем,
дар гул ҳама чашми во будем,
Маҳви ҳаваси Лайло будем.
Хуршеде раҳ паймуд моро ба сӯи хуфтан,
марг омад, моро бурд бо рафтан.
Дар зеҳни замон мо хотира гаштем,
Эй ғофил, дар ин шеър
як субҳе мо будем,
ду чашми тамошо будем.

21.11.2000

## САФАР БА ЗЕБОӢ

Субҳ омад.
Равшании имонро
мурғи саҳар ово кард.
Моҳи рамазон дарҳои дуо во кард.
Эй марди Худо,
бо мижа бирӯб ғафлатро
аз зинаи чашм
в-аз роҳи нигоҳ.
Ҳангоми сафар омад,
бояд сафар аз мо кард.
Аз масҷид
наҷвои ниёишро
оҳанги азон бархост,
Рӯҳи мо бо боли садо
азми сафари боло кард.
Ҷорӣ шав дар хунат маънои таҳоратро,
Зеро дили покиза
шабнамро дарё кард,
дарёро зебо кард.
Ҳангоми намоз омад.
Эй хокӣ, дар беди сияҳ саҷдаи лоиқ шав,
зеро ки Худо дар сарви саҳӣ
ду дасти дуои зеборо
баҳри ту муҳайё кард.
Дидорат пинҳон буд аз чашмат
оина туро пайдо кард.
Эй марди сафар,
дар роҳи Худо худро
то шаҳри сафо роҳӣ шав,
Ҷӯбор мусаффо шуд аз оби равон,
чун хоҳиши дарё кард.

22. 12.2000

## ҒАЗАЛИ САФЕД

Дар сояи хобе рӯҳе буд,
дар сояи шаб зоғе,
Гулҳои сиёҳӣ бишкуфтанд
сояи сарди ялдоро дар боғе.

Мешорид обе акси Хизреро
дар дили торикӣ,
Бемаргӣ фурӯ мерафт аз зулмот
дар ҷисме аз роғе.

Дар фикре зикре буд,
дар ҳофизаи чашме нуре,
Дар шаҳре гунге буд, кӯре буд
дар фикри чароғе.

Дар зулмати ғафлат қавмеро
мебалъид мори сияҳи беимонӣ,
Шарре буд дар нафси башар,
куфреро меболид
дар кунҷи фароғе.

Дар шаҳри қадима шоҳе буд
дар сар тамаъи бемаргӣ,
Ҳирс ӯро дар ҷаҳлаш меғарқид,
бар ҳолаш Шайтоне механдид:
«Ҳар зоғе як доғе».

03.12.2000

## Ё ҲУ!

Посе зи шаби ялдо бигзашт,
як қитъаи умри мо бигзашт.
Мо дар Ту будем пинҳон,
аммо Ту аҷаб пайдо будӣ,
Эй имшабу ҳар шаб бо мо,
зикри Ту шаби моро бигзашт.
Моҳат ба само боз аст, инак,
сад равзанаро зи баҳри дуо,
Мо то Ту расидем аз худ,
пайвастем бо Ту,
ворастем аз ман,
овони ману мо бигзашт.
Дар зарра ба хуршед,
дар қатра ба дарё ғарқидем,
об аз сари мо бигзашт.
Мо масти шаробем, ё Ҳу!
Вораста зи хобем, ё ман Ҳу!
Ҳайҳои ману мо имшаб
аз ҳафт само бигзашт.
Дар ҳамди ту худро печидем,
рӯҳи мо овои дуо шуд моро,
Сӯи ту паридем, ё Ҳу!
Мо то ту расидем, ё ман Ҳу!
Ҳангоми дуо бигзашт.

01.12.2000

## МАҲТОБЕ БАР ДОРЕ

Хобе буд...
Дар хобе лоиҳаи маҳтобе буд,
маҳтобе дар оинаи обе буд.

Шаб – як шаби маҳтобӣ буд,
ман будаму дар ман хобе буд…
Дар хобе аз "Ё Ҳу, ё ман Ҳу"
дар хоҳиши худ пайвастам,
Оламро чархидам,
аз ҷоям барҷастам,
Девори Макон бишкастам,
занҷири Замон бигсастам,
аз қайди тааллуқ ворастам,
рафтам зи аналҳақ аз дастам…

Хобе буд,
дар хобе ман будам…
Бедорӣ доре буд,
бар доре ман будам,
бедоре ман будам…

Дар хобе
лоиҳаи маҳтобе буд бар доре,
Хобе буд бедорӣ…

31.01.2001

## ДАРЁРО ДАРЁ ШАВ!

Дар боғча
гулбаргаки олуча
аз шохаи худ афтода,
ҳампои насими бечода
ин сӯ бипарид,
он сӯ бипарид
чун бачаи беоча.

Эй бо ман! Эй бе ман!
Ирфони маро дар манзараҳо дарёб!
Сӯфӣ шав!
Софӣ шав
в-аз рӯшании ин партав
то лаҳзаи дарки маъно рав!

«Шаб» гӯям, ибҳом аст,
раҳгум мазан аз вожа,
аз раҳ марав аз овоза,
Эй дасту дили тоза!

Пинҳонро пинҳон шав!
Пайдоро пайдо шав!
Дар оби равон аз доғи ҷаҳон
ҳар лаҳза мусаффо шав!
Дарёро дарё шав!

27.12.2001

## ЗАМОНИ ХАЗОНӢ

Салом, эй номаълум!
Кӯчаи боварам холист
аз гузори эътимод ба афсонаҳои бод
ва афсуни шаб.
Дигар бехудона меравам дар таваккул
ва ҳар чӣ бодо, бод,
то расидан ба моҳияти матлаб.
Дар масоҳати ман
ҳанӯз ҷӯи лоҷуворд холӣ нест
аз арғувонии шориш
ва абрнокии чашмонам
аз чакомаи бориш.
Ҳолиё дилам шарҳа-шарҳа
аз шикасти ранги баҳорӣ
дар замони хазонист
ва он чи нишоти маро рафтанист,
қиёми ҷавонист.
Дирӯз гурбае сиёҳ
кайфияти шодмониямро парид,
– яъне гузашт аз раҳи нигоҳам
ва гузошт нуқтаи ниҳоят
дар хатти роҳи сафед.
Афсӯс, дигар наомадам ба худ
аз хӯрдани фиреби ду донаи гандум
Ва омад нокасона
дили ғуссапӯш нафратамро
ба ман ва ту, эй номаълум.
Инак, фишурда дар ҳаҷми аҷзи як инсонам,
Баъд аз ин куҷо боядам рафт, намедонам.

21.03.2007

## ҚИЁМАТ

Тулӯи офтоби мурдаҳо,
Қаҳри зимистон ва алами оташ…
Мепариданд селаи зоғон шаби ялдоро
дар рӯзгори рангҳои парида
Ва мӯя мерафт ғафлати зиндаҳоро
косаи шикастаи сукути водии хомӯшӣ
дар фазои фаромӯшӣ.
Чир-чири гунҷишк
дар пардаи боми мазори бузурворе
муноҷоти ғамангези табиат
дар муқобили офариниш буд.
Саге аз хурӯҷи дарди дайдӯӣ
зӯза мекашид марги ошноиро,
Устухоне дар зулмати гӯр медурахшид
соядасти замони рӯшноиро…
Дарахти тоқаи қабристон –
муҷассамаи устухонии Каюмарс
холӣ аз барги навозиш буд.
Интишор медод шамоли сарсар
оҳи сарди замонро
дар китоби макон,
Тани ғамолудаи тахтаи тобут
зиндагии наботии инсонро
дарун-дарун меларзид
дар интизори навҳаву фарёд…
Ҷодуи гурбаҳо
ғиреви ваҳшиёнаи расидан ба хоҳиш буд.

07.02.2006

## НУҚСОНИ ТАКОМУЛ

Даруни ҷилди гиёҳаке навруста
сурури кӯдаконаи худро
пинҳон кардаам
ва лаҳзаҳоро ночор
дар умри об аз пайкари ҷӯйбор
ба ҷовидонагии уқёнус сипардаам…
Вуҷуди ман порае аз ормони Одам аст,
Мурданам наҳвае аз ғуссаи Ҳавво.

Нилуфарии ишқро
дар толоби дили обам сабзидаам,
Биҳишт дар ҳошияи лабам
табассуми ҳасратолуд аст.
Баҳор эҳёи бунафшавори нумӯи ман аз хок
Ва осмон далели малоли хотирам
аз иштиёқи кабуд аст.

Адами баҳор ҳамасола мегустарад
салтанати пойизро дар боғ,
Марги башар
иллати ғурури Иблис аз бемаргист.
Ғалабаи гуноҳ бар савоб
аз мирандагии мост –
коҳиши назокати боғ аз бебаргист…

Як фасл бехазониро кофӣ нест,
Як умр мусалмониро.

22. 05.2002

## НИЙЯТИ НАМОЗ

Фарроши бод ҷодаи шабро рӯфт.
Исёни гарди кину кудуратро
сулҳи сапеди шабнами раҳмат фурӯ нишонд
дар раҳгузори субҳи мусаффо.
Ҳангоми бомдод
пайғоми оштии сапеду сиёҳро
аз боми ложварди ҳарам кафтаре кабуд
аз ғулғули азони намози сапеди субҳ
дар авҷҳои мавҷи сафо болу пар кушод.

Шарқ, эй азиз, масдари дидори офтоб аст.
Масҷид – макони амн –
яъне диёри сабзи ассалому алайкум.
Баъд аз намоз аз лаби мо сулҳ метаровад,
Баъд аз намоз дар дили мо сулҳ метапад…
Оре, намоз нағзтар аз хоб аст
в-аз зулм беҳтар аст тараҳҳум.

Фарроши бод ҷодаи шабро рӯфт.
Эй пои ботаҳорат,
моро бубар ба роҳи раҳоӣ –
то хонаи Худо,
то дар намози сабз биосоем
монанди обсабз ба дарё.

29.12.1999

## ДАР ДОМАНИ САПЕД

Касе ғами маро
фиғон кашид аз гулӯи торикӣ
ва шикаст шариати шишаи шабро
дар ҳадди як садорас
Ва аммо баъд
хуни гарм ҷорӣ шуд
дар риштаҳои бунафшаранги тан
оташи зимистонӣ ва арғувонии сӯзанро…

Оҳе сарду абролуд
дар таркиби ман сабук-сабук вазид
изтиробамро то ҳадди эътидоли нафас
ва набзи ҳолатро
соати дастии замони бепарвоӣ
ором-ором дар фазо тапид
фориғ аз даргузашти ин лаҳза…

Дина бегоҳ
дили осмонро сиёҳ шуд абри мотамранг
ва борид ашки ғамоҳанг
рӯи тобути зарди сабзи пажмурда…
Ба Худо, хастаам аз набарди савобу гуноҳ.
Оҳ, дилам таҷрибае аз пушаймонист
дар домани сапед
аз маҳаллае сиёҳ.

03.11.2006

## СИЯҲНОМАИ ШАБ

Шикастанд
шишаи боварамро ба ман ва худ,
Оҳ, бидояти ин чакома
далели тангии аҳвол аст.
Шикастанд
эҳтироми сагонаамро
дар косаи сабрам ба ман ва худ,
Ҳолиё зери хокистари афсӯс
ин ҳақорат ҳақиқати ҳол аст.
Худоё, шикастанд ёрони сахтрӯ
дар сангзори дилҳошон
савганди мурувватро,
Аммо нашкастанд
дар хурӯҷи ташнагӣ армонамро
аз муҳаббати худ бо ман…
Дина бегоҳ офтоби танҳогард
дар ғуруби лолазор
дили хуншорамро
сиёҳ шуд аз фоле бад
ва шаб сиёҳнома навишт
аз қаламрави сарнавишт
ба номи ман аз ҳоле бад…
Мардуми чашмам гуруснаи рӯи гарме буд,
Аммо пешомад аз қазои рӯсахт
вақти гушнагии ҷонам ба ошноӣ
ҳаҷми як дил ғуссаи кабуд
ғизои шом овард
ва гуфт:
Дар ҳама ҳолат
шукрона бояд кард аз неъмат.

21.03.2007

## ЭЙ НОМАЪЛУМ!

Муҳаббатамро
пас аз инқилоби хурӯси девона, –
яъне он ки хобамро
аз нимаи имшаб
то охири ин шеър
дар ҳавои танг парид,
дар иштиҳои баста ба афсӯси талх
гуруснавор хӯрдам.

Эй номаълум!
Ман охир аз ту устура месозам
Ва инаку баъд дар хобу бедорӣ,
дар мастиву ҳушёрӣ
туро зи пардаи сиёҳи асотир
нахуст ба ёд,
сипас ба хотир
ва аммо баъд бо нӯки ангушт
пеши чашм меорам.

Эй, раҳмат ор ба худ
ва мардумакони ин сӯву он сӯи кӯтал,
ки дар тасаввур ҳамоину ҳамдинанд.
Оҳ-оҳ, чашми дидан надорам туро
ва оинаро, эй ба ман монанд.

21. 03. 2007

## ХУНИ ХОБ

Ҷустуҷӯи ҳолати гумшуда мерафтам
ба самте, ки умеди бозгашт
дар раги гарданаш мурда буд
ва кӯлбори умрамро
тӯшае чанд аз дами шумурда буд…

Дарахте дар канори кӯрароҳ
меваҳои расидаи ғусса дошт,
Чашмае меҷӯшид
ҳасрати уқёнусии шӯрбахтиро
дар фиреби кӯробии таваҳҳуме ботил
ва мечашидаму мекашидам
ногуворию сахтиро…

Калоте, ки ҳанӯз
ҳайбати гулӯлаву бумбҳоро
дар осӯхтаи сутунаш меларзид,
ҷои хобам дод дар замоне дуру номаълум…

Соате ғанаб рафтам хастагиро
дар паси симхори мижагон,
баногаҳ дар арвоҳи чуғде
ҳуҷум овард мусибати ободӣ
дар косахонаи сарам
ва минқор зад дар чашми хоби парешон…
Хуни хобам шафақи қиёмат рехт.

25.07.2007

## НИГОҲИ ГУРЕЗОН

Қад кашида маро
аз андаруни худ ниҳоле бегунаҳ
ва рахт афканда дар дарахт,
Оҳиставу нонамоён
то ба боло аз ин поён
болидам қадду бастамро
дар вуҷуди кӯҳе аз санге сахт.
Гурехтам аз шумо оҳуро
дар нигоҳам дуртар аз дастрас,
эй мардумакҳо,
ва тан додам ба танҳоӣ…
Хунам дар чамани тан
қадимтарин решаи лолаи минуист
ва садо дар панҷараи ҳанҷараам
нолаи кабки маҳбус дар қафаси гач…
Инак, аз озори ҳама
мепаноҳам диламро
дар нуқтаи номаълуми нигоҳам.

21.03.2007

## ҲОЛАТИ РӮҲ

Ғори қадима ёҳу мекашид
az
                    аз шамоли мусофир
        ва менолид
                    андӯҳи замони гузаштаро.
Лағжиши чакрае ашк
        аз мижгони ғуссаолудаи абр
                вожаи борон буд,
                        ки менавиштам
дар марсияи марги офтоби танҳо.
Ларзиши даст
        дар тасаввури барги бед
                тарсе буд
                        аз нузули сарбаландӣ…
Хуни хуршед
    аз гарданаи ғарби ғурбат
                чакра-чакра мечакид
                    ҳасрати рӯзгори мурдаро
    ва зоғи зулмот
            то вусъати ободӣ мепарид
                        андӯҳи сияҳҷурдаро.
Дар миёни ин ҳама андӯҳ
        дилам метапид, ки ҳамеша
                        дар гумони ту зебоям
ва намегунҷид
        дар куртаи ҷисм
                ҳолати кӯдаконаро
                        ҷони ношикебоям.

05.06.2006

## ОХИРИН ҚАФАС ВА РАҲОӢ

Иртиботи вуҷудамро бо наботот‍
дар рӯиши ришу мӯйҳоям
тасаввур мекунам
ва пайвандамро бо ҷамод
дар нумӯи устухону нохунҳоям
муайян мебинам.
Қаҳре аз ваҳшиёнати дарандагон
дар фишори дандонҳоям хурӯҷ мекунад,
Аҷзе аз тарси шаффофи парандаҳо
диламро меларзад
дар ҳавои изтиробе баргибедӣ.

Дар ғуссаи ҷамодии хеш
дилам таҷриба кардааст
шикастани шишаро,
Дар мотами наботии худ
сари сабзам озмудааст
шикастани ранги сабзаро.
Дар изтироби зиндаҷониям
бими маргро меларзам
ва аз масири хашме палангӣ
ғизоле тунду тез ҳастиямро мегурезад
аз бераҳмӣ ба марғзори амният …

Охирин нафаси ман зиндагии инсонист.
Рӯзе аз ин зиндон гунҷишке нуронӣ
нигоҳамро аз манзараи мӯҳлик
парвоз хоҳад кард
то шохаи дарахти озодӣ …

24.12.2001

## НУҚТАИ НИҲОЯТ

*Дар сӯги Устод Лоиқ*

Эй даргузашта
аз чор фасли нигоҳам
дар ниҳояти умри мавсимӣ,
чашмҳоям гиристанд
ғуссаи шаби мотамрангро
дар ситорарези шашқатори сиришки симӣ…
Ва лаҳзаҳои карахт
истиораи вуҷуди ҳанӯз сабзи туро
кӯчиданд ба боғчаи хотираам
дар иқтибоси чанортарин дарахт.

Оҳ, эй Устод!
Қавме, ки нодида гирифтанатро
одат карда буд дар буданат,
Инак, набуданатро
одат мекунад дар надиданат.
Ёдат ҳаст, вақте дунё дилатро шикаст,
касе ҷуз рӯҳи бешикасти ту
эҳсос накарда буд бузургии дардатро.
Ҳолиё касеро ёро нест, то бинолад
бузургии маргатро.

Имшаб ёдатро нахобидам,
чаро ки саги сиёҳи андӯҳ
устухони фикрамро то саҳар хойид,
маргамро дар ғунуданат андешидам,
набуданамро дар набуданат гирйистам.

Оҳ, эй Устод! Рафтани ман ҳам ногузир аст…
Нигар, нуқтаи ниҳоят чи қадар ҳақир аст.

12.10.2000

## ПАРВОНАИ САПЕДИ РӮҲ

Сапеда таҷаллии мӯи туро дамид
Ва аз он сӯи ёдҳо
дасти навозиши пиронаат
ба ёди сарам расид,
Дилам таҳ кашид.

Эй хатти ҳаракати ман аз адам то вуҷуд,
Рафтиву аз ту монда дар чашму дил ёдбуд,
Муҳаббататро мебарам то Худо аз худ.

Эй падар!
Эй дуои хайри лабҳо, дастҳо ва дилам!
Парвонаи сафеди рӯҳат
мечархад чароғи рӯятро
дар манзилам,
Ба ёди ту гум мезанад
дили ба диданат моилам.

Сапеда таҷаллии мӯи туро дамид
Ва аз он сӯи ёдҳо
меҳрубонии пиронаат
ба ёди сарам расид,
Дилам ғуссаи ҳаҷратро тапид
дар ин шеъри сапед:
«Ёдат ба хайр, Қиблагоҳи мӯсапед!»

30.05.2002

## ЯГОНА НУҚСИ МАН ТУӢ

Маъсумияти мусичарангатро
чашмҳоям мебӯсанд
ва дилам тасдиқ мекунад.
Эй ёсаминитар аз баҳор!
Машоми хаёлам шамими ёди ту дорад,
Дастҳоям навозиш рӯида аз орзуи ламси саропоят.
Ҷонам ташнаи замзамаи резиши обшори мӯи туст,
Набзам садои омаданатро
дар изтироби наботӣ ширин метапад,
Ёди туро нафас мекашам.

Гандумии гунаҳоят
дар мусобиқа бо биҳишт
ҳамеша пирӯз аст,
Гандумии гунаҳоят
хурӯҷи иштиҳои ман ба ишқи туст.

Эй ҳавоитар аз ҳавои Ҳавво!
Гоҳе ки дар вуҷуди гули ишқ
хаёламро дар гандумии ту мепечам,
ба одамияти худ эътимод мебандам…

Эй офарида аз устухони сабзи хаёли ман!
Эҳсос мекунам:
«Ягона нуқси ман туӣ».

27.11.2001

## БА САОДАТИ ОСОИШ

Эй ҳақиқати Қонуни ҷозиба!
Иштиёқи оҳувонаи худро
медавам дар нигоҳе ҳарис
то марғзори биҳиштии рӯи ту
Ва димоғамро
мечарад насими нафас
дар сияҳгиёҳи зулфи ёсаминбӯи ту.
Ҳамеша мекашад маро дилам ба сӯи ту.

Эй муҳаббати бениҳоят!
Сапеда
медамад сафои сӯфиёнаи диламро
аз тангнои симини миёни синаҳот
Ва нигоҳат шарми гарматро
мерӯяд дар дилам
аз лолазори гунаҳот.

Эй саодати осоиш!
Омезиш
дар таҳлили шакар дар шир
ва шабнам дар ёсуман
маро сиришта дар ту,
туро омехта дар ман.

Эҳсос мекунӣ, эй Ёр!
Ман туро меандешам,
Тамоман туро меандешам!

05.11.2003

## АЗ НИЛУФАРИТАРИН ЛАҲЗА

Азизи ман!
Эй намозитар аз покизагӣ!
Биё аз нилуфаритарин лаҳзаи рӯиши таҳорат
ва нигоҳи маро
ба исмати дарё шино кун.

Орзуи дили ман!
Эй минӯитар аз ҷон!
Биё аз шабнамитарин дақиқаи нузули рисолат
ва дар гулбарги эҳсосам
тозатарин паём фурӯ рез.

Ҳабиби ман!
Эй наздиктар аз ишқ!
Биё аз намозитарин соати саодати муҳаббат
ва самъи маро дар сафои садоят овез.

Меҳрубони ман!
Эй ширинтар аз навозиш!
Биё аз боронитарин рӯзи резиши раҳмат
ва бар масоҳати аҳволам тараҳҳум рез.

Азизи ман!
Эй ҷовидонатар аз офариниш!
Биё аз ҳақиқати зебои худ
ва маро бо абадият ошно кун.

29.11.2001

## ЭЙ ЁСУМАНИ ИШҚ!

Фасли сармо бигзашт,
Боғ аз урдубиҳишт аст биҳишт.
Турнаҳо дар вараќи сабзи само
шеъри озоди баҳоранд
ва парастуҳо дар гӯшаи боми дили ман
шӯху бесабру қароранд.

Гули бодом
наботӣ будани рӯҳи маро механдад,
Дили ман дар лола,
Чеҳраам дар қоқу,
Ин яке ё Ҳуст,
Он дигар ё ман Ҳу!

Ёр, эй ёсумани ишқ!
Ман туро аз гули бишкуфтаи себи хубон
ба ҳавас мебӯям,
Бо гули санг ба рӯи санг
менависам ба ҳавас номатро.
Аз лаби лола лабонатро
ба ҳавас мебӯсам,
Дар ҳавои хуши кӯҳистон
ман нафас мекашам андоматро.

Ёр, эй омаданат урдубиҳишт!
Рӯи ту манзараи зиндаи рӯидани ҷон аст,
Ҷонам аз дидани рӯи ту ҷавон аст.
Шукр, сад шукр, ба дидори азизи ту расидам,
Ёр, эй нусхаи зебои биҳишт!

10.03.2002

## ШАРМИ МАҲ

Вақте дасти дарози рӯшанӣ
то мусибати торики хонаам
нарасид як чароғ осоишро,
Шарми маҳ
пушти пардаи абри баҳман буд
ва кӯча таҳи фаранҷии бенурӣ.
Як ду-се қабеҳа
аз хуни ноҳақи шарм
хатти сурх кашиданд
масали нақши ханҷол
ва ҷӯяи арғувонии нохун
дар рӯи замона ва…
Оҳ-оҳ, забони фоҳиша дароз аст
ҳамеша ва билхусус
дар асри санги мо.
Вой! Сад вой аз ору нанги мо!

02.04.2007

## ШИКАСТИ ШАҶАРА

Эй шохаи ситабри дарахти нажод!
Шикастат маро шикаст,
Пажмурданат маро пажмурд.
Оҳ аз теша!
Душмани ҳамешаи решаи мост!

03.06.2004

## ИШОРА БА ҲАСТӢ

Об гуфтиву бидонистам:
«Бе шак, ин оби мусаффо
аз дили хок таровиш кардаст»,
Отифатро ҷустам, оҳ, бидонистам:
«Отифат мурдаст…»
Роҳ мерафтаму мори роҳ
дар ду поям печид,
Мардуми чашмам дар гиряи ман ғарқид.

Ҷамъу тафсил дар ин шеър намегунҷанд
Ва сухансанҷон беҳуда маро месанҷанд…
Ман дар ин фосилаи кӯтоҳ – яъне умр
Ҳамаро санҷидам,
Аз ҳама ранҷидам.

Пеши Ту рафтам, аё масдари қудрат,
Гуфтамат: «Бо ман бош!»
Лутф кардиву бигуфтӣ:
«Пеши Ман роҳ рав,
аммо покдоман бош!»

30.12.2002

## ОХИРИН САМБУЛИ ИРФОН

Пирмарде кӯр  бо асои аҷзе зард
роҳи кӯри ҳаққи худ меҷуст.
Ғуссаҳояшро
ҳар қадам дар санги сарди роҳ
пешпо мехӯрд.
Пайкараш ҷони кӯҳансоли варо
аз дард меларзид,
Хастагӣ чун печаки ғам
дар тани ларзони ӯ бо хашм мепечид…

Боди сарсар
чун саги ноошно бар ӯ ҳуҷум овард…
Пирмарди кӯр оҳи охиринашро
ба боди сард бахшид,
Баъд ашки вопасинашро
аз ду чашмаш рехт, –
«Яъне ҳар чӣ дорам, гиру бигзар!»

Боди сарсар аз сари шиддат дар ӯ печид
ҳамчу феъли тези лӯлидухтари шаттоҳ
дар нигоҳи сарду бешарми гадоӣ…
Пирмарди кӯр оҷиз монд,
мутаккои охирини худ – асояшро
бар гадои беҳаё бахшид…
Оҷизона як қадам бар пеш бинҳод,
пои ӯ дар санги қисмат зад,
охирин афсӯси худро пешпо хӯрд…
Оҳ, бо он пирмарди рамз
охирин самбули ирфон мурд.

24.12.2001

## РОЗИ РАНГ

Фасли пойиз…
Боғу андешаи таҷдиди шукуфтан,
Ману андешаи маҳфузтарин манзараи ирфон.
Дилу фикри ишқ,
Ишқу фикри дили Инсон.

Оҳ, ин кӯча чӣ зебост,
зане меояд аз тарафи сабз,
дар канораш ишқ,
дар лаъли лабаш завқи шукуфтан,
доманаш поктар аз субҳ,
дилаш гармтар аз хуршед,
дар бараш кӯдаки покизатар аз шабнам
ҳусн механдад.
Марде аз ҷониби зард
дасти бебаргтар аз шохи дарахтон дорад,
лек аз баҳри дуо
даст мебардорад:
«Эзад ин шабнами покизаи домони гули зеборо
дар амон дорад. Омин!»

Шаҳру пойиз,
Ману танҳоӣ ва як панҷара имкони назар дар ранг…
Дили ҳайратзадаам метапад: «Ирфон-ирфон!»
Нигаҳам манзарапаймост
ва медонад: «Рангҳо рамзанд,
масалан, ранги сиёҳ қосиди андӯҳи гарон аст,
зард самбули хазон аст…»

Фасли пойиз…
Сахт дилгирам аз ин олами найрангӣ.
Мурғи ҷон, аз қафаси танг бурун ой, бурун ой!
Бупар, эй қосиди беранг, маро ҷониби берангӣ.

18.11.1999

## ФАРИШТАИ МАРГ

Дар интиҳои роҳ,
дар охирин нафас
касе нишаста интизори ман,
ки бими диданаш
дамида дар лабонам оҳ…

Гаҳе ки модарам
зи дарди сахт ҳастии маро бизод,
Касе зи дур сахт сӯи ман нигоҳ кард.
Садои ибтидоиям
ба гиря шуд бадал
зи бими озмудани аҷал…

Чаро маро замин дамидааст?
Дареғ, сабза коҳ,
коҳ хок мешавад…
Бинол, рӯҳи аз аз либоси ҷисм нозанин,
дар интиҳои кор куртаи ту чок мешавад…

Даме ки тарс назъ мешавад
ва ҷон чу мурғ мефитад
ба доми сангдилтарин фариштаи Худо,
Ба дард меравам
зи пайкарам дар охирин садо
ба сӯи бесадо.

30.11.2001

## ХОБИ ДАРОЗ

Субҳро чашм кушо!
Хобро ҳамчу сароб аз назари ақл
ба як мижжа задан барҳам зан.
Ташнагии ҷигар аз ояти шабнам бишкан!

Субҳро чашм кушо!
Боз шав сӯи ҳавои тоза
чашми дарбаччаи зебои димоғатро.
Ба паси панҷара аз ҷӯи нигаҳ ҷорӣ шав!
Сабз шав домани андешаи боғатро!

Субҳро чашм кушо!
Ранги пиндори накӯро
дар сари шохаи зебои садо овез.
Бадар аз хона шав аз роҳи шунидан,
Бо навои хуши
оркестири мурғони Худо омез.

Субҳро чашм кушо!
З-он ки маънои саҳар дидаи боз аст.
Эй азизи ман!
Хоби мо марги сабук,
марги мо хоби дароз аст.

14.08.2003

## БА ЯК ШУКУФА РАҲОӢ

Ба ҳолаи маҳтоб,
ба ёлаи хуршед,
ба дашти сабзи пур аз шӯълаи ситора,
ба як нигоҳ савоб
зи як гуноҳ азоб
нигоҳи чидаи худро паноҳ хоҳам бурд.

Ба тозагии паёми барф,
ба покии нафаси борон,
ба бегуноҳии шабнам,
ба як ҷазира саодат зи чор нуқтаи нафрат
дили рамидаи худро фирор хоҳам кард.

Ба беҳудудии кайҳон, ба беқиёсии Яздон,
ба авҷи маънии инсон,
ба як шукуфа раҳоӣ зи дому донаи расвоӣ
нигоҳи чидаи худро паноҳ хоҳам бурд.

Ба навбаҳори табиӣ,
ба завқи сабзаи худрӯ,
ба зодгоҳи гули қоқу,
ба феълу қувваи минӯӣ
аз ин ғаризаи маснӯӣ
дили рамидаи худро фирор хоҳам кард.

Ба содагии забони об,
ба гиряхандаи кӯдак,
ба беқарории гунҷишкак,
ба як тапиш дили покиза,
ба боғи он сӯи тиреза
зи хонаи пури истеза
нигоҳи чидаи худро паноҳ хоҳам бурд.

05.02.2007

## ШАБ ВА ХОТИРАҲО

Шаб…
Хона дар салтанати торикист.
Ҳама хобанд;
Шабнами кӯчак ҳам.
Дар паси панҷара як манзара ибҳом:
тиккае абр, лаби бом, кабутар
ва паёми бод аз омадани барф…
Зоғҳо шояд хурсанданд.

Писарам ин бегаҳ гуфт:
«Падар, афсӯс, ки боғ урён аст».
Дили ман ларзид андӯҳи дарахтонро:
«Муфлисӣ бадбахтист».

Модарам дур аст аз ман,
балки ман дурам аз модар,
аз Искодар, аз ишқ…
Шояд имшаб модар бедор аст,
чунки бедорам ёдашро,
чунки мегирям ҳаҷрашро…
Падарам хоб аст, медонам.
Хоби ӯ – хоби кабутар дар нақши наққош,
Хоби ӯ хоби ғами талх аст дар ҳофизаи ман…
Шояд имшаб ба сари гӯраш
барф андӯҳи маро меборад …

Шабнам оғози гиристан кард,
Модараш хобпарешон шуд…
Ман ба худ омадам аз хотираҳо худро.
Дар паси панҷара пар-пар задани барф,
кабутар, лаби ҳайратзадаи бом
ва андӯҳи туман буд…
Ва дилам мегуфт:
«Зоғҳо шояд хурсанданд».

19.11.1999

## ЛАҲЗА

Зиндагӣ чист?
– Ҳамин лаҳза
ва як силсилаи ёд зи як умри гузашта.
Умр ҷуз як нафаси нақд дигар чизе нест.
Ҳар нафас як умр аст.

Найнавозе буд аз деҳаи мо дар шаҳр,
Модараш хост
сари шаҳписараш ҷуфт шавад,
нафасаш ҷуфт шавад,
Нафаси шаҳписараш бо нафаси ёр
напайваст, афсӯс,
ёри ӯ дар найи ӯ нолаи пинҳон шуд…
Халқ армони набишкастаи ӯро
ба алам нолиданд.

Ёд дорам, падарам мегуфт:
«Ман агар пири фурӯмонда шавам,
ту асоям шав…»
Падарам то дами пирӣ нарасид
ва ман аз шохаи як беди ғамолуда
асо бигрифтам,
балки дар хилъати як бед азо бигрифтам…

Зиндагӣ чист?
– Ҳамин лаҳза
ва ҳамин лаҳза азиз аст.
Эй азизи ман!
Ту ҳамин лаҳза маро дӯст бидор,
Ман ҳамин лаҳза
ба қадрат бирасам, зебост
ва ҳамин кофист!

02.11.2000

## БОЯД АЗ ҒОР БУРУН ОЕМ

Ҳоли зулмот парешон аст,
Субҳ меояд…
Бояд аз ғор бурун оем,
Зоҳидӣ кофист.
Беҳтар он аст, ки ин қавми парешонро
подабону рамабону галабон бошем:
Подаи говонро
субҳдам сӯи алафзори шинохт
бубарему бонем;
Рамаи лоғари мешонро
ба чарогоҳи шариат бубарем;
Галаи аспонро бо инони ихлос
сӯи шаҳроҳи тариқат ронем.
Дар лаби чашмаи покизаи Ихлос
ва дар доманаи кӯҳи Риёзат
марғзоре ҳаст аз Ирфон:
То ба он манзара аз ҳафт шабу рӯз бубояд гузарем,
пас ба мақсад бирасем.
Оре, он манзара маҷмӯаи зебоист:
Шаҳраги сабзи алафҳош пур аз хуни Сиёвуш
ва покизагии Имон;
Лаби ҷӯҳош таровишгаҳи шодобтарин замзамаи Ишқ;
Атри гулҳош пур аз исмати занбӯри асал;
Решаи сабзаи Идрок дар аъсоби заминаш сабз аст...
Оре, он манзара маҷмӯаи зебоист!
Мо агар ташнаи Ирфонем,
Бояд аз зишт гузар кард, ба зебо пайваст –
яъне аз зулмати мурдобии ғафлат
чашм бояд бикшод
ва ба бедории ҷӯбори мусаффо пайваст.
Ҳоли зулмот парешон аст,
Субҳ меояд…
Бояд аз ғор бурун оем,
Зоҳидӣ кофист!
Навбати тарбияти қавми парешон аст.

19.11.1999.

## ОИНА ЧАРО МЕШИКАНАД?

Пешам оина манеҳ,
чунки аз дидани худ безорам.
Дергоҳест, ки бар ботини худ
ҳамчу дар оина рӯ меорам.

Пешам оина манеҳ,
чунки аз кӯчаи худбинии худ бигзаштам,
яъне аз ғайр буридам
ва ба худ пайвастам.

Пешам оина манеҳ,
Ман намехоҳам пажмурдани худро бинам,
Бе аҷал мурдани худро бинам,
Аз зимистони басаромада
пай бурдани худро бинам.

Пешам оина манеҳ,
ки дилам вусъати шаффофи варо
мешиканад.
Ростӣ, эй дӯст, оина чаро мешиканад?

16.12.2002

## ИСТИОРАИ ШАБ

Шаб аст,
Сиёҳ бештар зи зарраи сапед,
Гуноҳ бештар зи пораи савоб.

Шаб аст..
Зане ба хотири маош
                    меравад ба тан фурӯхтан,
Варо барои рафъи
                шаҳвати харона мехарад яке…
Шабеву қаҳбаеву мардаке…

Шаб аст…
Ситораҳо дар осмон хиҷолатанд
Зи аҷзи беситорагон.

Шаб аст…
Ҳилоли лоғарак сари тафаккур аст:
Куҷост луқмаи ҳалол!?

Шаб аст…
Сабо ҳаёти сабзро ба зард мевазад…

25. 07. 2007

## ДАР ҒУРУБИ ҒАРБОҲАНГ

Пои хушки тирамаҳ оҳиста-оҳиста
оташи бедуд дар рахти дарахт афрӯхт,
селаи паррандагон бо сели ҳасрат
дар самои обидарёваш
ба сӯи бехазониҳо
навозишҳои ваҳширо
шино карданд.
Боди бодӣ хоки хокиро
ба зери пои лангаш турктозӣ кард,
Офтоби зарди обонӣ
мисоли пирмарди хаставу камхун
чароғи охирини ҷони худро
дар ғуруби ғарбоҳанги нигоҳе сӯхт…

Боз пойиз!
Турнаҳо рафтанду дар хатти сафаршон
як қатори умри ман ҳам рафт,
Як баҳори дигар, афсӯс,
аз шумори умри ман ҳам рафт.

Осмон абрист…
Мечакад оби сияҳ
аз чашми дардолудаи боло
ба рӯи боғи чун ғамҳои ман поён.
Осмон ҳам дар сари тобути фасли мурда мегиряд.

Боз пойиз!
Дар дилам харсанги андӯҳи гарон аст…
Ман намедонам, ки фармони Худо чист?
Оҳ, эй фардо!
То баҳори дигар оё метавонам зист?!

18.09.2006

# АНДЕШАИ ЗЕБОИ ГУЛИ СЕБ

Ошнои ман!
Мову ту бояд аз имрӯз дигаргуна шавем
ва дар андешаи зебои гули себ
дар ин боғчаи рустану пажмурдан
ишқро накҳати ҳастӣ бахшем.
Чашмаҳоро ба таманнои гиёҳони аташхӯрдаи
водии тамошои Худо раҳ сипарем.
Токи хамгаштаи қадди ҳаваси мурдаи беишқонро
қад кашем аз реша
ва дили ғамзадаи ирфонро
завқи мастӣ бахшем.
Сар занем аз нафаси донаи хобидаи гандум
зи таги хоки қадими одам –
яъне аз хобгаҳи андеша.
Ошнои ман!
Мову ту бояд аз имрӯз
ба покизагии хуни худ имон орем.
Бегуноҳиро дар хотира таҷдид кунем
аз замони тифлӣ
в-аз биҳишти нафаси модар.
Дар ниҳоли бед
як асо отифати фарзандӣ
ба қадди хамзадаи Одаму Ҳавво
дар лаби ҳавзи асолат сабзем.
Қадрамонро
андар киштии кайҳонӣ аз ин хоки сияҳ
то ба тобонии Маҳ бардорем.
Ошнои ман!
Ҳолиё навбати мост.
Мову ту бояд аз имрӯз сарозода шавем
ва дар ин гардишгаҳ
даври худро ронем
ва ба ин кӯча, ки дар охири он фардост,
номи худро монем.

29.09.2006

## ИЛМИ МО ДУШМАНИ МОСТ!

Пушти ними нигаҳи бегунаҳе сӯи само,
андаке пештар
аз хоҳиши бахшоиши зебои Худо,
ман зи пушти падар овардам
пайкари лоғараки худро
баҳри сабзидани як пуштаи хок…
Дина шаб борон рехт…
аз сари ними ҷаҳон об гузашт…
баъд аз он барқ ба як шӯълаи гӯгирди қазо
бешаҳоро сӯхт
ва замин оҳ кашиду афканд
аз дили вулқонӣ
бар сари мардуми гумроҳи замон
нафрати хокистар…
Башар имрӯз баояндаи худ бераҳм аст…
Бумбҳои мудҳиш
оқибат сабри Худоро ба сари аҳли замин метарканд,
Боли паррандаи эҳсос дар ин тирасамо месӯзад,
Пои оҳуи нигаҳ дар раҳи дидори
гули рӯи азизони Худо мешиканад…
Обҳо гумроҳанд,
Бодҳо бесоҳиб,
Оташи минӯӣ
зери хокистари бединист,
Зодагони хок андӯҳи бузурганд –
интизори марганд …
Башар имрӯз баояндаи худ бераҳм аст.
Эй наҷоди Одам!
Дар дилам ғуссаи фардову паси фардост.
Ҳолиё мешунавӣ?
Энштейн аз дили дӯзах ба алам менолад:
«Илми мо душмани мост!»

05.10.2006

## САБЗАИ ВОЖАИ НАВ

Субҳи фарвардин…
Боғ эъҷози Худост.
Мевазад боди сабо аз ватани ишқ
ба оромгаҳи хотираҳо
атри минуии то асл расиданро.
Бегуноҳист дар овои саҳаргоҳии гунҷишки дуо
дар лаби боми тааллуқ
ба самои абадият пари парвоз кушудан.
Мечакад шабнами покиза
ба барги гули дӯшизаи эҳсоси дарахти себ
аз шаҳвати шаффофи биҳишт.
Сабзаҳои тоза
аз азал месабзанд
вожаҳои тоза,
Отифат дар лаби ҷӯбори намозӣ ҷорист,
Об алҳамдсарост.

Субҳи фарвардин!
Ман дигарбора пас аз таҷрибаи ғуссаи торикӣ
Субҳро боз дамидам.
Нафасам боди сабост.
Мепарам ин саҳар аз лонаи чашм
то сари шохаи зебои дарахти ишқ
гунҷишки нигоҳамро.
Мечакам
дар варақи дафтари субҳи ҳаваси софи худ
андешаи шабнамро.
Сабзаи вожаи нав месабзам
ва суханҳои равон
аз лабам мерӯянд…
Ҳолиё мушти дилам ҳаҷми ибодат ба Худост.

30.04.2006

## НОМАИ ХУРШЕДӢ

Менигорам нома – номае хуршедӣ,
Номае пок чу об –
рӯҳи шаффоф, ки мешорад
аз идроки гиёҳе сероб
паи такзиби сароб.
Инак, он номаи хуршедӣ ва дарёӣ:
«Ассалом, эй ёр! Эй поктар аз борон!
Ҳоли ту чун аст?
Кай ту аз кӯчаи лайлоӣ
сӯи ман меоӣ?
Ба Худо, бе ту дилам
беди пур аз ғуссаи Маҷнун аст,
Оқибат пир шудам дар садади раҳпоӣ.

Ёр, эй ёри азиз!
Мову ту бояд аз ин баъд
ба қадри нафаси ҳам бирасем
ва дар андешаи зебои насими саҳарӣ
бо навои хуши мурғони чаман омезем,
даст дар гардани хуршеди Худо овезем
в-аз сари рӯз ба дарёи сафо пайвандем.
Хандаҳомонро
бояд аз заҳри тамасхур нафасе полоем
ва даме кӯдаквор
дар гӯли олуча
шӯху ширин хандем.
Зеҳнамонро бояд
шустушӯе диҳем аз маънии об –
яъне аз куртаи зебои ҳаё
тани худ ороем.

Пойҳомонро
ба таноби об – яъне покӣ
сахт барбандем,
то дилу чашму забонро
дар лаҷанзори хурофот
ба зулмот наолоем.
Гӯшҳомонро
бояд андак-андак гоҳе
ба мусиқии хуши шаршара овезем.
Ёсуман рӯем аз Ёсин
дар боғчаи лабҳомон
ва савори эҳсос
дар нигоҳе ҳама ишқ
ба тамошои қадамгоҳи Худо биштобем.
Дастҳомонро
дар ниҳоле шодоб
сӯи боло зи дуо сабз шавем.
Ману ту бояд аз ин баъд ба ҳам оем…»

Ёр, эй атри гули ишқ!
Номаам хуршедист,
номаям дарёист
ва ба номи ману туст…
Ту ба ин нома ҷавобе нафирист…
Боре аз кӯчаи танҳоии ман
дар насиме нафасе бигзар,
Ба ман, эй ёр, ҳамин кофист.

06.10. 2006

# НАМЕАНДЕШАМ АЗ МАРГ

Субҳи фарвардин…
Боғу андешаи зебо будан,
Ману андешаи ҳар лаҳза туро дидан.
Ба бақои ҳуснат, эй ёр,
ман дуо мехонам,
саъва «омин – омин» мегӯяд,
Дасти зебои ниҳоли себ имони маро мерӯяд.

Маърифат чист?
– дидани зебоӣ,
дарки зебоӣ,
ламси зебоӣ
Ва шаҳодат додан: «Ба ҷуз ӯ зебо нест».

Модарам дар ҳама ҳолат
ба мани ганда ва ё нағз муҳаббат дорад.
Оре, борон ба тамомии боғ
раҳмати яксон меборад.

Пок будан зебост.
Масалан, духтари ман – Шабнам
шарҳи мафҳумтарин зебоист,
Ояти покӣ дар мусҳафи сабзи чаман аст,
Балки шаффофтарин
маърифати моҳияти хуни ман аст.

Субҳи фарвардин…
Боғ сарсабз аст дар ҳар як барг,
Дили ман зебост аз завқи тапидан,
Марг андешидан куфр аст,
Ман намеандешам аз марг.

22.03.2002

## ҚОНУНИ ОФАРИНИШ

Пушти обонмоҳ –
онсӯтарак аз баҳмани сард
ҷаннати урдибиҳишт аст
ва дар он ҷо падарам сабзтар аз манзараҳост,
тозатар аз сухани шаршараҳост,
балки маънои биҳишт аст.

Пушти бебаргӣ
дар ободии бемаргӣ
навбаҳори сабзест,
марғзори сабзест
аз зулоли нафаси оби равон
ва дар он ҷо падарам хушнуд аст,
сабзи нурандуд аст.

Хоб дидам: падарам мегуфт:
«Мо ҳама пушт ба пушт аз паи ҳам омадаем,
аз адам баҳри адам омадаем.
Субҳ афрӯхтан омӯз, ки умри гузарон
вараҳи тозаи умратро
оқибат хатти сияҳ мепӯшад,
Одамӣ чашм на аз даҳр, нигаҳ мепӯшад…».

Пушти марги ман дар хотираи дунё
писарам ҳаст ва ояндаи номаълум,
Андаке пештар аз ӯ ман
ва зи ман онсӯтар урдибиҳишт аст
ва он ҷо падарам сабзтар аз манзараҳост,
тозатар аз сухани шаршараҳост,
балки маънои биҳишт аст.

03.11.2002

## ФАСЛИ МӮСАФЕД

Барги дарахт рехт
Монанди ашки зарди дилам дар рухи замон.
Дар дурдасти уфқ
          абри сафед сӯхт
                    аввал ба ҳоли ман,
                              з-он пас ба ҳоли халқ.
Э вой, мондааст дилам аз диловарон.

Дар шаҳри бечароғ сагону хурӯсҳо
                              якбора хап шуданд,
Зеро садо ба ҳанҷараи субҳ ях бубаст…
Шом аст рӯзи мардуми бечораи диёр.
Ҳатто ба бомгӯшаи шаб шӯша бастааст
          дилсардии қабилаи гунҷишки бефароғ.

Эй фасли мӯсафед!
Инак, гирифтааст
          аз қаҳри тундтози ту овози сарди зоғ,
зеро намесарояд
          дар мадҳи ту таронаи мағшуши қоғ-қоғ.

Дишаб фариштаҳо
          меҳмони беғубори сафои дилам шуданд,
аммо зи бечароғии ин хонаи кабуд
     дилмонда аз таровати обу гилам шуданд…

Ногаҳ зи пушти курсии ҳамсоли ман занам
     шамъе, ки монда буд зи асри гузашта, ёфт.
Як ришта рӯшанӣ дили беқисмати маро
          бо сӯзани нигоҳи фурӯзони худ шикофт.
Баъдан тамоми шаб нигаҳам хоби роз рафт,
Яъне ки устод ба хоби дароз рафт…

02.01.2008

## ДИЛГАРОНӢ

Шаби сафедпӯш…
Хурӯҷи шаҳвати хурусу ҷеғи бемаҳал,
Маҳалла пур зи гиряҳои гурбаҳост…
Замин кафанбатан зи барфи оҳарист…
Куҷост Офтоби ман, куҷост?

Шаб асту чашми ҷӯйбори
пушти хона айнакист,
Ба гӯши бом шӯша гӯшвори нуқрагин.
Саге, ки зӯза мекашад
аз андаруни шеърҳои Шайх,
Паёми ошнои мост аз гузаштаҳо,
– зи пушти пуштаҳо.

Ман аз шумо, аё қабилаи дурӯғ,
Ба ҳар сари қадам
дусад фиреб хӯрдаам.
Ҳазор бор дар гумони сип-сиёҳатон
Ба иқтибос рафта, мурдаам…

Суруш! Ҳо, Суруш!
Биё, равем аз ин диёри бечароғ
Ба хоби сахт.
Биё, ки ҷомахоби ҷовидони мо
шавад шаби сафедпӯш
ва сабз пӯшад аз фироқи мо дарахт –
дарахти мисли марги мову ту хамӯш.

01.02.2008

# БОҒИ ДУРДАСТ

Он боғи дурдаст,
Он манзари қадимаи зебой
аз ман ба ёдгор гирифта
айёми ғунчагиву шукуфой.
Он ҷӯйбори шодоб,
Он мавҷ-мавҷ неъмати лабханд
дидори бегуноҳи маро медавад ҳанӯз
дар соқаи кабуди бунафша
то дурдасти ҳолати лабханд…

Гунҷишкҳои шӯх
дар хоктӯдаҳои паси хонаи падар
бо чиғу виғи ғижжаки даври худ
шӯхии кӯдакии ману худро
дар дурдасти хотира меболанд…
Аспи падар ҳанӯз
даврони зинда будани ӯро
дар рақсҳои хуррами худ шод аст,
аммо, дареғ, сабзи маро то зард
ӯ тундтоз дар нафаси бод аст…
Умри маро зи ман
он аспи ёлпош чӣ метозад?!

Дар дурдасти сӯҳбати сабзи гиёҳҳо
шояд сари замонаи сабзи сари ман аст?
Инак, дар ин қарибӣ
пои хазон расида ба хушманзари ман аст.
Дигар маҷоли сабз дамидан нест
ҷуз дар хаёли боғи қадима.
Бедуд дар алангаи ин фасли оташин
месӯзадам дар оташи лаб
барги сабзи вожа.
17.06.2008

## ЗИНДАГӢ

Куртаи сабзи дарахтонро сабо шиппонд,
Барги наврас рӯ ба шабнам шуст.
Оҳ, ман дидам, фаросӯи дарахтон
Як табассум ҳасрати чашме
маро дар субҳдам меруст.

Чир-чири гунҷишк зери пардаҳои бом
Зеру бам шуд хотири оғозии дилро.
Оҳ, ин гунҷишки танҳо аз куҷо донист
Розҳои нармаку овозии дилро?

Холаи мусича бо чахчи чу пуфакча
Бегунаҳмонанд рӯи шоха қум-қум кард.
Оҳ, даври бенизомӣ сарҳисобамро
Дар миёни мунҷалоби зиндагӣ гум кард.

Шир! Шир! – ин рекломе, ки саҳаргоҳӣ
Бо хурӯсон дар маҳалла душманӣ дорад,
Иштиҳои кӯдаконро мекунад бедор,
Лек бар гӯши падар ҳаргиз намефорад!!!

Модарон хобанду тифлон ташнаи ширанд,
Ташнагӣ инак радифи гушнагӣ гашта.
Вой бар аҳволи мард, э войи ҳоли мард,
Зиндагиро мекашад имрӯз якпушта.

Рӯз, нисфирӯз, шому шаб… ва хоби хом…
Оҳ, метарсам, ки аз сар субҳ меояд…
Холаи мӯсича қум-қум мекунад,
лабро намехояд…
Аммо мо…?!

26.04.2008

## БАРГҲО ВА МАРГҲО

Бод ангушти ишорат тар ба шабнам кард,
То бигардонад варақҳои китоби сабз –
яъне баргҳоро.
Об ҷорӣ шуд тароватро,
лаби ҷӯбор ҳарфи тозаву нав гуфт:
Баргҳоро зинда бояд дошт,
кушт бояд маргҳоро.

Офтоби нозанин зарринамижгон
боз карду боз шуд чашми замин равшан.
Ёр, эй зеботар аз имрӯзу аз дирӯз,
Сабз шав ёди маро дар худ,
то бисабзад ёди ту дар ман.

Баргҳои вожаҳоро
сабз бояд кард
андар шохаҳои шеър,
Шоире, ки шеъри маснӯӣ бигӯяд,
нахли бебарг аст.
Ибтидову интиҳои шеъри ӯ марг аст.

Меситоям баргҳои зиндаро, эй ёр,
Чун ки ҳар як барг зебоист,
хоса, дар ҷамъияти садбарг,
аммо марг…
Ман намедонам!

27.04.2008

## ИРФОНИ ХУНИ САБЗ

Ман он ревоҷи хушобам,
зи сангистони худ рӯидаам худро.
Каломам сабзу матбӯъ аст,
Ман аз илҳоми худ сабзидаам ашъори сабзамро.
Дуои сабзро бикшодаам аз панҷаҳои сабз,
ман аз имони худ рӯидаам худро.

Ман он ревоҷи сарсахтам,
ки худро мехазам дар решае то лобалои санг,
Ба худ озори сарди санглағжи
қисмати кӯҳи куҳанро
нарм месозам.

Ман он ревоҷи танҳоям
дар ин Албурзи танҳоӣ
ва аз такрешаи аҷдод мерӯям
намозамро ба номи Ишқ.
Ҳанӯз обишхури такрешаам
аз чашмаи ноби Каюмарс аст
ва ихлосам мазиди зиндагии сабз
мисли решаи бурс аст…

Ман он ревоҷи хушрангам,
садои ҳафт пушти хешро
сабзидаам аз санги кӯҳистон,
Ҷилои хуни ман аз ибтидои худ хабар дорад
ва пайванд аст бо ҳафт осмон
имони ман бо риштаи борон
ва дар сар решаам фикри самар дорад.

27.12.1999

## АСЛ ЗЕБО, СУБҲ ШИРИН АСТ

Субҳгоҳе...
Лаҳзае, ки шаб
ба андӯҳи шикасти хеш тан медод,
аз паси торикии азхудрамида
марде аз дирӯз меомад
ҳаёташро ба имрӯз.
Ӯ ба кунҷи лаб сигоре дошт,–
дар сигораш дуди ҳасратҳои дирӯз…

Дар чарогоҳе, ки дурдаст аст аз шаҳр
субҳ қонуни табиатро
медамид оҳиста-оҳиста,
Ҷангал аз мусиқии оркестири паррандаҳо
аз хоби сабзи хеш бармехост,
балки дар ҳаҷми дарахтон
нарм-нарм арғушт мерафт.

Одамон дар козаҳои хеш
зиндагии тозаро бедор мегаштанд,
Лаҳзае пас,
бонуе дар зери бурси сабз
шири гов медӯшид
ва меполуду андар хурма мерехт,
бехабар аз он, ки худро бо сапеда,
субҳро бо шир меомехт…

Говҳо дар маркази қонуни зебои табиат
дар радифи чашмаҳои пок
чун паррандаҳо хушбахт буданд.
Санг ин ҷо мисли худ мезист,
Сабза ҳам аз зиндагияш сабз мерӯид,
Об умрашро ба вақти хеш мешорид…

Марди аз дирӯзи маснӯъӣ расида
хайраташро дар сигораш дуд мекард,
лаҳзае пас… худ ба худ мегуфт:
«Оҳ, афсӯс!
То ба имрӯз
ман зи фарҳанги табиӣ дур будам…
Шаҳр…, ғавғои сиёсат, парлумон,
мошин, туфангу тир,
кампутар ва ғайра –
ҳар чӣ дидам то ба ин соат, табиӣ нест.
Бояд инсонҳо ба асли хеш баргарданд,
Гар баҳои худшиносӣ бехудоист,
бар Худо дар решаҳои хеш баргаштан
бахудойист.
Бояд инсонҳо ба асли хеш баргарданд…
Ман ба асли хотироти хеш
бояд ҷони худро бозгардам».

Марди аз дирӯзи маснӯъӣ расида
бо табиат хешро омехт…
Лаҳзае пас…
Пирмарде аз даруни коза берун омаду
як коса шираш дод.
Мард шири нобро нӯшид,
Лаҳзае пас бо табассум гуфт:
«Асл зебо, субҳ ширин аст!».

06.12.2000

# ОЗОРУ ОЗАРМ

Маро дар ин боғ
дарахти ташнаҷигар
барг-барг мехушкад
ва зард мегардад.
Гузашту хотираи боди кӯчапаймо шуд
замони сабзи сарам.
Дареғ! Эй дили зебо!
Ҳар он чӣ рафт,
дигарбора барнамегардад.

Куҷост ҳазрати май?
Моҳи май гузашту маро
хумори майнӯшист.
Бимон, арақ бихӯрам,
сипас, ба ҷои газак
лаб газам ба ҳоли замон…
Чаро ки дар дилу ҷон
Аз ин қабилаи бешарм сахт ранҷидам…
Дилам дар орзуи гӯшаи фаромӯшист.

26.08.2006

## ОҲИ РОҲ

То ба сарманзили ирфон
Сари раҳ санги маломат буд
аз кори хатоям,
Дар гулӯ мелағжид, э вой,
почаки ланги садоям.
Роҳ мерафтаму меосудам
зери як тути хасак
ҳасрати омадану рафтанро,
Оҳ, эй Дӯст, пушаймонам
нанги беҳуда сухан гуфтанро.

Охир аз санги дили мардум
Пешпо хӯрдам,
оринҷи дилам хунчак шуд
ғами бар пой ситоданро...
Барг то зард нагардид, нафаҳмид
рамзи афтоданро.

Баъд борон борид…
Оҳи раҳ дар дили ман паст нишаст...
Дигар, эй Дӯст, намебофам
ҳарза аз риштаи тарсу уммед.

02.06.2008

# ҚАД – ҚАДИ РАҲ, ЛАБ – ЛАБИ ДАРЁ

Қад – қади раҳ
кoштам ёди қади мисли ниҳолатро,
Қад – қади раҳ
аз ниҳолон ҷустаму
пурсидам аз бегона ҳолатро.
Лаб – лаби дарё
лабатро бо лаби чашмам бибӯсидам,
Лаб – лаби дарё
даруни ҷони худ
меозмудам сад ҳаловатро.

Қад – қади раҳ
пешипо хӯрдам, ки бо ман нестӣ ҳамраҳ,
Қад – қади раҳ
раҳбараҳ мурдам, ки аз ман нестӣ огаҳ.
Лаб – лаби дарё
ба ҳолам моҳӣ аз лабташнагӣ гирйист,
Лаб – лаби дарё
набуд андар лаби ман ғайри «Ё Аллаҳ».

Қад – қади раҳ
ҷустуҷӯ кардам пайи пои туро, эй ҷон,
Қад – қади раҳ
рӯи раҳро бе ту пур аз ғусса кардам.
Лаб – лаби дарё
ба ёди мавҷи мӯи шомрангат
Мавҷҳоро бӯса кардам.

Қад – қади раҳ…
Лаб – лаби дарё…

08.05.2008

## ДОМАНИ ПОКИЗАИ ИМОН

Парешон мешавад торикии имшаб,
Худоё, бори дигар субҳ мебинам.
Илоҳӣ, рӯз бинӣ, нозанини ман,
Ба мисли ман, ки аз сар субҳ мебинам.

Хурӯси пири мо
бонги азон барзад, ки «бархезед,
эй паррандаҳои рӯҳ,
аз хоби гирони тан,
Намоз оред дар назди Худои осмону субҳ».
Дарахти сабзпӯши боғи ҳамсоя
Ба сӯи осмон аз шохаҳо дасти дуо бардошт.

Дами сӯҳбат ба об омад:
Ду дасту рӯи худ шустам
ва бо покизагии об пайвастам...
Пас аз ман духтарам Шабнам
ба субҳу осмону обу покӣ ошно гардид.
Ҳавои хонаи мо субҳандуд аз сафо гардид.

Саҳар омад,
Саҳар як домани покизаи имони нав овард.
Саҳар омад,
Ба ҷисми кӯҳнаи ман ҷони нав овард.

28.04.2008

## БОҒИ АНДЕШАИ САБЗ

Лаҳзаи рӯшани ҳушёрист.
Шараёнам нафаси тозаи боронро
метапад дар набзам,
Дилам аз фикри гунаҳ холӣ,
нигаҳам айни савоб аст,
Боғи андешаи сабзам.

Ҳолиё манзараҳо бедоранд,
Нафаси тозаи фарвардинро
боди атрогин меояд.
Баргҳои навзод
шири шабнам дар лаб
сабз механданд.
Дар раги гардани кӯҳ
лола хуни гарм аст.

Ҳолиё хотираҳо бедоранд.
Дар лаби ҷӯи асотир
об покизагии ихлос аст,
Бод пайғоми авастоиро
мевазад аз оғоз
то ба имрӯз – ба ман.
Пуштаи сабз, ки бо хотираҳо ҳампушт аст,
Тоза мисли сухани ҳазрати Зардушт аст…
Ман ба ин манзара бовар дорам
ва дилам мегӯяд:
«Боварӣ ишқи гиёҳист ба боридани борон;
Иштиёқ ишқ ва имон аст;
Ишқ эҳсоси қадимист,
ки аз решаи ҷон мерӯяд».

Ҳолиё манзараҳо завқи маро бедоранд,
Оре, ангораи зебост ва ҳушёрист
лаҳзаи ҷунбиши идроки баҳор,
нафаси маърифати сабз бурун омадан
аз ҷилди ниҳол
ва шукуфтан дар гул.

Сифати боди сабо чист?
– Интишори хубӣ,
то димоғи башар овардани атр,
навниҳолонро аз ваҷди ниҳон рақсидан.
Нафасам боди сабост
в-аз гулистони Худо меояд…
Ман зи болидани имон
гаҳи аз решаи гул
нарм сафар кардани хоҳиш ба шукуфтан
ва зи рӯидани ихлос
дар андоми гули нозуки аз
санг таваллудшуда
аз рӯзи азал огоҳам.

Лаҳзаи рӯшани ҳушёрист…
Дили ман оинаи соф аст
ва дар он манзараи инсоф аст.

03.04.2001

# ПОЙИЗ ВА МӮСИЧА

Пойиз…
Хушкидааст дар лаби ҷӯборон
оби равону ноби такаллум.
Азбаски сол хушктар аз табъи зоҳид аст,
Саҳрост ҳамчу дасти гадо холӣ.
Дар воти киштзори тиҳӣ аз кишт
фанди сароб мехӯрад аз резасанги қисмат
Мусичае дар орзуи як-ду дона гандум…

Сахт аст зиндагӣ!
Сахт аст зинда будани тақлидӣ!
Пайвандҳо гусаста шуданд, афсӯс,
дар боғҳо миёни дарахтони талху ширин.
Як боғбон намонда, ки дар навниҳоли талх
аз такдарахти пир –
яъне нажоди сабзи Асурик
пайванди аслу васл гузорад…

Пойиз..
Фасли нузули қадри шукуфоӣ,
Айёми зор мондани зебоӣ…
Ҷӯбор бе чакомаи об аст,
Гулгашт бе таронаи сабзи парандаҳост…
Хушкида дар вуҷуди гиёҳони ҷабрдида
уммед бар тараҳҳум,
Дар воти киштзори тиҳӣ аз кишт
бар чашми танги Одаму Ҳавво –
яъне ба хоки тира
минқори аҷз мезанад
мусичае дар орзуи як-ду дона гандум.
25.10.1999

## НАМОЗ

Дӯст, эй Дӯст! Зимистонро
ба баҳорон ҳаракат кун,
Ман ба хандидани зебои ту дар шохаи бодом,
ба Худо, муштоқам.
Амри маъруф ба эҳёи табиат кун.

Дӯст, эй Дӯст! Дили сарди маро
дар дили тобистонат
гарм шав бар будан,
Орзуҳоямро дар ҷӯбор
дар бухоре ба фалак пайванд,
пас ба домони биҳишт афшон,
то хаёли гандум аз ман
вораҳад аз ғами олудан.
Хоҳиши сабзи лабонамро
дар лаби чашма пур аз файзи ниёиш кун.
Дастҳоямро
дар тани сарви пур аз дасти дуо
сӯи само бардор…
Сабз шав завқи ҳаётамро
дар раги сабзаи оғози баҳор
Ва дар андешаи борон
бо мани ташнаи омурзиши ту –
худ созиш кун.

Дӯст, эй Дӯст! Маро рӯшан шав дар хуршед.
То абад ҳастии маъдуми маро ҷорӣ шав.
Маргро баҳри дили кӯчаки ман барҳам зан,
Дили зебоямро бар дили зебот бикӯчон,
то ба лаҳни абадият битапад ишқи туро…
Нестам аз туву аз лутфи ту навмед, эй Дӯст!
30.01.2001

## БИЁ, БА БОҒ РАВЕМ!

Биё, ба боғ равем,
Канори ҷуй нишинему шеъри оби равонро
ба лаҳни сабза сароем.
Зи ҷилди хеш ба озодагӣ бароем.
Чу ҷисми мост зи хок,
Биё, зи хок, ки ҳамҷисми мост, сабз шавем
ва дар вуҷуди гули лолае чароғ шавем.

Биё, ба боғ равем
ва бо таронаи паррандагон биёмезем.
Дар авҷи замзама болотар аз вуҷуд равем
ва пештар зи қиёмат зи хок бархезем,
Биё, ба лаҳзаи осоишу фароғ равем.

Биё, ба боғ равем,
Зи дасти ҳамқади худ –
духтари дарахт бигирем
Ва аз сафедорон
дуои бахт бигирем.

Нигоҳи гулпараки ман!
Замони гумшудаи мост сабти диски дарахтон.
Биё, замонаи бигзаштаро суроғ равем,
Биё, ба боғ равем!

04.04.2002

## САБЗЧАШМИ МАН!

Суғдзоди ман!
Шарми дар рухсори ту рӯйида
мехонад ба оташхонаи аҷдод
имони нигоҳамро,
Оташи ишқи ту дар ҷонам фитода,
аз дарунам мезанад берун таби дил,
чун ниҳон дорам зи мардум дуди оҳамро?

Сабзчашми ман!
Чашми дарёранги ту
бо ҷазбаи сабзаш маро аз ман кашида,
бо ту пайваста.
Баъд аз ин дар рӯҳи моҳӣ дар ту меғарқам.
Баъд аз ин дар обсабз аз обҳои сабз –
яъне аз дарёи чашмони ту месабзам.

Нозанини ман!
Ишқи ту гунҷида дар як мушт –
яъне ҳаҷми танги дил.
Мушти ишқат бар сари ман мезанад
ҳар лаҳза дар ҳар зарбати набзам.
Бе ту мехушкам чу моҳӣ аз фироқи об,
Бо ту ҳамчун обсабз аз ишқи сабзи об месабзам.

15.06.1999

## ШИТОБ

Шаб чӣ дилгир аст…
Ғусса ҳиссе нисбист.
Кӯдакӣ дар гули наврустa аҷаб механдад.
Абр андӯҳи куҳансоли маро мегиряд…
Ҳар нафас як нафаси нақди ман аз кӯчаи умр
рахт мебандад…

Оҳ, дар об замон умри маро шорида.
Гардиши вақт маро дур сафар карда
то ба ин хотири озурда
андар ин вусъати пажмурда…
Дар сари роҳ рафиқе ба тамасхур гуфт:
«Ҳой, обоварда!
Пеш рафтан чист?
Ба қафо баргард!»
Рамзи нав хандидам
ва ба ӯ гуфтам:
«Субҳи ман рафт фаросӯи ғами шоми ғарибон…
То фурӯрафтани хуршед дар андӯҳи ғуруб
соате ҳаст…»

Дӣ ба таъзияи айёми ҷавонӣ рафтам
ба паси кӯчаи дирӯз
зи сари кӯчаи афсӯс…
Ҳайфи айёми шукуфоӣ!
Ҳайфи зебоӣ!

Ҳолиё салтанати торикист…
Сахт дилгирам аз ин шаҳр, аз ин қавм
ва аз ин шаби бефонус…
Мошине аз раҳи торик
бо садое рӯшан то дами дарвозаи субҳ
медавад рӯҳи маро то ба раҳоӣ.
11.05.2005

## ДУХТАРИ БАРГ

Эй гули шомусаҳар!
Лаҳзае, ки ту табассум кардӣ, –
субҳ дар хотири як шом шукуфт,
Дар замин ғайри пайи мижгонат
аз нигоҳе пайи як пой намонд.
Дар бари чашми ман аз дидорат
гули бодом шукуфт.

Оҳ, эй духтари барг!
Лаҳзае, ки нафасам дар нафасат меомехт,
Ларзиши сабзи ту аз шиддати эҳсос
аҷаб зебо буд.
Ҳавасам рӯи лабат хоҳиши
як бӯсаи ширин мерехт.

Як шаби тобистон
Рӯи тобони ту дар боғи назар
таъми зардолуи маҳтобӣ дошт,
ба димоғи дили ман аз бари ту меомад
бӯи себи хубон,
Ҳавасам бӯса ба зардолуву себат мекошт.

Эй нигоҳат ҳама ишқ!
Беҳтарин ҷуфт, ки дидам:
Ҳар ду чашмони туянд.
Кош, бар чашми ту чашми бади мардум нарасад.

Эй саропо хубӣ!
Вақт андешаи рафтан дорад –
гирд – гирди соат,
Ман ба се ақрабаки соати ту ҳамсафарам,
«Меравам в-аз сари ҳасрат ба қафо менигарам».[1]
25.08.2008

[1] Мисраъ аз Шайх Саъдӣ.

## АБРИ САФЕД

Абри сафед гард аст...
Абри сафед ғусса надорад,
Абри сафед одами бедард аст…

Як соқаи алаф, ки рафиқам буд,
Аз сабз то ба зард расиду гуфт:
Абри сафед, бин, ки чико[1] кардаст?!

Бар ҳеч кас ҳеч намебахшад,
Абри сафед марди бахил аст.
Валлаҳ, сафед дар сифати ин абр
Назди сияҳ малулу хиҷил аст.

Эй бориши навозиш!
Абри сафед агарчи сафед аст,
Афсӯс, нусхаи зани нозост.
Абри сиёҳ бар сари мо густар,
Зеро ки абри қаҳри ту зебост.

Абри сиёҳи қаҳри ту мехоҳам,
Эй бар сарам навозиши боронҳо!
Ман сабзаам, агар начакӣ бар ман,
Мемирам аз нуфузи биёбонҳо.

07.05.2003

[1] Чико – дар гуфтори тоҷикона фишурдаи «чӣ кор» аст.

## ГИРЯИ ГУРБА

Мехазад
сармои сиёҳи шаб
рӯи зиндагии нимагарм…
Худоё! Сапеди сард аст
рӯи ин дунёи бешарм.

Дар ин диёри сармоҳо
Имшаб ҷисми замин
дар кафани барф
чун мурдаи фикр
дар кафани ҳарф аст.
Дар хонаҳои сарду торик
хандаи кӯдакон
ях баста дар миёни ду лаб
ва муҳаббати модарон дар ду пистон.
Зулми зимистонро
саг зӯза мекашад,
гурба мегиряд.

Аммо дар ин миёна
зоғи сафеди барф
ба зоғи сиёҳи шаб
изҳори ишқ мекунад.
Худоё, чӣ ишқе бемантиқ!

Дареғ, сад дареғ!
Сояи Худо дар замини мо сард аст,
Дарди мардум болотар аз дард аст.

Вақте мегирянд гурбаҳо ба ҳоли ман,
Дигар чӣ ҷои сухан?!
Дигар калима намегӯям!

16.01.2008

## БА АБАДИЯТИ УҚЁНУС

Дарё!
Эй мавҷи таҳорат аз нафаси насими намозӣ!
Дар тамаввуҷи дидори оинагият
                    парешонии маро сӯфиёна биракс.
Нигоҳамро то меҳмонии зеботарин дидор
                    равон-равон биполой,
Маро то намози уқёнус ҷорӣ шав!

Дарё!
Эй ниёиши абадӣ дар намози ҷумъаи қатраҳо!
Шино кун муҳаббати маъсуми моҳиҳоро
                    дар дили оби ман
ва саодати минуии обсабзҳоро
          дар покизагии дастҳоям бисабз
                    гоҳи таровиши дуои боронӣ.
Лабонамро дар мазҳаби соҳилҳот
                    аз ҳадиси улвӣ шустушӯ бидеҳ,
Ҷорӣ шав маро дар нобтарин қатраи ҳастӣ
                    то обанбори тавҳид
ва нури имонамро дар сими аъсобам эҳё шав
                    ва дар фонуси чашмҳоям дурахш.

Дарё!
Эй полоиши ҳар чӣ зишт дар масири покизагӣ!
Гуноҳонамро дар хасу хошоки рӯи амвоҷат
                    ба соҳили фаромӯшӣ афкан,
Бесаботии ҳаваси пучамро
          дар шишаи қалбакии ҳубобат бишкан.
Ғурури лаҳзаинаамро дар мавҷе саркаш
                    ба гирдоби фано фурӯ рав,
Маро дар қатрае гавҳарвор биполой
                    ва то абадияти уқёнус ҷорӣ шав!

27.11.2001

## АЁ НИҲОЯТИ ҶУСТАНҲО!

Қалам ба номи Ту бингорад
ба саҳфа хатти ниёишро,
Дилам зи даст бурун борад
таронарези ситоишро.

Ба ваҳм гарчи намегунҷӣ,
фаро зи ваҳм Туро ҷӯям,
Саморуғона зи боронҳо
сафои сунъи Ту мерӯям.

Сарам сарочаи фикри Туст,
лабам даричаи алҳамдат,
Ба ҳар кучо, ки равам ҷонам
маро равона бувад самтат.

Тулӯи хотира дар хунам
сафои рӯзи нахустин аст,
Нафас кашидани ман атре
аз он лаби лаъли ширин аст.

Нузули шеър дар ин дафтар
ба боғ бориши боронҳост,
Ман абри ишқи Туям, эй Ёр,
хаёли дилкаши Ту дарёст.

Аё ниҳояти ҷустанҳо,
бимон, бимон, ки Туро ёбам,
Аё натиҷаи растанҳо,
раҳон зи маҳбаси гирдобам.

## ЗАРДУШТ

Зардушт!
Рисолати лола
дар шукуфтани хуни қадима,
Таровиши таҳорати ҳамешагии чашма
дар таяммуми биёбони имон.
Тулӯи дидори гарм
дар табассуми офтоб.
Каломи авастоии Аҳуро
аз дурдасти тамаддун,
Ваҳдати вуҷуд дар себи дунима.

Зардушт!
Инсони ормонии ҳамеша,
Ормони инсонии ҳамеша.

Зардушт!
Бешабони андешаҳои ваҳшӣ,
Решабони Дарахти Асурик,
Тоҷбони имони тоҷик!

Зардушт!
Сохтмони фикри башарият
бар пиндори нек,
Дудмони оташкадаи озодагӣ,
Домони покизаи муғонаи эътиқод,
Дурахши тилоии содагӣ,
Пайғамбари нек
аз Парвардгори нек!

03.06.2004

## ДАР ТАРИҚАТИ ХУБӢ

Диламро метапад завқи сафар аз худ…
Дар он сӯи хазидани нигоҳ
манзараи осоиш аз лаззати шинохт
нуқсони маро ба такмил расида
ва умеде гарму арғувонӣ
ранги аз тарси марг паридаи маро
дубора ба рӯям давида,
Оҳ… ниҳояти хатти сафарамро
хира-хира тасаввур мекунам
дар нуқтае дуру мубҳам …
Фарёди хунолуди шабовез сукути санги сиёҳ аст,
Сояи мо низ далели зиндагии гуноҳ аст.
Дар ҷустуҷӯи бегуноҳӣ
медавам бехудона дунболи сояи об
ва сангчаи рад ба ҳамоқати худ меандозам…
Оҳ… биҳишти гумшударо
дар биёбони зуҳди хушк меҷӯям...

Дӯст, ай Дӯст!
Сунъи туро насими берангӣ
дар дастҳои сабзи сафедорон
завқи кафкӯбист,
Гунҷишке мепарад санои туро шоха ба шоха.
Бояд нигоҳро ба самти ту хазид
дар ҳар чи ояти хубист.

Дӯст, ай Дӯст!
Бубар маро то худ.

25.05.2000

## ПОЛОИШ

Ту дер омадӣ
ба рӯзи ниёзи сабзаи ирфони роз,
ки мемурд…
Дареғ,
дар иштиёқи меҳрубонии ту, эй борон,
дили ташнаам ғусса хӯрд.

Парвонаи рӯҳи падарам
бо ангушти ишорат
дар доираи рӯшани
шамъи сӯгвории ман навишт:
«Дареғ аз биҳишт, сад дареғ аз биҳишт!
Ба қадри ёсумани Ёсин
дар дами назъ расидам
ва атри ёсро аз нафаси зиндагон шамидам…»

Бубахш, эй ки туро дӯст доштан натавонистам,
Бубахш, душмани ман!
Ба қадри як сари мӯ ранҷишат намехоҳам.

Ту, эй ҳабибтарин ёр, савобтарин пиндор!
Маро бубахш, ки бо ин ҳама гуноҳ
ба сӯи ту мегироям
Ва аз дурдасти нуқсон
ба ҷустуҷӯи такомул,
ба ҷустуҷӯи ту мебиёям.

Ало, нажоди Башар!
Дар андешаи зеботарин бубояд зист…
Агар ба бад бифизоем андаке некӣ,
Бад он қадар бад нест.

14.06.2002

## ГОТИ ГУМШУДА

Дар марғзори шикастаранги таърих
гӯсфандонамон алафи афсӯс мечаранд
ва рамаи рамидаи моро
шубоне нест аз ҳадиси Зардушт.
Роҳи чарогоҳи рамаи андешаро
дар куҷое кӯр шуда
хати қадимаи авастоӣ…

Дар водии бенавои сарнавишт
говҳомон аз куҳансолтарин манзараҳо дуранд
ва подаи беҷодаи моро
подабоне нест аз силсилаи хуни қадима.

Дареғ, дар мусобиқаи асолат аспҳомон ланганд,
зеро зотӣ наянд
ва галаи чалаи моро
Ардашере нест аз нобтарин хуни каюмарсӣ.

Дар ин Вақту Фазо
рӯидааем дар вуҷудамон
зишттарин феъли худро…
Мағзи мо ғизои шоҳонаи ҷаҳолати Заҳҳок аст,
Фикрамон дар шиками мост.
Имон надорем
ба таҷаллои хуршед дар зеҳни вартоҷ ,
Чашми нафсамон хира бар шайтонии тилост…

Бояд биравем ба дунболи обҳо
ва раҳораҳ хунамонро
биполоем аз ҳуҷайраҳои бегона.
Гӯсфандонамонро дар чарогоҳи худӣ бибонем,

Говҳомонро дар алафзори фаридунӣ бичаронем,
Аспҳомонро бипайвандем ба зоти саманди сосонӣ.

Бояд ба асли реша расем
ва қадди сабз кашем ҷавонии ҷовидонаро
аз қадимтарин ҳуҷайраи худ
дар Сарви Кишмар…
Бояд ба худ оем,
хун ба хун ба худ оем,
ҷон ба ҷон ба худ оем.

25.12.2001

## ҶОДУИТАРИН РАБОИШ

Дар ҷозибаи занонаи миқнотис
дили оҳании маро
мекашӣ ба хилвати пайвастан
ва дар ҷодуи духтаронаи нигоҳат
ҳуши маро тасхир мекунӣ.
Эй ҷодуитарин рабоиш!
Чашмҳоят зеботар аз ишқ,
Дастҳоят нармтар аз навозишанд…
Бигӯ: «Дарё!»,
то биғарқам.
Бигӯ: «Оташ!»,
то бисӯзам дар иштиёқи ту.

28.11.2001

## НАМОЗИ КАЙХУСРАВ

Падруд, эй замин, эй нимаи вуҷуди инсонии ман!
Хокатро дар ҳаҷми пайкарам
ба мину иқтибос мебарам,
эй амонати ҷовидонии ман!
Эй намозгоҳи рӯҳи падари ман
дар шукуфтани гиёҳҳо,
Туро ҳамеша баҳор аст бехазонии ман.

Пайвастан дар маънии об бо таҳорат омехтан аст,
Омехтан дар хуни ноб бо асолат пайвастан аст.
Лаҳзае, ки имонам дар уқёнуси Авасто
ғарқид маро дар умқи покизагӣ,
дарёфтам гавҳари муҳаббати Туро,
эй Аҳурои ягонаи ман!
Ва дар замзамаи Зардушт
ихлосамро мавҷзанон дар боли ниёиш
то гӯшаи боми ту паридам.
Лаҳзае, ки таровиш кард
дар шараёнам хуни сиёвушӣ,
қатра-қатра боварамро
ҷорӣ шудам ба асолати уқёнус
ва намозамро дар набзи хеш
ба номи Худои худ тапидам:
«Туро ҳамеша зебост пиндори ман».

Аз тақлид зина-зина масеҳвор метавон хазид
лоақал то остонаи хонаи хуршед,
Аз имон лоақал то худ метавон расид …
Муъҷизаи Масеҳ тақлиде аз нӯшдоруи каёнист,
Меъроҷи Исо тақлиде аз уруҷи Кайхусрав
ба осмони ҷовидонист.

Эй ягонатарини ман!
Ҳамеша ба озодӣ ва озодагии худ имон дорам:
Туро ҳамеша гуфтори ман шевост,
Туро ҳамеша кирдори ман пайдост,
Туро ҳамеша пиндори ман зебост.

Падруд, эй замин!
Эй озодатарин оғӯш!
Муҳаббати туро ба мину иқтибос мебарам,
Ёд ор аз Кайхусрави Сиёвуш.
Падруд!

25.05.2002

**БЕНИЁЗӢ**

Аҷзамро пӯшидам
аз либоси ло тамшӣ филарзӣ,
То ба фахрам мазаммат начакад аз лабҳот.
Мурдам дар хамӯшӣ,
чаро ки сухан пайкараи ҷон буд.

Аналҳақ, яъне чӣ?
– Вақте ба ҷуз ман кас намонд.
На!
Аналҳақ –
Яъне ҳеч кас намонд.

28.07.2004

## МУСОФИРИ АСОТИР

Аз ривояти қадима меоям –
аз замони танҳоӣ дар масоҳати Зарвон.
Дуруд! Эй имрӯз!
Ман ривоятам, маро бишнав!

Вақте ки Танҳоӣ дар азал густарда буд,
касе ниёзи шунидани розе надошт
ва Хомӯшӣ пои урён
нармак-нармак қадам мезад
то ба самъи Зарвон.
Забон – забони наботӣ буд
ва дар он Калима месабзид.
ҳанӯз офариниш мукаммал набуд,
зеро лоиҳаи Дӯзах таҳрир мехост
ва Гуноҳ дар замин
нарасида буд аз қувва ба феъл.
Ҳанӯз Тарс ранг надошт
ва дар барги бед намеларзид
Изтироброб
қатраи симоб бехудона намелағжид.
Ҳанӯз заҳри мор истиораи ғам хӯрдан
ва дуд ташбеҳи оҳ набуд
ва хор дар зулмати ибҳом
душманиии гулро намеварзид.
Ҳанӯз ҳаракати афъӣ хусумати касеро намехазид
ва дар вуҷуди шамоли сард оҳи касе намевазид…
Хулоса, фикре назода буд душмании неку бад
ва ихтилофи Савобу Гуноҳро …
ва дар лоиҳаи Дӯзах
тарҳи касе ё чизеро накашида буданд…

Аммо баъд, сабза дар нафси наботӣ
ибтидои Инсониятро медамид
аз тафаккури Зарвон,
вақте ӯ аз Покиву Зебоӣ Ҳурмуздро меандешид…
Ногоҳ шубҳа кард ба Покию Зебоӣ
ва аз шубҳа дар батни зеҳнаш
Аҳриман муҷассам шуд.
Некиву Бадӣ зиштиву зебоиро
падид омаданд тавъам
аз Зарвон, ки вуҷудаш Тафаккур буд…

Боре зоиши Зебоӣ зебост
ва зоиши зиштӣ зишт.
Фикри зебо шабеҳи таҳорати нурест,
ки дар батни обанбор
ғизо аз чашмаи покиза менӯшад
ва дар тангкӯчаи сими арзиз
мехазад вуҷудашро ба ободӣ
ва механдад рӯшаниро дар чароғи барқӣ, –
яъне тавлид мешавад зебо.
Аммо фикри зишт
тимсоли каждум аст, ки дар зеҳдони зеҳн
пас аз дарки лаззати такмил,
шиками модари хеш мешикофад, –
яъне зода мешавад нозебо...

Эй Имрӯз!
Ман шоири овораи биёбони Асотирам
ва аз ривояти қадима меоям.
Ман ривоятам, маро бишнав.
Вақте аз замонаи Танҳоӣ дар масоҳати Зарвон
ва моҷарои Аҳриману Ҳурмузд
то ба Зардушту Авасто расидам,

дар сояи се шохаи дарахти Хирад
се ҳазор сол рӯҳи овораамро орамидам:
Яъне ҳазор сол дар сояи Пиндори нек,
ҳазор соли баъд дар сояи Рафтори нек
ва ҳазор соли охир дар сояи Гуфтори нек
такомул ёфтам ҷонамро ва озмудам зеҳнамро.
Аммо баъд, бо як ҷаҳиши рӯҳонӣ
аз замони Тавроту Мӯсо ва Инҷилу Исо
то лаҳзаи нузули Қуръон расидам
ва ҳадиси охирин Паямбарро шунидам:
«Беҳтарин тоат андеша дар Офариниш аст».

Эй Имрӯз! Ман ривоятам.
Аз Дирӯзи дур меоям.
Маро бишнав,
Вагарна забони Дирӯз бо ман ба Хомӯшӣ,
сипас ба Фаромӯшӣ рахт хоҳад баст
ва қадимтарин Ҷоми Ҷам
дар косаи сари ман холӣ хоҳад монд
ва дар зери хок хоҳад шикаст.

14.12.2000

## БОҒИ АСОЛАТ

Ман аз обсабзҳо нилуфарро дӯст дорам,
чаро ки реша дар оби ҳавзи покизагист
ва ҳамеша зинда аст Яштҳои авастоиро
дар лаҳни қадимаи зардуштӣ.

Ман аз дарахтҳо себро дӯст дорам,
чаро ки дарахтест биҳиштӣ
ва модари меваест ишқолуда
дар боғи Таврот.

Ман аз алафҳо себаргаро дӯст дорам,
чаро ки гули ложварди ба арғувонӣ моилаш
ибтидои мазаи ангубин дорад
ва шабеҳи таслис дар оғӯши Инҷил аст.

Ман аз ҷамъияти гулҳо ёсаминро дӯст дорам,
чаро ки атри расули сабзро дорад
ва вуҷуди нозанинаш
сураи Ёсин дар Қуръони биҳишт аст.

Ман аз боғу чашмаҳо
мижгону чашмҳоямро дӯст дорам,
чаро ки бо обсабзу себарга
ва ёсамину дарахти себ ҳамнажоданд.

Ман аз Худоҳо танҳо Туро дӯст дорам,
эй Он, ки ягона меҳрубону бахшояндаӣ
ва имони маро ба раҳмати зебоят зиндаӣ.

03.10.2001

## НИҲОЛИ ТАВБА

Пас аз имшаб шукуфтанро
ба тангкӯчаи муғчаҳо бояд бурд
ва дар растаи гулфурӯшон
ба коми иштиёқи занбӯри асал
шаҳд бояд хандид,
Яъне субҳдам дилҳо ва чашмҳоро
ба мазҳари таҷалло бояд бурд.

Дӯст! Ё Дӯст!
Ишқро дар дил,
дилро дар пайкари ман,
вуҷудамро дар чашмҳоят
ба нигаҳ мубаддал соз
ва дар канори биҳишт андоз.
Маро умедвори тараҳҳум кун
ва дар тулӯи шукуфаҳо
ҳастиямро табассум кун.
Ғуссаи ложвардиямро дар осмон бигустар
ва рӯҳамро
дар офтобу моҳу ситораҳо бидурахш
ва дар сифати зебои меҳрубоният
гуноҳи феъли қадими маро бубахш.

Дӯст! Ё Дӯст!
Маро бо риштаи борони раҳматат
бикаш ба бистари абри сафо шудан
ва имонамро дар хаёли мубарроят
ба он сӯи осмонҳо
ба офтоб ва то ишқ
болу пар бикушо

ва дар муҳаббати оҳанрабо
  аз оҳани пайкар маро зи ман бирабо.

Дӯст! Ё Дӯст!
Дили маро аз миёни кӯҳнаколои бозори дунё
  бо бори амонати азалӣ
    аз танам ройгон биситон
ва ин интиҳои ғамангезро
  ба он ибтидои табассуми
    шукуфаранги боғи абадият бирасон.

Дӯст! Ё Дӯст!
Дилам самимитарин тапидани ишқи Ту
ва тамомии ҳастиям
  ниҳоли қадкашидаи орзуи Туст.

Дӯст! Ё Дӯст!
Дар тамоми ҳуҷайраҳоям
  Туро дӯст медорам
онҷунонки боронро
  як соқа гандум дар замини корам.

13.11.2000

## НАМОЗ РОҲИ РАҲОСТ

Вақте ки сурури рангро
медамад аз лабҳоям табассуми гунг,
эҳсос мекунам, ки дар лобалои дилам
Худо хушнуд аст аз покизагии обу гилам…

Ман аз кӯчаи Куфр кӯчидам,
аз гузаргоҳи Гуноҳ гузаштам
ва ба шаҳри Шак шабохун задам;
шишаи шариати Шайтонро шикастам
ва аз ҷодуи шароб ворастам.
Инак, вораста аз Куфру Гуноҳу Шак
бо дилу чашму пои батаҳорат
бозомадам ба даргаҳи муҳаббатат, эй Дӯст!
Саломалайк!

Дишаб аз даричаи руъё
дастҳоямро дидам: Ду шохаи нуранд
ва лабҳоямро шунидам: Пур аз замзамаи Забуранд
ва диламро шамидам: Атри асолати Қуръонро
оят-оят ошиқона метапид…
Таъбири хоби ширинам
намози бомдоди дилам ба балоғати сапеда буд,
ки сафои ишқро медамид
ва натиҷаи руъёям
тулӯи маърифати имон буд –
яъне ба ҷуз намоз раҳи раҳо нест.
Инак, ҳар нафасам
номаи намоз ба номи Туст, эй Дӯст!

12.10.1999

## БО ЗАХМАИ ОФАРИНИШ

Эй муғаннии азиз!
Бинвоз замонаи дурдасттарини маро
дар хамӯшии торҳои оҳанини рубоб.
Бинвоз хотираҳои зиндагии қадимамро
дар лаҳзаҳои ҳаётранг,
Бинвоз аввалин садои набзамро
дар мафҳуми ибтидоии дил.
Бинвоз, фаҳмишамро бинвоз!

Чаро мусиқӣ руҷӯи тарабро ба дил
ва бозгашти ғамро ба хотира
замзама мекунад?
…………………………………………
Чаро нуқтаҳои хамӯшу мармуз шабеҳи нуқтаҳои нут?
Чӣ розе ниҳон аст дар ду нуқтаи сукут?
Худо ҳаким аст,
ҷуз ҳамин чакома
набуду нест посухи чаро ва нуқтаҳо.

Оре, ман медонам,
балки дар сапедадамтарин лаҳзаҳои қотеъи дард
Ирфонро содиқона медурахшам
ва посух мегӯям:
Мусиқӣ садои баҳамомехтаи чаҳор
зиндагии рӯҳонии инсон аст,
ки моро сӯи абадият ҳаракат мекунад.
Масалан, дар моҳияти рубоб
зиндагии ҷамодии мо сим аст,
ҳаёти наботии мо чӯби мушаккал,
порае аз зиндагии мо дар мартабаи ҳайвон
пӯстест дар косаи сари чӯбӣ

ва дасти навозандаи ромишгар
ҳамин лаҳзаи будани мост
дар ҷону ҷисми инсонӣ…
Вақте сим наворо меларзад,
мо бехабар аз дарки асли маънӣ
дар қадимтарин замонаи беибтидо
ҷамодияти маъсуми худро лаззат мебарем.
Навои най зиндагии мо дар чӯб аст,
балки нолаи буридани мост
аз ҳаёти гули ёс ва дарахти себ,
ки замоне моро шукуфтаанд
ва хазидаанд то атру ширинӣ аз реша.
Садои табл аз пӯсти мост,
ки зиндагии ваҳшиёнаи моро
дар хулосаи ҳайвон
наъра мезанад бо зарб.
Ва ту,эй муғаннии азиз,
ҷузъе аз маҷмӯаи зиндагии инсонӣ
ва дар пардаҳои мусиқӣ
навозиш мекунӣ ваҳдати Ирфонро.

Бинвоз маро, эй муғаннии азиз,
орифона бинвоз!
Бинвоз маро дар ҳафт пардаи рамз,
дар шаш мақоми ниёзҳо,
дар панҷ тори эҳсос,
дар чор гоҳи аносир,
дар се савти сурур
ва дар ду лаҳни зиндагӣ
бо як захмаи офариниш.
Бинвоз, маро бинвоз!

03.10.2001

## ТУРО МЕСАРОЯМ БАРОЯМ

Эй бениҳоятӣ дар ишқ!
Бечуниятро бечунучаро ошиқам,
Бесӯиятро дар бесамтии хаёл
меандешам берун аз арзу само.
Хунам назокати нозаниниятро
дар асолати азалӣ зинда аст
ва диламро
ба ёди себи сурхи рӯят
ошиқона метапад.

Овозиобвор покизагии хаёлатро
аз шунидан ба фаҳмидан
ҳаракат мекунам
ва фикрамро
дар муаммои зулфи Ту мебандам.

Эй покизагӣ дар моҳияти борон!
Гоҳе ки шабнам аз сафари боло
чашмҳоямро мечакад
дар косахонаи чашми лола,
Туро дар нигоҳи барчида
аз дида ба дил мешитобам
ва мебӯсам ёди чашмҳоятро.

Эй шунидани номат осоиш!
Бечунии Туро дар сабки бечун
Сурушона месароям
ва дар авҷи замзамаҳои ошиқона
Туро мешунавам
аз садои бесадоям.
Ҳамеша
Туро месароям бароям.

29. 04. 2003

## ДАР ОРОМИШИ МИНУӢ

Дар тариқати шаршара
рӯҳамро шоридам
аз баландии ноогоҳӣ
ба поёни нодонӣ
ва ҷорӣ шудам худро
ба уқёнуси шинохт
дар ҳолати ирфонӣ.

Дар меъроҷи фикри об
аз бухори тафаккур
парвоз кардам диламро
ба парниёнии абр
ва оят-оят борон чакидам
дар зиндагии наботиям
аз баракати қуръонии абр.

Инак,
нардбони ирфонро
аз фарози Бесутуни бесӯӣ
нозил шудаам
то марзе ниёишхез
ва дар дуо худро хазидаам
то оромиши минуӣ.

14.08.2003

## БА НОМАФҲУМИ БЕСӮӢ

Вақте мерасидам аз номаълуми бевақтӣ
ва соатро қадам мезад нафас,
беист мепаймудам умрамро
ба рӯзи мавъуд –
ба лаҳзаи нобуд…

Ҳанӯз дар тоблуе кампутарӣ
Гунҷишк –
беқарории кӯдаконаи нигоҳам
ҳароси садоямро аз баҳори хокбозӣ
ба минуи амният мепарад.

Бодбодак –
намои табиии рӯҳи бегуноҳам
аз зарду сиёҳи хазону ялдо бепарвост
ва дар баррае ширмаст
ба сабзи чарогоҳи осмон медавад
ва офтоб мечарад…
Ҳамеша
ин сӯ идомаи он сӯ буд
дар иҳотаи беинтиҳоӣ
ва ман мерафтам
ба номаълуми бевақтӣ –
ба номафҳуми бесӯӣ
бо бедаступоӣ.

14. 08. 2003

## ТАВБАИ ОДАМ

Вақте салои сафар мори рашкро
ба самти саодати ман мехазид,
дар ҳаҷми яку ним одам
урёнии андешаро
дар истиораи барги анҷир
паноҳ бурдам.
Вақте нози боронии илоҳиро
ниёзи сабзи гиёҳӣ менозид,
эй нозанин,
дасти иштиёқ ба гардани гандуми
гуноҳ бурдам.
Ҳазор вой бар ман,
чаро ки об аз сароби хиёли ташна хӯрдам
ва, эй ҳама,
савобу гуноҳи шуморо
дар вожаи Одам фишурдам.

Аз барои Худо,
маро бубахшед,
эй ҳама!
29.07.2004

## МАН ОФТОБ МЕХАНДАМ

Салом алайк, эй росттарин субҳ!
Эй умед ба рӯзи нав
дар тулӯи гулбонги парандаҳо!
Эй шукуфтани имон ба рӯшноӣ дар офтоб!
Бо орзуи шаффофи дидорат
чашмҳои зебоям
шабеҳи чароғони кӯчаҳои шаҳр
дар фарози симчӯби танам
зинда доштанд пайкари сарди имшабро.
Инак, дар истиқболи расиданат,
эй талияи сипоҳи хуршед,
аз сурати шаболудаям
гарди гуноҳони шаборӯзии худро
бо калимаи тавҳид хоҳам шуст.
Аз як каф покизагӣ, ки дар рӯҳи об аст,
хоҳам шамид шамими номеро
ва аз андаруни ҷони худ сало хоҳам зад:
Ту бузургтаринӣ,эй Дӯст!
Ту ягонатаринӣ, эй Дӯст!
Ибтидои намози ман ба номи Туст!
Оре, ман муаззини сапедадами ишқам
ва субҳро дамидаям дар дили худ,
сипас, бо нигоҳ интишор додаам.
Эй дарахтҳои сабзпӯш!
Эй обҳои хушлаҳҷа!
Эй парандаҳои ҳамчашму ҳамзамзама!
Эй мӯрчаяки сиёҳи беозор!
Эй ҳама чиз ва ҳама кас!
Инак, ба рӯи шумо офтобро
дар шафақи лабҳои намозиям
бо тамоми садову ранг ханда хоҳам кард.
Ҳой, бархезед, эй ҳама!
Барои шумо офтоб механдам!

15.06.2000

## ВАҚТЕ КИ ДИЛ САВОБРО МЕТАПАД

Вақте ки оромиши диламро
аз арғувони гунаҳоям
ба сӯи номаълум
парид парандаи ранг,
дилам тапид як андӯҳи сардро дар амвоҷ –
дар чини таассуфи ҳавз
ва барги бед зи ман акси тарсро
дар тапишҳои сарду сабзаш инъикос кард…
ва бод яъси маро
оҳи дарднок кашиду гузашт
як нафас умрамро.

Вақте ки дар ғуруб
маро инфиоли офтоб ба хун оғушт,
дилам тапид як андӯҳи сардро
дар амвоҷи дарё, ки хотири маро
парешон мешуд…
ва нигоҳам ҳайрати кабуди осмонро
ба нуқтаи мубҳам бурд
ва мижаҳоям иштиёқи найи аз найистон буридаро
ба дард нолиданд…

Вақте ки чашми сиёҳи шаб гунаҳи маро
аз дами теғи мижагони қаҳри касе
фотиҳона нигарист,
дилам тапид як андӯҳи сардро
дар амвоҷи уқёнуси торикӣ –
дар сатҳи тарси беранг
ва мижаҳоям баҳам заданд зулмати гунаҳро
ва чашмҳоям дари савоби мунавварро
аз андарун боз шуданд
ва дилам дубора тапид лаззати рӯшаноии ботинро…
Худоё! Чӣ тапидане зебо!

24.08.1999

## МУСИЧА

Субҳ омезиши рангу садост –
яъне издивоҷи сапеда бо гулбонги хурӯс.
Бале, касе то ин дам сапедаро
бо ин маънӣ таъбир накарда…
Ман аз ҳавои тоза нафас кашиданро дӯст дорам,
чаро ки дар шаҳри биёбонфеъл
иқтибос аз таровати кӯҳистонам…
Чашмҳоям баъд аз ҳазор сол низ
сапедаро ба завқи ман маърифат хоҳанд кард.
Инак, субҳ ҷузъе аз рӯшании кулл аст
ва савори қатра ба уқёнус
ҷорӣ шудани дили зебои ман
ҳидояти дили қавм ба сӯи сафост.
Боре дарахте ҳикоя кард:
«Ҳеч гоҳ аз барои сояи худ
бо касе хусумат наварзидаам,
… шояд, рӯзе азизе аз дур маро ёд кард
ва себе аз дастам афтоду ба сари сояпарварде зад,
дилам хиҷил шуд.
Аммо касе аз андаруни ҷонам гуфт:
Он чӣ аз дастат афтод, санги маломати қазо буд».

Оре, санги қазоро дасти дигаре бар сари мо андозад,
то сангандози пинҳон бегуноҳ бимонад
ва касе аз ӯ гумони бад набарад…
Эй ситамгаре, ки сахт дӯстат дорам,
Розе дорам, иҷоза бидеҳ, бигӯям: «Мусича!»

03.10.2001

## ЗИНДАГИИ ДАРЁӢ

Дирӯз аз соҳили дарё
пиёда гузаштам
соате аз умри азизи худро…
Дар фосилае сапед нигоҳам вуҷуди маро
дар сатҳи таҳорати дарё полойид
ва нафас кашидам ҳастиямро
аз покизагии ҳавои соҳили дарё.
Ёдам ҳаст: дар фосилаи миёни се нафас
моҳичае фикри маро ба авҷи мавҷ
муаллақ зад ба ҳавас
ва дубора ғӯта хӯрд ҳушамро
ба лаҳзаи маърифати таҳорат –
дар умқи рози мушкили дарё …
Воқеан, боз касе ҳам буд
ва ӯ дар амнияти моҳиҳо
чанг меандохт ниёзи худро
ба талотуми дили дарё,
аммо фанди ӯро моҳиҳо фурӯ намебурданд.
Ба гумонам, дар зеҳнаш он мард
ба дарки покизагӣ ҳанӯз наомехта буд,
вагарна таҳоратро дар чанг дошт …
Аммо баъд… дар рӯҳи дарё шино кард
хаёли ман ба хотираи таърих,
ба дурдасти асотир,
ба хонақоҳи сӯфиёни маҷзуб
ва ман самоъ мерафтам гузаштаҳоро
дар таровиши мусиқии тозаи об,
Маро акси ман мечархид дар оғӯши гирдоб
ва мерақсид ваҷдамро мавҷи оинаи дарё.
Билохир, умри ман дар зеҳни об ғарқид
ва ман аз соҳил барчидам
охирин ду қадами як соати зиндагиямро.
Давоми умрам дар замонаи мошин метохт…
01.06.1999

# ПОДОШ

Ғунчагиҳоямро баҳор ба иқтибос гирифта,
Покизагиям дар навори шабнам маҳфуз аст.
Шукуфоиямро гули олуча сӯфиёна мерақсад,
Оҳ, хазонсарнавиштиямро
марги падар дар барги зард
маъюсона ишора кард.
Инак, дар ин ояти шеърӣ
худро дар умқи андеша
файласуфона фурӯ меравам
масали дарахте аз баландтарин барг
то поинтарин реша:
Вақте медамид сапеда маро,
Инак, сапедаро дар сари сахтам
мӯбамӯ медамам шабеҳи гули санг
ва дар устухонҳоям захира мекунам
дамидани фусфуриро,
то зери хок ҳам сафедиро
ҳамеша бидурахшам.
Вақте мерустанд рустаниҳо маро,
Инак, мӯбамӯ мерӯям гиёҳонро
дар сару бари рӯям
ва дар нохунҳоям менумӯям.
Вақте чашмаҳо нигоҳи маро
ба покизагӣ ҷорӣ мегаштанд,
Инак, қатра-қатра мегирям чашмаҳоро
дар боронрезии чашмҳои ғамомехта.
Вақте хок маро муҷассам мегашт,
Инак, медонам…,
рӯзе дар пуштае пур аз ғамгиёҳ
хокро муҷассам хоҳам шуд
аз пайкаре дарҳамрехта.
Вақте ҷон маро зинда медошт,
Рӯзе ҷонро аз худ холис хоҳам шуд.

27.11.2001

## ДАР ИН ЗАМОНАИ ДЕВОНА

Вазиши бод саломи ояндаҳост,
Мешунавӣ?
Ҷорӯби зарҳалини хуршед
ғубори шаби ҷаҳолатро
аз гузаргаҳи вақт хоҳад руфт.
Нури чароғи маърифат
дар лаби ҷӯбори худшиносӣ
замзама хоҳад гашт
ва табассуми виҷдони моро
сабза хоҳад дамид
ва ғунча хоҳад шукуфт.

Бигӯ, азизи ман, бигӯ,
то чанд дар ин шаҳри гадоёни мутакаббир
гуруснагӣ ифтихори миллист
ва кафшҳои дарида тамасхури оянда
ба қавми раҳгумзада?!
Бигӯ, азизи ман, бигӯ,
чаро саробанд ваъдаҳои ростнамои боғбон
ва боғи ташнатар аз рӯҳи биёбон
ба ҳеч меболад
ва ҳеч менӯшад?!
Бигӯ, азизи ман, бигӯ,
чаро дар ҳошияи бозори навколоён
касе аз кӯҳнафурӯшон
намехарад матоъи даридаи инсофро?1
Бигӯ, чаро даҳондаридаҳо хамӯшанд?!
Бигӯ, чаро чаман пур аст
аз нигоҳи чашми дарида?!
Бигӯ, ки ҳеч намегӯям ва ҳеч низ магӯ.
Сукути сиёҳ амнияти сари сабз аст…

Вазиши бод саломи ояндаҳост.
Оре, тулӯи садои хурӯси пир
паёми ҷории бедорист
ва мешорад субҳро
аз гӯшҳои мо ба дилҳои хобрангамон.
Биё, азизи ман,
ҳар киву ҳар чиро ба номашон хонем,
яъне мазҳари покизагиро – об,
исёни ғуссаро – дард,
хурӯҷи беғамиро – ханда,
нағзро - нағз, гандаро – ганда..
Биё, азизи ман, хори муғелонро
гули сари сабади ҷамъияти боғ
ва хориро оини худ нашуморем.
Биё, азизи ман, лоақал бо худ бигӯем:
Дар диёри истисмори мо
аз сӯи корхонаи бераҳм
музди моҳонаи кори мо
ночиз аст дар қиёс бо ҳаққи якрӯзаи дасти гадой…
Биё, ғурури худро аҷз аз гуруснагӣ бихонем,
то дурӯғ нагӯем…
Биё, ба танфурӯшии хонумҳои гурусна
аз нигоҳи дигар нигарем
ва ҳаммолии кӯдакони ноболиғро
талош барои зистан шуморем...
Биё, муҳоҷирати мардонро
ба ғуломии шаҳрҳои сарватманд
далели заъфи Эъломияи ҳуқуқи башар донем
ва аҷзи талх бигирйем ба ҳоли худ –
яъне ба ҳоли мо…
Биё, азизи ман, хамӯш шавем,
ба ҷуз сукути мо ҳеч посухи муносибе нест
ба ин замонаи девона…

16.05.2000

## РАҚС

Ва инак даррасид
лаҳзаи танги ваҳм, ки дар он
бузургии талхи ҳақиқат намегунҷад…
Дилам рамзи фикрамро фишор мехӯрад:
«Ваҳми шабнам ва ҳақиқати уқёнус».
Худоё!
Чӣ ғамангез аст танҳоӣ!

Инак, розҳои урёни диламро
дар ҳавои дасткӯбии мижаҳо
ба рақси марҳамона меангезам…
Куҷост атри димоғнавози гесувони навозиш?
Чаро дар нигоҳе
намеболад меҳрубонии касе ба сӯи ман?
Чаро муҳаббати мардум парандаи дайду?
Чаро отифаи ошноён саги ҳайдав?

Худоё!
Суол ҳамеша далели урёнии фикр аст
ва чӣ ғамангез аст рақси розҳои урён
дар ишораҳои гунгу links мармуз!
Дареғ! Дар ин қабила
касе забони рақсро намефаҳмад!
Аммо ман фикрамро
то охирин ишора бехудона хоҳам чархид
ва дар ҳар вожаву ибора
девонавор хоҳам рақсид…

Наметавонам!
Э вой, наметавонам бишканам
бути ташнагии ҷонсӯзро
аз обҳои касифи ҷӯбори ошноӣ…

Истилоҳи иштиёқ месӯзад ҷони шеърамро …
Гушна шудам….
Кучост дидори гандумии одамиёна?
Дилам гирифт
          аз меваҳои гандидаи сояи дарахти худхоҳӣ.
Раҳоӣ мехоҳам
        аз занҷири гарони рафоқати маснуъ,
                        ки гулуи эътиқодро мефишорад.

Дареғ! Сад дареғ!
                    Ҳатто паранда дили моро намеболад..
Э вой!
          Ҳатто паранда аз мо меҳаросад
                        ва дар қафас ҷаҳолати моро менолад.
Ҳатто паранда аз мо метарсад…
Ҳатто паранда аз мо…
Ҳатто паранда…
Кифоя!
     Дигар шеър намерақсам,
          чаро ки рақси маро касе намефаҳмад.

15. 05. 2003

## ТАКРОР

Вақте ки дар ҷисми ман
андӯҳи дардноки пажмурдан
ояти адам дар вараќи барг аст,
Нумӯи сабзаро
ҳаракате ба сӯи хазон мебинам.
Оҳ … афсӯс! Талоши зистан
кӯшише ба сӯи марг аст.

Вақте мисоли беди лаби ҳавз
тасвири ман дар оинаи об
мавҷ мезанад гузаштани умрамро,
Меларзам ғуссаҳоямро барг – барг
дар тамомии пайкарам
ва зери пои аҷзи худ
сояи яъси сардамро мегустарам.

…Оҳ, ёдам ҳаст:
Рӯзи марги падарам
орият гирифтам аз бед як асо андӯҳ
ва такя задам мусибатамро
ба сабри ҷамили боғ…
Ғуссаамро ба алам оби ҷӯбор ҷорӣ шуд,
Нолид ҷонамро дарди гунги шохаи бурида
ва даррасидам ба маърифати дарди дарахт…
Ба дил ният кардам:
Мебояд дарахте бипарварам
барои писарам.

Вақте ки чашма
кӯдакии маро ҷорӣ шуд
ба сиюдусолагии рӯд

Ва баҳор ғунчагии маро сафар кард
ба ғурагии тобистон,
Лаҳзае андешидам аз ҳуҷуми хазон
ва эҳсос кардам: ҷозибаи адам
лаҳза-лаҳза мекашадам
ба оғӯши адам …

Дишаб падарамро ба хоб дидам,
Оҳ мекашид ва мегуфт:
«Фардо туро адам
меорад аз мусофират
дар хоби писарат».
Забони шиква кушодам:
«Дареғи кӯдакӣ, падар,
ки варо чашма ҷорӣ шуд
ба сиюдусолагии рӯд».
Гули табассуме ба лаб дамиду гуфт:
«На, кӯдакии ману ту дар чашма
ҳамеша маҳфуз аст».
Вақте чашм кушодам аз рӯъё,
Сиёвуши кӯчак дар биҳишти бистар
ғарқи хоби сабзи гиёҳӣ буд
ва зеботарин манзараҳоро хоб медид
ва дар завқи бегуноҳӣ
мазмуни хоби беғашашро
лаҳза-лаҳза механдид.
Лаҳзае кӯдакиро дидам, ки кӯчида
аз ҷисми ман ба ҷисми Сиёвуш,
Ва даррасидам ба дарки рамз –
ҳикмати омадшуди баҳор –
яъне ба фалсафаи такрор…

01.06.1999

## МУННАҚИДИ ШАБ

Шаб аст…
Хаёли маҳтобии мӯи модарам
ҳаққи ширашро мерезад
ба коми хотирам.
Дилам биҳишти кӯдакиямро
ширин-ширин гум мезанад,
Аммо оҳе печакиву оташӣ
дарди ҳаҷри лаҳзаҳоро
дар лолаи лабам мепечад
ва месӯзад диламро ба ҳоли ман…

Имшаб маҳфиле дорам: аз ҳасрате гулиқоқуӣ,
аз изтиробе баргибедӣ,
аз бедорие чашмисафедорӣ
ва боғчаи диле дорам
пур аз бунафшае рангиандӯҳӣ
ва низ ҳамсояманзиле дорам-
лонаи нолаи мурғи шабовез,
ки гузаштани лаҳзаҳоро менолад:
«Дареғ, ҳар нафас умрро мепаймояд».
Кошкӣ паранда мебудам,
то ҳамболи хаёли худ чашмҳоямро
ба манзараҳои минуӣ:
ба ғунчагии ҳастиям,
ба болидани лаҳзаҳои сабзам
дар боғчаи канори модар
бол мекушодам
ва бар шохаи абадияти зебоӣ
дар тасвири дарахти сӯзанияш
аз хасу хори мижаҳоям лона мениҳодам.
Кошкӣ паранда мебудам,
то худро ба кӯдакӣ мепаридам
ва ба боғчаи домани модар.

Дареғ, парандаи умр лаҳзаҳоямро
ба адамистон мепарад
ва дона-дона гандуми ҳастиямро
ҳарисона мехӯрад.
Аммо имшаб бо риштаи мисраъҳо
пои парандаи лаҳзаҳоро
барои ҳамеша мебандам.
Маҳтобии мӯи модар
ва сапедадамии рӯяшро
дар сапедии шеърам мерезам
ба ҳаққи шираш
ва ғуссарангии шаби дуриро
дар дилам мефишорам
ва аз чашмҳоям меборам…
Инак, манам муаллифи субҳу шабнам
ва мунаққиди шаб.

27.11.2001

## ТАСОДУФ

Фикре ғариб дар себе латиф
бар саре гаранг
маърифати Қонуни ҷозибаро
нозил шуд.
«Чун ништари ишқ дар раги рӯҳ заданд,
Як қатраи хун чакиду номаш дил шуд».[1]

05.11.2003

[1] Моли Абусаиди Абулхайр.

## ТАСЛИМ

Раҳи расидани шукуфа то ба мева табиист
Ва на осонтар аз осон
ва на мушкилтар аз ҳақиқати мушкил.
Дар ин масофаи мобайни ҳаст то нест,
Бимон-бимон, битапам
дар ҳадди тапидани мавзуни дил.

Дар ин ҷаҳони қадима
қадимтарин ҳуҷайраи бо асли худ қариб манам
ва дар дилам,
дар тафаккурам,
дар танам
ҳамеша бо манам…
Бубахш, эй замонаи бар ақли одамӣ музаффар,
Наям муқобили ту,
наям муқобили прогрес,
вале, чӣ чора,
туӣ дар муқобили вуҷуди холиси ман
песатар зи пес…

Дигар чӣ ҷои сухан?!
Ба ҷон расидам аз ин мову ман,
азизи дили ман,
биё, хамӯш шавем!
Дар ин замонаи исёни кулли ашё
Чу мисраи бевазн
фаромӯш шавем.

14.06.2002

## АЗ ПАЙДО ТО ПИНҲОН

Меоям
аз ломакони нигоҳи гумшуда
дар нуқтаи номаълум,
Меоям
аз саргаҳи вожа, ки маро
метаровад аз сукут ба садо.
Гулсангвор рӯҳи сангро мерӯям
аз хосияти рӯйиш,
Дар сабзаҳо хунамро ҷорӣ мешавам
то ҳолати тапиш
ва оҳувона медавам ҷонамро
ба сарҳади инсон – ба хилқати гӯё.
Сипас, дар охирин нафас
вораста аз фазои қафас
мепарам парвонаи нигоҳамро
ба нуқтаи мубҳам
ва садое мебарад маро
ба сукути вожа дар сарнавишт.

Дубора мемирад хунам назокати гиёҳиро
дар вуҷуди оҳуе маҷрӯҳ
Ва хунам дар шаҳраги лолае маъсум
мехушкад таровати латифи ҷисмамро.
Оқибат мерӯяд гулсанги фусфурӣ
аз устухонам соядасти ҷонамро
ва мепарам хулосаи холиси худро
ба олами зебои рӯҳ.

14. 08. 2003

# РОЗИ ХОБУ БЕДОРӢ

Хуршед аз ибтидои мусаффо
лаҳзаҳои беҳтарини умри маро
дар корвони нур
аз роҳи пур аз ғубори абр
дар биёбони ложвард сафар кард
ва даррасид ба сарҳади торикӣ…

Медонам, эй азиз,
зиндагии башар гардиши ранг аст:
Ғунчагӣ ранги бегуноҳӣ,
шукуфа ибтидои шукуфоӣ ва бедоғист,
сабзхаттист рамзи сабзу бунафш,
зард самбули марги мо дар барг аст.

Медонам, эй азиз, хоб чист –
Зиндагии рӯҳ дар ғафлати бадан хоб аст.
Дишаб… соате, ки хоб маро аз ман бурд
ва руъё аз олами арвоҳ падарамро
ба чашми рӯҳам омад ва гуфт:
«Баргаштан аз сафар хосият надорад»,
дилам тапид зиндагии ҷисмамро ва дидам:
ҳанӯз торикии саъб
метаровад лаҳзаҳои ҳаёти маро.
Ночор фурӯ рафтам вуҷудамро дар уқёнуси шаб:
дар гуноҳи худ,
дар вуболи худ,
дар дӯзахи худ…
ва умеду тасаллии дилам дар ин сафар
ҳикмати гардиши ранг буд –
яъне поёни имшаб сапеда аст.

25.08.1999

## САФЕД ВА СИЁҲ

Вақте ишқ ҳидояти дил ба хиёбони муҳаббат буд
ва нигоҳ борони меҳрубониро
аз чашмҳо ба мазҳари зебой
нармак-нармак мечакид.
Вақте ҷони мо сӯи ҳадафи бузург
қатраи иштиёқро
то уқёнуси ҳақиқат ҷорӣ мешуд
ва дар пушти лабамон
калимаи шаҳодати сабза
ба ягонагии баҳор месабзид.
Ҳусн дар табассуми мо меболид,
Имонро диламон метапид,
Дастҳомон хеши хуршед буданд,
Поҳомон роҳи сӯи самимиятро мепаймуданд,
Фикрамонро Иблис намерақсид…

Инак, ишқ ҳидояти дил ба сӯи хусумат аст
ва нигоҳ дар киштзори чашмҳо
хӯшаҳои хашмро аз мижагон сар кашида.
Ҳадафи ҷони мо низ кӯчак аст
дар иштиёқи моҳичаҳои зиндони шишагӣ.
Дигар мо ҳаракати баҳорро
дар гулҳои паласмосӣ бозистодаем
ва ҳусни мо рангубӯи маснӯъист
дар табассуми гули қолӣ.
Имони мо ба андозаи шиками мост,
Дастҳомон пардаболи кӯршабпаракҳо
ва зоти зулмотанд,
Поҳомонро дарде ба номи коҳилӣ
дар курпачаи ғафлат хобида.

Фикрамон моро ваҳшиёна мерақсад
дар зарбаи нақораи Иблис …
Вой бар мо! Водареғи мо!

Вақте имони мо дар рӯзи дароз
бар шабҳомон музаффар буд.
Инак, гуноҳи мо дар шаби ялдо
бар рӯзҳомон пирӯз аст.
Вой бар мо! Водареғи мо!

08.10.2001

## ТАНӮРИ ҲАМЕША

Эй даррасида дар хамири расида,
Шукри кулчаи оташранги рӯят
ва гушнагии ман ба бӯят.
Зиндагӣ чист?
Танӯри ҳамеша –
Гоҳ оташӣ,
гоҳ хокистарӣ.

03.06.2004

## ЭҲЁИ САДО ВА РАНГ

Шаб…
Ҳаҷми сукут як шаҳр аст…
Риштаи боварамро
бастам ба марг будани хоб.

Боғ масоҳати сукути парандаҳост
ва садое намеболад «Ё Ҳу»-и ҳудҳудро
дар фазои парешони иштиёқ.
Ночор дилмонда аз ҳолӣ
фурӯ меравам фикрамро
ба таҳхонаи бойгонии замони гузаштаи нигоҳам.
Ҳанӯз мешунавам садои гузаштаҳои равшанро.
Оре, пушти ин шаб дар дурдасти манзараҳо
кӯдакии шаффофи ман
забони мурғонро медонад …
ва ҳар баҳор маро механдад
дар шукуфаи бодоми ширин.
Бале, ҳар чӣ тозаву зебост, гӯиё механдад,
масалан, об, офтоб… ва кӯдакии ман
ҳамеша хандаи шукуфаи бодоманд.
Аммо имшаб сукут сурати андӯҳ аст
ва торикӣ дар раги гардани фазо
ором-ором метаровад замонро …
Оҳ…фаромӯш кардаам чашмҳоямро
дар поёни роҳи равшанӣ.
Хобам шикебоиро куҷо парида? Намедонам!
Ҳой, Суруш! Коре бояд кард,
яъне дар вараҳи имшаб
чизе бояд кашид, масалан, оҳ.
Ва ба тасаллои худ ҳарфе бояд гуфт,
масалан, афсӯс.
На! Хамӯшӣ авлост –
хамӯшии густарда ба масоҳати як шаҳр,

то дилам мавзун-мавзун тапад бесадоиро
дар торҳои таранги аъсобам
масали истиораи сегоҳ дар фикри рубоб…
Ёдам ҳаст, дар ибтидои имшаб
пас аз ҳиҷрати равшанӣ
лағжид сояе бесадо маро
рӯи танҳоӣ, андӯҳ, фаромӯшӣ… ва марг.
Аммо баъд, дар ин торикӣ ва бесадоӣ
ақлам паи тасаллои дилам гуфт:
«Сукути ҳарф сурати овоз аст
ва бесадоӣ абадияти мусиқист
дар лоиҳаи нут».
Ҳолиё дарк мекунам:
Донаки бодом ихтисори ниҳолаки бодом аст…
Ва ман мухтасаре аз маънии куллам
дар ҳаҷми хурдтарин ҷузъ.
Оре, ниҳолаки тафаккур
реша дорад дар умқи мағзи сар
ва аз хуни ман
масали сабза оби ноб менӯшад аз ҷӯбор.
Боре хун дилро метапад ва дил зиндагиро
ва дар зиндагӣ ҷон
ва дар ҷон ҷузъе аз Худост.
Пас, ман мухтасаре аз маънии куллам
дар ҳаҷми хурдтарин ҷузъ.
Худоё, чароғи субҳдам
ёдам овард чашмҳоямро
ва дар садои парандаҳо
дубора маро пайваст
ба шунидани равшанӣ…
ва рӯҳамро болид мурғи намоз
то боми малакутии парвоз…
Дилам бузургии Туро
дар лабонам ҷорӣ шуд: Аллоҳу акбар!
14.11.2000

## АЗ МИСОЛ ТО АСЛ

Вақте ки оташ забона зад калимоти мубҳамро,
Башар дар ибтидои огоҳӣ
фиреби гарми касеро хӯрд.
Ва замоне баъд
эътиқоди гунги наботиро
забонаи оташ мурд
ва каломи гарми фиреб афсурд…
Сипас, дар батни оташ санг оҳан зод
ва оҳан теша таваллуд кард…
Башар дар ҳунар нигарист
ва ҳунар ҳаракати зеҳн
ба сӯи офариниш буд.
Истеъдод теша ба санг мезад,
то мисол офарид
ва мисол қавмеро масдари ниёиш буд…

Дар он фосилаи кӯтоҳтар аз як умри одам
дар фикри чинори дусадсола
Фазо ҳанӯз Ирфони хомӯширо дар батн дошт
ва киштии Вақт зиндагии инсониятро
шино мекард ба сӯи ҷазираи маърифат
ва нохудое огоҳ
хулосаи офаринишро аз тӯфони ҷаҳолат
ба соҳили раҳоӣ раҳнамун буд.
Дар ин миёна дили ман доғи лоларо
ба киштинишастагон ҳикоят мекард
ва гувоҳӣ медод: Ишқ азалист.
Дар замонаи мисолпарастӣ
пайкарасози пире
дар баробари қудрати касе пинҳон
эҳсос кард аҷзи башарро
дар сукути муҷассамаи бовар
ва чашмҳои ҳунари сангинашро нобино дид…

Ночор дар нигоҳаш ба боло хазид,
саҷда бурд Офтобро,
ва ба рӯшаноӣ намоз гузорд.
Замон пардаи абр ба маҳзари бовар кашид
ва оҷиз монд мазҳаби башар дар хуршед …
Ногоҳ чизе шабеҳи Имон
аз андарун дили башарро тапид
Ва ақл он тапиши рӯҳониро ном ниҳод: Ишқ.
Билохира, Ишқ Инсонро болид
ба ибодати ботин-
яъне ба сӯи Худо
ва марде  расиду талқин кард:
Ло Илоҳа иллаллоҳу!

30.12.1999

## ОЗОРУ ОРОМИШ

Дар ҷустуҷӯи беҳтарин лаҳза
нафас-нафас вазидем вуҷуди худро
ба самти номаълум,
ва дар мӯи худ сапедаро дамидем
аз ранги номафҳум…
Ба қуллаи кӯҳи лаззат расидан
озмудани  озори сангинтарин раҳ буд,
арзиши савоби мо дар қиёс бо гунаҳ буд…

Оре, оромиш натиҷаи ранҷ аст
Ва ҳазор озор то даричаи ганҷ аст.

14.06.2002

## НАБУДАНАТРО МЕГИРЯМ, УСТОД!

*Навҳа дар сӯги Устод Лоиқ*

Оҳ, эй Устод, эй ки маргат маро кушт!
Чакра-чакра набудани худро
дар набудани ту мегирям,
зарра-зарра коҳидани вуҷудамро эҳсос мекунам
дар коҳиши вуҷуди ту зери хок…
Рӯзи маргат рӯзи мурдани ман буд.
Оҳ, он рӯзи аҷзи абру борону осмон
ва сардии хуршед
оҳи талхамро фурӯ бурдам,
сиришки шӯр шуд
ва шорид аз дида диламро.
Оҳам сӯхт лабонамро дар оташи дӯзахи ғуссаҳо.
Қитъа-қитъа нолидам,
Қитъа-қитъа гиристам,
Қитъа-қитъа мурдам
ва қитъаи набуданатро хомаам
дар чакомаи бишкаста бишкаст.
Оҳ, эй Устод, эй ки маргат маро кушт!
Дар ин қитъаи дарди нолаҳои най
дар набудани ту менолам
қитъа-қитъа набудани худро
дар набудани ту мегирям
чакра-чакра набудани худро.

Оҳ, эй Устод!
Дилам як мушти афсӯси аз тапиш мондани дили туст,
Лабам як хирман оҳи аз олам гузаштани дили туст,
Чашмҳоям ду уқёнус сиришки аз мижгон
ба хок чакидани дили туст.
Вовайло! Мушти мушти афсӯс бар сари ҳасрати ман!
Воафсӯс! Хирмани оҳам дар лабонам сӯхт!
Водареғ! Дар уқёнуси ғусса ғарқидам!

07.08.2000

## СУКУТИ САФАРИ ЛАҲЗАҲО

Бенавойиро дар тани лоғарам пӯшидаям
бо пироҳане обшуста
ва гарданбанд,
Оромӣ дар чеҳраам пардаест
рӯи дили ошуфта
ва нохурсанд.
Беқадрии тилоии хазон
дар сари сабзам
рози урёнист,
Қофия дар тапиши номураттаби набзам
ганҷи шойгонест.
Сухан дар забони инфиолрангам
шарми гунгӣ мекашад
аз зикри меҳрубонӣ,
Мани макониро мекашад тани замонӣ
ба ҷовидонӣ.
Шараёни роҳ садои пои набзамро
дар истгоҳи сафари лаҳзаҳо
хамӯш мешавад,
Беқарории дилам
дар оромиши пайкарам
зери хокдони тира
пардапӯш мешавад.
Охирин нафас рӯҳамро мепарад
парандавор ба сӯи осмон,
Сукути сафар
бенавойии пайкарамро мепаноҳад
ба зери хоки безабон.
Эй азиз! Эй давоми қофилаи одамизод!
Ин аст хулосаи ин шеъри озод:
Ҳаёт фосилаи байни ду нуқтаи тазодист
ва рӯиҳам нишастани нуқтаҳо
далели якӣ ва озодист.

22.10.2003

## ҲОФИЗАИ МАНЗАРАҲОИ ҚАДИМ

Ҳой! Мешунавӣ?
Вуҷуди мо дар ин ҷаҳон хобу ҳазён аст
ва ман то ба ҳол хоб медидам зиндагиямро.
Ҳолиё дар рӯшантарин лаҳзаи ҳушёрӣ
бедориро дар сириштам
таҷриба мекунам…
ва меандешам:
Оё ин бедорӣ бар мабнои ҳақиқат аст?
Чаро дар масири назарам
падарам замонаи сабзамро пажмурд
ва нопадид шуд?
Чӣ ҷозибае дошт зиндагии хобҳо,
ки маро гарм-гарм мерабуд
чун оҳанрабо ҳуши оҳанро?
Чаро падарам
аз худ рафтани маро намехост
ва мегуфт:
«Бирав, бирав аз ин ҷо,
ҳанӯз барвақт аст»?
Ёдам ҳаст:
вақте бадар омадам аз ҷазираи хобҳо,
дидам, шабаҳе маро интизор аст
дар зиндагии мо
ва ман бехудона
роҳ гирифтам дунболи соя,
ки ба марзи Адам мерафт...

Ҳой! Мешунавӣ?
Равшаниро  метавон кушт бо як оҳи сард
дар вуҷуди шамъ.
Ғуссаҳоро
метавон дар оби дида шашқатор кард…

Метавон дар ҳаҷми як табассум
баҳорро дар зимистон шукуфт.
Метавон гузаштаҳои зеборо нафас кашид…

Ёдаш ба хайр!
Падарам ҳамеша
беозортар аз вожаи шабнам
бар вараќи гул,
Меҳрубонтар аз чакомаи борон
дар самъи сабзаҳо…
ва самимитар аз шеърҳои орифонаи ман буд,
Зебо буд- зеботар аз ман…
Маро зиёдатар аз ман нағз медид…

Ҳолиё касе маро намешиносад беҳтар аз ман.
Ба ростӣ, як инсони табиӣ ҳастам:
Табиитар аз дамидани сабза дар санг;
табиитар аз нафас кашидани санг аз ҳаво;
табиитар аз об хӯрдани абр аз дарё;
табиитар аз лағзиши борон
дар мижаи сабзи алаф;
табиитар аз инқилоби оташ
дар гӯгирди барқ;
табиитар аз садои саъба дар боғ…
ва табиитар аз ҳамин шеър, ки мегӯям…

Ёдам ҳаст:
замоне мо тобистонро табиӣ мезистем,
Падарам мӯҳтавои зиндагии мо буд
ва дар ҷабинаш нури Худо мерақсид…
Аз коза атри сабзи бурс,
аз дастҳои широлудаи модарам
шамими субҳ меомад…

Ман бо субҳ медамидам,
дар гиёҳи худрӯ месабзидам,
дар обҳо ҷорӣ мешудам
сӯи ташнагии алафҳо…
Забони аспу гову гӯсфандон
ва парандагону дарахтонро мефаҳмидам…
Оре, ҳанӯз ҳам кӯдакии ман табиист
дар ҳофизаи манзараҳои қадим:
дар субҳ,
дар об,
дар гиёҳ…

Инак, шабеҳи кабки қафасӣ
дар ҳавои ғуборолудаи шаҳр
минқор мезанам асоратро,
Бехудона механдам ёди озодиро,
манзараҳоро,
дараҳоро…
ва дарунакӣ мегирям чашмаҳоро,
рӯдхонаҳоро,
шаршараҳоро…

Ҳой! Мешунавӣ?
Минқор мезанам…
механдам…
мегирям…
Минқор мезанам…
механдам…
мегирям…

27.03.2000

## ВАҚТЕ КИ МАРГ МАРО МЕМИРАД

Вақте ки чашма
рӯҳи кӯчаки маро аз ҷӯйбору рӯдҳо
то ба уқёнуси ҷонҳо ҷорӣ мешавад,
чизе аз ман боқӣ хоҳад монд, –
яъне ишқе махсус дар диле хоса.

Вақте ки нафас дар насими нозук
лаҳзаҳои маҳдуди маро
то камоли гирдбод мевазад,
чизе аз ман ба ёдгор хоҳад монд,-
масалан, ҳамнафасӣ бо сури Сирофил.

Вақте ки дасти рост
дар иттифоқи панҷ ангушти муваккил
аз панҷ ҳисси даруниву берунӣ
фикру эҳсоси нодири маро нақши пои қалам
дар биёбони дафтар мешавад,
чизе аз ман ба ёд хоҳад монд,- шояд ҳамин шеър.

Вақте ки чароғҳо нури чашмҳоямро
дар ниҳояти рӯшанӣ медурахшанд
ва дар бидояти рӯз мемиранд,
чизе аз ман ба хотира хоҳад монд
ва яқинан айнаке шишапӯш
аз табори шишаи фонусҳо.

Вақте ки маро марг мемирад,
ба ҷуз аз хамӯшии пуштае хок,
касе аз пушти ман хоҳад монд,
ва ӯ маро ба ҷовидон интиқол хоҳад кард.

03.10.2001

## ЗИНДАГИВУ МАРГИ МАН ИШҚ АСТ

Вақте ки шарм мечакад аз чеҳраат
ва рангро таҳорат аст аз араќи инфиолат,
як парандаи қашанг
дар тӯли ду боли сапедаш
нигоҳи маро меболад
ва он паранда Ишқ аст.

Вақте ки оҳу медавад
аз роғи чашмҳоят ба боғу роғи дилам
ва рангро ҳаловат аст аз чаридани нигоҳат,
сабзае хушобуранг
дар ҳаҷми сабзи зиндагии гунгаш
як умри маро меоҳад
ва он сабза Ишқ аст.

Вақте ки табассум медамад аз лабҳот
ва рангро тароват аст аз таҷаллии сурури хомӯшат,
як шарқ шаъшаъа дар масоҳати гарми шафақ
хуни маро меҷӯшад
ва он шаъшаъа Ишқ аст.

Вақте ки набзи ман метапад аз садои омаданат
ва рангро ҳақиқат аст аз тулӯи дидорат,
як фариштаи зебо дар лобалои дили ман
ба андозаи имонаш Туро намоз мегузорад
ва он фаришта Ишқ аст.

Вақте ки ҳуши маро мепарад хаёли ту аз сарам
ва рангро балоғат аст аз ҳақиқати руъёят,
як хоби хуш оромиш
мусофири гумгаштаи нишотамро
ба ҳазанкадаи дилам меояд
ва он хоби хуш Ишқ аст.

Эй Ёр! Эй ҳабибтарин Ёр!
Вақте ки хаёли туро зиндагӣ мекунам,
он зиндагӣ Ишқ аст
ва рӯзе, ки ба ёди ту мемирам,
он марг Ишқ аст.
12.10.1999

## ДИЛИ МАРО ОЗУРДАМ

Вақте дар вуҷуди гули сармохурда
таровати ҷонамро пажмурдам,
эҳсос кардам, ки дар дили худ мурдам…
Эй зиндагӣ! Эй нимаи ҷони ман!
Аз ҳикмати таносух
дар оғӯши нозанини ту пай бурдам,
Зеро… агар ғам хӯрдам, …ғами туро хӯрдам.
Медонӣ, эй суханшиноси азизи ман?!
Дар ин қабила ба ҷуз ту маро дар сухан
ҳеч кас намешиносад
Ва шӯру сурури сабзаи шавқамро,
Валлаҳ, ки аз табори Одам
ҳеч хору хас намешиносад.

Эй охирин ишқи ман ба ман ва ту!
…Вақте дар вуҷуди дили озурдаам
дили туро озурдам,
Худо шоҳид, дили маро озурдам.

17.06.2005

## ВУҶУДИ МАН ТУРО МЕХОҲАД

Имшаб ва то абад
вуҷуди ман туро мехоҳад.
Ҳолиё дар итминони сабза ба навозиши борон
дар ин гармои тоқатсӯзи иштиёқ
дуои оташноки диламро
дар қофилаи самуми тобистон
ба диёри ту армуғон мефиристам
ва эҳсос мекунам:
Диёри ту зебост
бо ҷилваҳои духтаронаи ғамҳои зебоят.
Оҳ, эй меҳрубонтарин ёр!
Дигар магӯ: «Ман сард гаштаам».
На, ту сард наӣ,
балки гармтар аз қаҳри тобистон
ва ғазаби тамузӣ.
Ту савобиву хушбахтӣ
ва дар оғӯши оташсӯзи ғамҳои урёнат
пайкари гуноҳи маро месӯзӣ
ва маро ишқ меомӯзӣ.
Ёр, эй азизтарин ёр!
Вуҷуди ман туро мехоҳад
дар тапидани муҳаббати дарё
дар дили моҳии маҳҷур.
Бигӯ, бо мани осӣ бигӯ,
магар зиндагӣ ба ҷуз тасаввури ботил чизе ҳаст?!
Тарҳи сапеди туро
дар коғази сапеди хаёлам
бо ранги сапед кашидам,
Худо ба содагиям хандид.

Бо орзуи серӣ аз таоми ишқ
ҳамеша ғами туро хӯрдам,
вале ба серӣ нарасидам,
Худо ба содагиям хандид.

Ёр, эй ягонатарин ёр!
Ҳарчанд ҳаҷри ту дар корвони вақт
умри маро аз макони вуҷуд
ба таъҷил мегузарад
ва хок насибаи худро
аз пайкарам хоҳам ситонд,
дар зарра-зарра ҳастии баъд аз марг
эҳсос мекунам: Диёри ту зебост!
Диёри ту дафтари осмонист
ва дар он пайкари нозуки булуринат
зеботарин мисраи шеъри сапеди Худост,
Диёри ту Китобест, ки дар он
сапедтарин оят баёзи гардани туст.

Ёр, эй меҳрубонтарин ёр!
Имшаб ва то абад
вуҷуди ман туро мехоҳад!

15.06.2000

# ХАРИТАИ АБР

## МАРО БИБӮС

Ман аз қабилаи Зардуштам, аз табори Сиёвуш,
Давоми хуни қадимам, равон ба шаҳраги ишқам.
Гар аз маҳаллаи Лайлоӣ, эй азизтарин ёр,
Маро бибӯс, ки марди шарифи шаҳраки ишқам.

Чу аз баҳори Авасто шукуфтаам, ба нигоҳе
Маро бихону ба фикри баланди хеш бикӯчон,
Сипас, зи зеҳни худ овар ба бӯсагоҳи лабонат,
Маро бибӯс дигарбора, эй фариштаи хубон.

Чу ихтисор шавад ҳаҷми ман зи самти нигоҳат,
Бихон маро ба дуое, бубин маро зи муноҷот.
Даме, ки лола лабамро дамад зи хоки мазорам,
Маро бибӯс, ки рӯидаам ба хотири лабҳот.

Чу аз вуҷуди ман, эй ёр, ғайри ёд намонад,
Маро ба ёд биёвар, маро ба ёд биёвар.
Гаҳе, ки дар лабат ояд зи лавҳи ҳофиза номам,
Маро бибӯс, ки пайдо шудам зи олами бовар.

27.07.2001

## ШИШАИ ДИЛ

Агарчи рафтаам аз ёди зодгоҳи азиз,
Ҳанӯз мекашадам дил ба ҷониби қишлоқ.
Дилам чу шаҳри шумо танг гашта, эй мардум
Ғамам фарохтар аст аз масоҳати офоқ.

Чу ёд мекунам аз гӯри бенавои падар,
Даруни ҷону дилам ҷамъ мешавад шеван.
Ҳар он кӣ мурд, маро бурд дар дилаш таҳи хок,
Тамоми марсияҳои мананд дар ҳақи ман.

Намешавам хафа, гар душмане зи беадабӣ
Намак ба захми дили чок-чок мепошад.
Чӣ ҷои ғусса, пас аз мурданам ба завқи тамом
Ба чашми гӯри ман ин халқ хок мепошад.

Шикаст қисмати санг асту шишаву армон,
Гирифт ҳолати моҳи шаб асту хотири ман.
Ба шаҳри сангдилон омадӣ, шикаста шудӣ,
Чаро ки нестӣ, эй дил, зи сангу аз оҳан.

12.03.2008

## ФИРОР

Ақибнишинии шодӣ,
Дарунгурезии лабханд,
Бурунситезии андӯҳ,
Тапидани дили нохурсанд…

Дигар мадор намонд, эй дӯст,
Барои дастдарозиҳо.
Куҷост бурди дили мағлуб
Дар охири чалабозиҳо?

Дигар тарона намебофам,
Зи тору пуди парешонӣ.
Ҳар он чиро, ки нагуфтам ман,
Худо-ба шукр, намедонӣ.

Гунаҳ ба гардани ман, эй дӯст,
Ақибнишинии шодӣ буд.
Ба фикри мардуми бодандеш
Суруш мардаки бодӣ буд.

03.06.2008

## ШИКАСТ

Нахуст ларзаи барги бед,
Сипас маломати афтодан.
Шикаст, он чӣ ту медонӣ,
Ҳазор оҳ зи дил додан.

Шикаст пои нигоҳ, афсӯс,
Дар ин қаламрави рӯбинӣ.
Дареғ, коми дилам талх аст
Зи расму одати ширинӣ.

Шикаст косаи дил, э вой,
Зи дилписандии ман, эй ёр.
Дили шикастаи кас, афсӯс,
Намехаранд дар ин бозор.

Шикаст он чӣ, ки дар умре
На ҳашв буд, на камбудӣ.
Ба гӯши гунг намефорад
Дигар таронаи Довудӣ.

02.06.2008

## ИСЁНИ ХУН

Имшаб нахобидам, ки то дуздам зи субҳи нав
Яккаддубарворӣ кафан аз баҳри номурдан.
Ин дигарон омӯхтанд аз ғунча бишкуфтан,
Аммо ман андӯзам шукуфоӣ зи пажмурдан.

Берун нарафтанд аз қалам қавми алифбоӣ,
Дар сарнавишти кӯҳнаи худ сахт победанд.
Андак қаламрав ҷои берун по кашидан нест,
Даъвогарам то ҳашр ман бар мулки бобоӣ.

Ман нестам девона, то девон биороям,
Девони барҷомондаи Бобои Ҳофиз бас.
То марг худро мегазам то охирин дандон,
То дар гулистонам намонад як сари мӯ хас.

Ман гургҳои ин ватанро бозмехонам
Дар марғзори гӯсфандони ҳамин водӣ.
Вайронаҳоеро, ки бӯи ошно доранд,
Меоварам рӯзе ба ёди сарди ободӣ.

Аз гӯрҳои тангу торӣ мекашам берун
Соми Наримону тамоми баччаҳояшро,
То ки ситонанд аз кафи Афросиёб имрӯз
Аввал тамоми шаҳр, з-он пас кӯчаҳояшро.

Шерони назди ҳайкали Сомониро рӯзе
Аз қолаби сангинашон ман мекунам ҳайдав.
Ҳафт ахтари самбулии моро, ки камнуранд
Аз ҳафт хуни ориёӣ медиҳам партав.

Эй қавм, эй қавми гаронҷони алифбоӣ,
Бо чор ҳарфат метавонӣ оташамро кушт.
Аммо зи баъди марги ман аз устухони ман
Мерӯяд аз нав бар сари хоби гаронат мушт.

21.10.2007

## ҒУССАИ ЗАРД

Имшаб аз бойгонии дирӯз
Ҷустуҷӯ мекунам нигоҳи туро,
То маро нарму гарм бинвозад
Нигаҳат мисли дастҳои Худо.

Бозмеорамат ба пеши назар
Имшаб аз дурдасти хотираҳо.
То ниҳам сар ба субҳи синаи ту
Дар биҳишти бадеи манзараҳо.

Дар лаби ҷӯйбори гилолуд
Чун гули қоқу аз шамолаки сард
Бе ту аз дарди ишқ меларзам
Барг-барг аз хуруҷи ғуссаи зард.

Панҷаи баргҳои сабзи чинор
Саҳар аз шабнам аст покиза.
Нигаҳам сӯи кӯча мелағжад
Аз дарунсӯи сарди тиреза.

Аз таҳи дил «Худо-Худо» гӯям,
Кош аз кӯча ногаҳон гузарӣ.
Бо сари чун ғурури худ боло
Бори дигар ба аҷзи ман нигарӣ.

Ёр, эй ёр, умри кутаҳи ман
Шабнами рӯи панҷаи барг аст.
Бо ту, афсӯс, менатонам буд,
Бе ту будан гаронтар аз марг аст.

Шабнам аз номи ту тарона навишт
Ин саҳар рӯи сафҳаи насрин.
Гар ба хотир наориям ба дуо,
Лоақал ёдам ор бо нафрин.

15.05.2006

## ТАРОНАИ БЕМОР

Баҳор мунтазир истода пушти панҷараам,
Саломати мани беморро дуо дорад.
Сабо дар оҳи парешону лабгудозоям
Шикоят аз ду дами умри бевафо дорад.

Замони рустани гулханда рафт аз лаби ман,
Дилам зи ғуссаи марг аст кӯчабоғи сиёҳ.
Дар офтоби ғурубанда ҳамҷавори шабам,
Нигоҳи хастаам афсурда дар чароғи сиёҳ.

Дилам ба ҳавсала буғзи чакидан аст дар абр,
Аҷаб мадор, чу борони сард гиря кунам.
Тамоми хасрати деринаро аз ин дили танг,
Бимон, ба вусъати саҳрои дард гиря кунам…

Ватан! Таронаи беаввалу ниҳояти ман!
Ба ҳаҷми як қадду як бар панохгоҳам деҳ.
Ба рӯзи ҳашр зи хоки ту кош бархезам,
Барои рӯи ту дидан фақат нигоҳам деҳ.
15.03.2002.

**ПАРАНДАИ НИГОҲ**

Эй ёр! Эй чакомаи шабнам ба барги гул,
Эй хуштарин ҳавои нафасҳои баршумор!
Дуздида дар нигоҳ ба сӯи ту мепарам
Аз шохае ба шоха чу гунҷишки беқарор.

Дар мӯи мушкбӯи ту аз бозии насим
Аз рашк хотири нигаҳам мешавад париш.
Оре, ба ошиқони ту ман рашк мебарам,
Эй ёр! Эй натиҷаи имону боварам.

Гоҳе ки нарм-нарм ниҳӣ пой бар замин,
Афсӯс мехӯрам, ки чаро хоки раҳ наям.
Ҳатто ба сояи ту дилам рашк мебарад,
Азбаски ҳамраҳи ту ба мисли шабаҳ наям…

Бардор чатри мижжаву сӯям нигоҳ кун,
Бо ман ба қасди аҳли биҳишт иштибоҳ кун.
Баҳри савоб аз лаби гармат ду бӯса деҳ,
Боре ба рағми аҳли шариат гуноҳ кун.
15.05.2006

## МЕХАЗАМ ХУДРО БА СӮЯТ

Дар субҳ мерезад сафо аз шири рӯят,
Дорӣ зи шабнам ояте дар барги насрин.
Дар ҳар нигоҳам мехазам худро ба сӯят,
То бӯсам аз лабҳои гармат, ҷони ширин.

Дар қатраборон мекунам худро таровиш
Аз соҳати тирезаи бози навозиш.
Хоҳам ба оғӯшам расӣ аз бӯи садбарг,
Бо ман бисозӣ соате аз рӯи созиш.

Ман интизори номаам аз номи лабҳот,
Хоҳам ба лабҳоям зи лабҳоят ду бӯса.
Аз интизорӣ мурданам беҳтар, ки умре
Ҷисмам ҷудо аз ҷисми ту бошад чу хӯса.

Эй ёр, эй маънои ишқу зиндагонӣ,
Дар биркаи ёди туям монанди моҳӣ.
То устухонам медурахшад дар мағокам,
Ман дӯст медорам туро, хоҳӣ, нахоҳӣ.

13.12.2003

## ДУОИ ИШҚ

То дар лабонам ёди лабҳои туро дорам,
Эй ёр, дар пиндори худ ҳар лаҳзаам бо ту.
Ҳар гаҳ маро хонӣ ба худ дар ҷазбаи дарё,
Овозипоиобвор аз худ равам то ту.

Дар бод умрам мевазад аз ҳаст сӯи нест,
Аз нест худро мехазам бар сӯи ту, эй ҳаст!
Худро фароҳам оварам аз шаш ҷиҳат то ту,
Дар остонат бе ҷиҳат худро диҳам аз даст.

Дар сабза рӯҳам медамад, эй раҳмати борон,
По неҳ ба рӯзи сахти ман оҳиставу нармак.
Боре ба сарвақтам бирас аз дурдасти ёд,
То пеши пои ту чакам аз чашми худ чак-чак.

Эй пок! Эй нозуктар аз гулбарги олуча!
Эй ёр! Эй покизатар аз субҳи фарвардин!
Дар барги сабзи дастҳоям, эй дуои ишқ,
Номи туро бӯсидаам дар лаҳзаи омин.

22.10.2003

## ҲИҶРАТИ УМР

Як субҳ андаруни дилам лола русту гуфт:
Хун гаштан аст қисмати доғе, ки дар дил аст.
Шӯридаанд хоки маро аз сиришки шӯр,
Тафсири сарнавишти дилам кори мушкил аст.

Як шом субҳ дар сари сабзам шукуфту гуфт:
Афсӯс, навҷавонии мо ҳам гузаштанист.
Хуршед ҳам ба даври фалак пир мешавад,
Умре, ки рафт аз сари мо, барнагаштанист.

Як шаб ситора дар бари рӯям чакиду гуфт:
Як шабнам аст умр ба мижгони осмон.
Он дил, ки бастаӣ ба ду-се рӯз, канданист,
Бо як ҷаҳиш ҳамегузарӣ аз сари ҷаҳон.

Як нисфирӯз чун ҳамаи рафтагон маро
Дӯшобадӯш то ба сари гӯр мебаранд.
Тан медиҳам ба хок ҳамон рӯзи ғуссабор,
Дигар намешавам зи замини сияҳ баланд.

29.05.2005

## ҒУРУРИ ИШҚ

Борон чакид дарди маро рӯи барги гул,
Пажмурда шуд дилам нафаси лолабаргро.
Гар мерасид даст ба домони оби рӯ,
Мекуштам ин алангаи исёни маргро.

Боло хазид абри сияҳ ғуссаи маро,
Тундар кафид оқибати кор буғзи дил.
Бо ёдат, эй азизи дилам, дер зистам
Дар чорчӯби сурати берӯҳи обу гил.

Аҷзои тути пир фалаҷ шуд дар ин баҳор
Аз заҳмати буридану пайвастани башар.
Хушкид завқи сабзи маро дарди ташнагӣ,
Берун парид ранги ман аз сарҳади назар.

Хокистарист оқибати завқи оташӣ,
Гардад ғурури ишқ пас аз як-ду рӯз нест.
Шеъри нав аст доруи андӯҳҳои нав,
Дарди замона ҳосили вазни арӯз нест.

31.05.2007

## ГУНҶИШКИ МУДДАО

Мӯ рафт дар пиёлаи гул аз тагарги сард,
Яъне зи рафтанат дилам аз бекасӣ шикаст.
Инак, шароб мехӯраму наъра мекашам
Дар кӯчаҳои шаҳри нафас саргарону маст.

Дирӯз барқ дар варақи осмон навишт
Сӯзи маро, ки нолаву ашки равона дошт.
Тундар ғиреви ошиқи азхудрамида буд,
Борон чакомаи ҳаваси шоирона дошт.

Як чакра ашк рози диламро фурӯ чакид,
Санге зи кӯҳ канда шуду инқилоб кард.
Азми сафар зи фосила дар набзи роҳ хуфт,
Яъне ки пои ҳавсала дар ҷода хоб кард.

Инак, намерасад ба ман аз боғи настаран
Гулхори нафратеву шамими хуши дуо.
Сар додаам зи панҷараи танги мижжагон
Дар пардаҳои боми ту гунҷишки муддао.

Эй лаъли обдори Бадахшони орзу,
Тор аст бе ҳузури ту рӯзу шаби Хуҷанд.
Сабре, ки доштам зи лабат, додаам зи даст,
Боз о, ки бӯсаҳо ба балоғат расидаанд.

02.06.2007

## ИНҚИЛОБИ БЕХИРАДӢ

Зи бими марги ҳақиқат дар ин ҷаҳони дурӯғ
Намебарад ба шабу рӯз лаҳзае ғанабам.
Агар зи нӯки забонам ғамам забона занад,
Тамоми шаҳр бисӯзад зи оташи ғазабам.

Ба бад гироиши инсон далели ғафлати ӯст,
Ба ҳар куҷо нигарам, инқилоби бехирадист,
Зи доғи лола шунидам, ки дар қаламрави хун
Ҳазорсолаи нав давраи сиёҳи бадист.

Дигар ба санъати Ораш камон наменозад,
Чаро ки суръати тир ин замон зи ҳад беш аст.
Нишони тири камони қадим як кас буд,
Нишони тири замони навин зи сад беш аст.

Дарахтҳо, ки муҳаббат зи хок мерустанд,
Зи оташи ғазаби офтоб месӯзанд.
Дареғу дард, ки дар ин замон ҷаҳондорон
Замингудозу замонсозу осмонсӯзанд.

Чӣ сон ба пардаи боми замони оташбоз
Парандаҳо панаҳ аз фасли қаҳратун бубаранд?
Дареғ, таркиши як бумб мекунад яксон
Ба хоки роҳи ҷаҳолат ҳазор боми баланд.

Башар ба қисмати худ гашта сахт бепарво,
Ба дасти хеш ба роҳи наҷот чоҳкан аст.
Гузашта даври ба инсон муҳаббати Яздон,
Дигар нигини Сулаймон ба дасти Аҳриман аст.

18.06.2007

## ШАҲРИ ДИЛКАБУД

Вақте ки офтоб сафар кард рӯзро,
Овози буми пир дамид аз гулӯи шом.
Бедор гашт шаҳвати шабгардҳои маст,
Боло гирифт зулмати андешаҳои хом.

Олудагон ба хилвати шаҳват шитофтанд,
Дуздон ба шабравӣ.
Як тӯда бангиён паи марги сафеди худ
Карданд дар сиёҳии имшаб даводавӣ…

Афсӯс, дар шаби сияҳи шаҳри бечароғ
Сӯфиваше набуду чароғи ҳидояте.
Ҳатто нахонд ҳеч кас аз масҷиди бузург
Аз сураи муборакӣ ан-Нур ояте.

Ҷуз иддае, ки сарвати бисёр доштанд,
Дар шаҳр ҳеч кас зи сафо баҳравар набуд.
Зулмот буд насибаи ҳар шахси камбағал
Дар шоми беситораи ин шаҳри дилкабуд.

08.02.2004

## САПЕДАИ ПИРӢ

Биё, ки бе ту дилам лолазори андӯҳ аст,
Ҳазор доғи ниҳон дар канори ҷон дорам.
Баҳор дар назарам бе ту сарду берӯҳ аст,
Паридарангаму осори сад хазон дорам.

Биё, ки марг ба сӯям ба завқ механдад,
Дурӯза умри ман, эй ёр, ҷовидонӣ нест.
Дамиданист зи мӯям сапедаи пирӣ,
Ғуруби субҳи маро ғайри бенишонӣ нест.

Биё, ки мошини умрам ба истгоҳи адам
Қариб мерасаду бозпас намегардад.
Биё, ки оқибат ин дил зи кор хоҳад монд,
Сарам ба гирди ту бо сад ҳавас намегардад.

Биё, ки бӯсаи гармам ба лолаи рӯят
Намедамад зи лаби гӯри ҳасратолудам.
…Вале ба ёди ду чашми сиёҳу гесӯят
Ба осмон бирасад аз дили лаҳад дудам.

18.06.2007

## МАРО БУБАХШО

Дарё дар авҷи мавҷ маро мешавад пареш,
Андӯҳхислат аст дилам аз дами аласт.
Бахшой, аз барои Худо, бар мани ғариб,
Гар боди сард мевазадам саргарону маст.

Дунё набуда ғайри хаёле даруни хоб,
Ман хоб дидаам, ки ду-се рӯз будаам.
Эй чашм, эй даричаи омадшуди нигоҳ,
Бояд бубаст он чӣ, ки боре кушудаам.

Фарёд ҳаҷми як ғами дар дил фишурда буд,
Таркид дар сукути сияҳ ғуссаи садо.
То як ҳаёт фурсати танги тааллуқам,
Ҷамъияти ғамам, ки парешонам аз фано.

Барги дарахт ларзиши сабзи ишорат аст,
Яъне ҷаҳон ба ғайри гузаргоҳи бод нест.
Мурғи нафас ғариби гулистони вақти мост,
Бар ҳар чӣ бодхосият аст, эътимод нест.

Дигар намонд бовари рӯҳам ба ҳеч кас,
Дигар нигоҳи гарм набандам ба ҳеч чиз.
Мазмуни иштибоҳ умеди навозиш аст,
Раҳме биёр бар дили маъюсам, эй азиз.

20.07.2001

## БЕ САПЕДАИ БАДАНАТ

Ту рафтаниву нигоҳам зи рахнаи чашмам
Зи ҷисм ҷони ғариби маро баромаданист.
Барои он ки қарорам ба хона баргардад,
Азизи ман, дами дар лаҳзаи баромадан ист.

Мабод бе ту бимирам ба кунҷи танҳоӣ
Дар интизории аз қаҳри худ фуромаданат.
Марав-марав, ки зи ранҷу азоби раҳпоӣ
Мадори ман нарасад то ба рӯзи омаданат.

Мабод бе ту чу шабнам ба коми Баҳри Сиёҳ
Ба шом ғарқа шавам бе сапедаи баданат.
Марав-марав, ки барояд зи хонаи баданам
Равони ман гаҳи берун зи дар баромаданат.

Мабод бе ту ба чашмам сиришк ҳалқа занад
Ба мисли саг дами дарвозаи мусофири хеш.
Марав-марав, ки маро тоби интизорӣ нест,
Вагар равӣ, нарасам то ба рӯзи охири хеш.

Туро барои худ аз фикри осмонии худ
Дар ин таронаи мармузи худ нигоштаам.
Туро, азизи ман, эй шеъри ормони баланд,
Ба хотири дили болида дӯст доштаам.

16. 07.2007

## ДАНДОНА

Боғҳо аз тирамаҳ урён шуданд,
Дар лаби ҷӯ бӯса хоки хушк шуд.
Ранг дар қадди сафедорон шикаст,
Ҷилва маҳви аҷзи токи хушк шуд.

Ишқҳо дар синаҳо гирён шуданд,
Аз хурӯҷи нихвати тардоманӣ.
Дар дили шерон набошад дӯстӣ,
Дар дили оҳу нагунҷад душманӣ.

Кинаҳо дар синаҳо ҷӯшон шуданд,
Мевазад инак насими нохушӣ.
Ҳеч шайтоне ба шайтон бад накард,
Лек одам мекунад одамкушӣ.

Зиндагӣ ангезаи дилмондагист,
Ҳарчи мерӯяд, хазонолуда аст.
Шояд аз чархидани дуру дароз
Охирин дандони гардун судааст?!

Ё магар дандони ақли осмон
Аз даҳони ин ҷаҳон ғалтидааст?!
Истилоҳи одаму одамгарӣ
Дергоҳест аз забон ғалтидааст.

Бояд аз нав рехт тарҳи зиндагӣ,
Бояд одам зист аз рӯзи нахуст.
Чарх то чархад пас аз мо бехалал,
Боядаш биншонд дандони дуруст.

16.07.2007

## БА ҲУРМАТИ ИШҚ

Ту мерафтиву чашмам то дами дар
Ба дунболи ту раҳ мебурд, эй ёр.
Диламро лола дар доғи сиёҳаш
Миёни ғусса мепажмурд, эй ёр.

Ту мерафтиву боғам барг мерехт,
Ту мерафтиву сабзам зард мешуд.
Дилам, ки бо ту гарми зистан буд,
Зи дасти зиндагонӣ сард мешуд.

Замоне дар лабонат бӯсаи ман
Нумӯи тозаи нилуфарӣ буд.
Дили мо дар навои бедилӣ буд,
Сари мо дар ҳавои бесарӣ буд.

Замоне шираи васлу ҷавонӣ
Гирифт, эй ёр, пеши чашми моро.
Кунун он даври ширин рафта аз даст
Ба монанди Самарқанду Бухоро.

Замоне мову ту озод будем
Зи макри ногаҳони зиндагонӣ.
Дареғ, он рӯзгори бебақоро
Гузашт аз шаҳри мо даври ҷавонӣ.

Кунун ҷуз дар хаёлам дастрас нест
Канори чун баҳорон тозаи ту…
Барои ҳурмати ишқат нагирам
Диламро аз дами дарвозаи ту.

15. 07. 2007

## ҚАСАМ БА РӮЗИ САФЕД!

Панохудои ман о, эй нишаста дар дилу чашм,
Чаро ки меравад аз шаҳр ин мусофири ту.
Валек мениҳад ин ҷо катибаи дили худ
Ба рӯи гӯри ҷавонӣ, фақат ба хотири ту.

Хӯрам ба ёди ду рӯят қасам ба рӯзи сафед,
Хӯрам ба ҳурмати чашмат қасам ба шоми сиёҳ…
Маро бубахш, ки дуздидамат ба хотираам,
Маро бубахш, ки дуздида чидамат ба нигоҳ…

Агарчи аз сари мо рафта фикри беадабӣ,
Биё, ба қасди тамоми башар гуноҳ кунем.
Биё, ба чашми замоне, ки мекушад моро,
Зи марги хеш натарсему як нигоҳ кунем.

Саҳар ба шом сафар карду рӯшанӣ пажмурд,
Гузашт аз сари мо навбати шукуфоӣ.
Кунун расидаӣ андар мақоми бибизанӣ[1],
Чу ман ки омадаам то ба ҳоли муллоӣ.

Шабе ки пур нашавад, ёр, ними бистари ту,
Ба ёд ор маро аз замони ҳамбаданӣ.
Ҳанӯз нимаи армони ман зи ту боқист,
Чӣ мешавад, агар онро биёиву шиканӣ.

15.07.2007

## ЭЙ ДИЛХУНУК АЗ ИШҚ!

Боз о, ки то мурдан туро оғӯши бозам,
Як умр бо нозат туро ман менавозам.
Эй дилхунук аз ишқ, дар лабҳои гармам
Гулбарги лабҳои таратро мегудозам.

Бигзор, дастонам зи дастони ту сабзанд,
Бигзор,  лабҳоям зи лабҳои ту сӯзанд.
Бигзор, мардумҳои беозори чашмат
Тири нигоҳатро ба чашмонам бидӯзанд.

Фасли зимистон асту аз оғӯши гармат
Як рӯзи тобистон ба оғӯшам бихоҳам.
Эй ёр, эй зеботарин дидори инсон,
Сӯи ту метозад маро аспи нигоҳам.

[1] Бибизан – зани хушкор ва баркамол. Дар вожаи бибизан (ва Сомониро саҳ. 80) овои "й" бояд кашиш мехӯрд, зеро маъмулан ово ва ҳиҷои дароз аст, аммо дар ду маврид камина маъзурам ва аз арӯзиён пӯзиш мехоҳам, ки матлаб дар вазну қолибе дигар нагунҷид. Аслан, ҳарфи "й" дар забони тоҷикӣ (дар талаффузи табиӣ) хосияти нимкашиш хӯрдан ҳам дорад. Вақт расида, ки хосияти дугонагии ин оворо эътироф кунем. А. Суруш.

…Поёни завқи зиндагӣ – андӯҳи мурдан,
Бояд, ки пеш аз марг аз ҳам ком гирем.
Чун гӯри ҳар кас оқибат аз ҳам ҷудо аст,
Он ҷо зи якдигар куҷо пайғом гирем…?!

Дар ин шаби ялдо зи субҳи синаҳоят
Бахше барои бӯсаи гармам бубахшо.
Ман нестам монанди ту побастаи шарм,
Хоҳӣ, бароят медиҳам худро саропо.

08.02.2004

## ШӮРИШ

Як субҳ медуздам зи гардун рӯшноиро,
То шомҳоро дар дили мардум занам барҳам.
З-он пас биомӯзам ба эшон ошноиро,
То дар замин осуда бошад одам аз одам.

Сар мекашам то осмон мисли сафедорон,
По мениҳам бар рӯи хокам фахри ҷонамро.
З-он пас ба гардун мепарам аз хок болафшон
Мусичаи ворастаро, яъне равонамро.

Як рӯз ҳамповусари хуршеди гардунгард
Мечархам андар чарх берун аз мадори худ.
Вомераҳам з-он пас зи ҳамроҳони подарбанд,
Ҳар ҷо ки хоҳам, меравам бо ихтиёри худ.

Дар об ҷорӣ мешавам ишқи гиёҳонро
То лаҳзаҳои дар лабам сабзидани шодӣ.
Мебандам андар пои гулҳо рангҳошонро,
Вайронаҳоро медиҳам уммеди ободӣ.

Гунҷишкҳоро мепарам аз пардаҳои бом
То дурдасти безимистон дар хаёли худ.
Дар пардаҳои чашмҳоям медиҳам ҷошон,
То лаҳзае боланд аз шодӣ ба ҳоли худ.

Дар ин миён, эй оҳу, эй нози гурезанда,
Хашми палангонро фурӯ бурдан наметонам,
Зеро зи ҳоли нимсериям гурезонӣ
Оҳуи зебои тамошоро зи чашмонам.

Ман дар қатори симчӯбони канори раҳ
Аз об то фонус мавҷи нур мешорам,
Зеро ки дар ин кишвари бенуру бетолеъ
Хуршеду моҳу ахтаронро дӯст медорам.

Ман қавмро дар шеърҳоям мешавам хурсанд,
Зиндониёнро дар гумонам мешавам озод.
Ояндаҳоро дар умедам мешавам хушбахт,
Бигзаштаҳоро дар равонам мешавам дилшод.

Аз оби рӯ мешӯям имони нигоҳамро,
То даст шӯям аз ҷаҳони пасту нодида.
З-он пас ба самти осмонҳо мепарам худро
Дар боли хушпарвози мурғи ҷони болида.

19.06.2007

## ХАРИТАИ АБР

Ту, эй харитаи абр,
Ту, эй ҷазираи танҳоӣ!
Дилам мусофири паҳнои туст,
Дилам муҳоҷири танҳои туст.

Ту, эй натиҷаи бовар,
Ту, эй хулосаи хушбахтӣ!
Сарам сарочаи фикри туст,
Лабам даричаи зикри туст.

Ту, эй заминаи рӯидан,
Ту, эй асоси шукуфоӣ!
Дамида субҳ танатро,
Сапеда пираҳанатро.

21.07.2007

## НИЁИШ

Ба номи Ту, эй ибтидои вуҷуд,
Сарам дар сари хома дорад суҷуд.

Зи дафтар кушодам дари ҷонамоз,
Ки аз сурат орам ба маъно намоз.

Намози ман, эй дӯст, дастури туст,
Нигаҳ дар ду чашмонам аз нури туст.

Сар аз ман хирад аз ту, эй дилписанд,
Маро болу пар деҳ зи фикри баланд.

Дил аз ман, тапиш аз ту, эй корсоз,
Маро дар навои тапидан навоз.

Лаб аз ман, калом аз ту, эй нозанин,
Бигӯ, то бигӯям туро офарин.

Сукути ту созад диламро хамӯш,
Бигӯ, то бигӯяд дуоят Суруш.

## РАҲМАТИ ҒАЙБ

Сӯзани сарву риштаи борон,
Домани тозаи ҳавои баҳор,
Лаззати сабз аз балоғати ҳусн,
Беқарории мавҷи дарёвор-
Сурати нут дар суруди ман аст.

Ними як ханда фурсате будан,
Ними ними нигоҳ болидан,
Сад шарар сӯз андаруни дил
Ҳамчу санги сияҳ нанолидан-
Суннати ҳазрати вуҷуди ман аст.

Дар сафедор иқтидои баланд
Бар баландии кибриё бурдан,
Дар сари беди сабз саҷдаи шукр
Назди ҳавзи пур аз сафо бурдан-
Фурсати фахр аз суҷуди ман аст.

Осмонвор дар масоҳати сабз
Ғуссаи абрро бигустардан,
Абри ғамро зи чашмҳои сияҳ
Дар сиришке нагун фуровардан –
Касрати ҳасрати кабуди ман аст.

Обиҷӯборгуна шоридан
Ҷониби ташнагии рӯҳи гиёҳ,
Шукри сарчашмаро гузоридан
Мисли ҳар обсабзи Баҳри сиёҳ-
Раҳмати ғайб дар намуди ман аст.

Рангигулвор аз табиати худ
Ногаҳон бенишон паридани ман,
Ранҷиши рӯҳи ман зи мову шумо
В-аз ману ту ба ҷон расидани ман-
Иллати растан аз қуюди ман аст.

Соли 2000

## ЭЙ ЯГОНАИ АНБӮҲИ ЗИНДАГӢ!

Ман омадам ба назди ту аз дурдасти ёд,
Ман омадам ба ҷумлаат аз нуқтаи нахуст.
Эй ёр, ман вуҷуди туро дӯст доштам,
Ихлоси ман ба охират имон ба ишқи туст.

Вобаста аст фикри дарозам ба зулфи ту,
Андешаят зи умри камам истиораест.
Бо ёдат, эй азизи дилам, дер зистам,
Чун мерасам ба ёди ту, умри дубораест.

Зеботарин калимаи марг аст номи ту,
Эй лаҳзаи шаҳодати андӯҳи зиндагӣ.
Ман меравам ба зовияи танги тоқагӣ,
Падруд, эй ягонаи анбӯҳи зиндагӣ!

09.05.2004

## САФСАТА

Ончунон гум гаштаам аз худ, ки меҷӯям
Устухони ҳасратамро аз даҳони саг.
Мизбонии ҷаҳони сифла худхоҳист,
Мефиребад шаҳвати рӯбоҳро лаклак.

Ошноӣ - ошу ноне додану хӯрдан,
Гар надорӣ ошу ноне, ошное нест.
Ҷуз нафас дар шаҳри мо ҳар чиз бозорист,
Оре, оре, ҷуз ҳамин чизе худоӣ нест.

Ин худоиро ба халқи гушна мебахшам,
Месупорам гушнагонро бар Худои худ…
Мавҷ, оре, мавҷи мармузам дар ин дарё,
Ёфтам худро, ки нобудам дар ин мавҷуд.

09.05.2004

## НОМАИ НУР

Нишоти манзара аз чеҳраи кушодаи туст,
Биё, ки мавҳи гирифт аст шамси ховари мо.
Баҳори тоза биёр, эй тулӯи хандаи ишқ,
Ба марзи хотири дунёи куҳнаманзари мо.

Дар ин замона зи сӯфивашон намонда касе,
Ба ғайри бед, ки ҳар навдааш ниҳоли нав аст.
Ҳазорсола ҷаҳон куҳна гаштааст, дареғ,
Тамоми сол башар интизори соли нав аст.

Хуруҷи тарс тапиш гашта дар вуҷуди шамол,
Дарахтҳои чаман бесабаб намеларзанд.
Шикаста хотири зебоӣ аз хариду фурӯш,
Занон ба ошиқи бепул вафо намеварзанд.

Сари баланд сазовори дор нест, дареғ,
Сари баланд баҳои кадуст дар бозор.
Дигар ба қисмати Мансур кас намегиряд,
Чаро ки бо сари боло бимурд бар сари дор.

Гузаштагон ҳама имрӯз мурдаанд, дареғ,
Ҳазорсола ҳаёти сухан ба марг расид.
Писар падар шуду аз ёд бурд номи падар,
Замони реша гузашту замони барг расид.

Бимон, дар абр бигирям ба ҳоли қавми париш,
Ки аз асолати аҷдод мондааст ба дур.
Ту, эй азизтарин, бар диёри зулмати мо
Аз озарахши ҷамолат фирист номаи нур.

09.02.2001

## БОРОН

Борон тарона мечакад имшаб,
Раъд атсаи Худои бузург аст.
Имшаб шаби нузули паёми ишқ
Бар мусҳафи кушодаи барг аст.

Дар шохаҳои масти дарахтон
Имшаб шаби таваллуди ранг аст,
Ҳар зарра як ҷазираи зебоист,
Ҳар қатра як нигоҳи қашанг аст.

Эй ёр! Эй азизтарин мавҷуд!
Имшаб дилам тапидани ишқи туст.
Меъроҷи ман ба лаҳзаи зебоӣ
То ҷовидон паридани ишқи туст.

Боз о, ки дасти нозуки боронҳо
Дар гардани латифи дарахтон аст…
Имшаб шаби никоҳи гули бодом
Бо беҳтарин чакомаи борон аст.

Эй ёр! Эй савобтарин манзар!
Пайвастаам ба сӯи ту роҳамро.
Парвоз кардаам ба таманноят
Парвонаи сафеди нигоҳамро.

Рӯидаам муҳаббати сабзатро
Дар синаам чу сабзаи фарвардин.
Бӯсидаам ба ёди ту дастамро,
Эй ёр! Эй азизтарин омин!

29.02.2000

## БАҲОРИ ИШҚ

Фасли хоби дарози шабҳо рафт,
Фасли бедориву ҷунун омад.
Ранг аз батни муғчаи бодом
Дар таҷаллии гул бурун омад.

Ҷабраили амини боди сабо
Атри домони кирдгор овард.
Фасли берангро рабуд аз боғ,
Шавқи гулранги навбаҳор овард.

Сабза сабзид завқи пинҳонро,
Ишқ дар хуни гул талотум кард.
Раги одамгарии дил ҷунбид,
Боз ҳам майли оби гандум кард…

Субҳ дар мусҳафи кушодаи боғ
Ояти раҳмат оби борон аст…
Ёр! Эй шарҳи шоиронаи ишқ,
Диданат ибтидои ирфон аст.

Ёр! Эй маънии калимаи ҳусн,
Навбаҳор иқтибоси сурати туст.
Субҳдам дар кафи гули бодом
Шабнам оинаи таровати туст.

Ёр! Эй маънии баландтарин,
Дар ниҳолам ба хоки худ побанд.
Хандаҳоят шукуфаҳои мананд,
3-он ки ҳастӣ ба решаам пайванд.

02.03.2000

## ХУЛОСАИ ИРФОН

Ман аз натиҷаи маъноям
Ва аз хулосаи ирфон.
Таронаҳои Авастоям
Дар оят-ояти Қуръон.

Ман аз раияти Зардуштам
Ва аз нажоди Сиёвуш.
Гаҳе сурудаму аз Яштам,
Гаҳе сукутаму хомӯш.

Ман аз ҳақиқати Тавротам
Ва аз паёми қадимӣ.
Ба даст асову ба по попӯш,
Ба лаб каломи Калимӣ.

Ман аз китоби Юҳанноям,
Зи роҳибони калисо.
Зи сарнавишти Масеҳоям,
Зи саргузашти чалипо.

Ман аз асолати Қуръонам,
Зи умматони Муҳаммад.
Зи муъминони мусалмонам,
Сано ба ҷони Муҳаммад .

Ҳумои равзаи ривонам,
Ғариби пайкари инсон.
Ҳама натиҷаи имонам,
Ҳама хулосаи ирфон.

17.11.1999

## ТАҚДИР

Эй ишқи деромада, эй афсӯс,
Шояд ту аз Худой наметарсӣ?!
Дер омадӣ ба рӯзи ниёзи ман,
Эй ҳаққи Шоҳномаи Фирдавсӣ.

Дигар дилам тапидани танҳоист,
Ҳукми қазо ба қисмати ман муфт аст.
Пайвастаам ба нимаи ҷисми худ,
Ҳарчанд тоқаам, сари ман ҷуфт аст.

Дунё фиреби дилкашу ширин буд,
Уқбо чӣ гуна аст, намедонам.
Як умр ишқ гуфтаму нолидам ,
Ишқ омаду зи ишқ гурезонам.

Борон ниёзи сабзаи дилтанг аст
Дар айни ҷонгудозии тобистон.
Баъди вафоти сабза, чӣ меборӣ,
Эй ишқи деромада, эй борон?!

Шояд ба ин гузаргаҳи серӯза
Як рӯз зуд омадаам аз Вақт…
Шояд ту дер омадаӣ як рӯз,
Эй ишқи деромада , эй афсӯс?!

06.03.2000

## ХОҲИШ

Манам ҷудо зи ту нокомил,
Ҷудо зи ман ту тани танҳо.
Биё, ба хоҳиши худ, эй ёр,
Маро бикоҳу ба худ афзо.

Ҳазор сол нигоҳи ман
Раҳи ҷамоли ту мепаймуд.
Танам ниёзи тани гармат,
Дилам тапидани қалбат буд.

Ҳазор сол дилам мезист
Дар орзуи нафасҳоят.
Биё, ки бистари ман холист
Ба ҳаҷми пайкари зебоят.

Биё, ки боз бипайвандам
Ба ту – ба нимаи ҷисми худ.
Гиреҳи масъала бикшоям
Зи пайкарат – зи тилисми худ.

Манам ҷудо зи ту нокомил,
Ҷудо зи ман ту тани танҳо.
Биё, ба вусъати ман, эй ёр,
Маро бикоҳу ба худ афзо.

23.07.2001

## ЯК ШОХА ОРИЯТ

Рӯзе, ки рафт қиблагаҳи хубу нозанин,
Аз бед орият бигирифтам ман аз замин.
Орияташ асои тару тозатар зи ишқ,
Зеботар аз нафас, ки бувад бори охирин.

Орияташ қаламчасифат, одамирсият,
Ларзандатар зи ҷону тарабноктар зи дил.
Орияташ ба сабзтарӣ нусхаи биҳишт,
Озодаву баҳорпазирову мустақил.

Аз як қаламча сабз шавад устухони ӯ,
Азбас чу Одам аст гаҳи хилқати ҷаҳон.
Бо насли одамист ҳабиби куҳантарин –
Гоҳе асои ғуссаву гоҳест соябон.

Ҷояш канори ҷӯву лаби ҳавзу назди қавм,
Ӯро тафаккури азал аз ишқ зодааст.
Бо пои ботаҳорат аз оби равону ноб
Як умр дар намози ҳақиқат ситодааст…

Ҷуз аз ду-се суханвар аз ободии ҷаҳон
Орияте ба шеър набигрифтаам ҳанӯз.
Эй шохаи азиз, ки бибридаам туро,
Дар шеъри ман ту сабз бимон сад ҳазор рӯз.

01.08.2002

# ЧАКОМАИ БОРОН

## ДАФТАРИ ҒАЗАЛ

* * *

Ман он таронаи гунгам, ки сабза медамадам аз хок,
Зи реша хуни нажодам ба соқа медавадам чолок.

Ҳамешасабзтар аз сарв сар кашидаам аз ашъор,
Дар оби оина софитарам зи гавҳари тобишнок.

Ман он чакомаи боронам аз сафинаи уқёнус,
Дар ин замин дили худро фуру чакидаам аз афлок.

Даруни хонаи гандум нишот мекашадам пинҳон,
Чу гаҳ шароб зи гандум кашанд, гоҳи дигар аз ток.

Маро бубахш, агар сӯхтам зи н-омаданат, эй об,
Биҳил в-агар бифитодаст дар канори ту ин хошок.

Ҳанӯз решаи пинҳон зи ҳастаи дили ман боқист,
Бимон-бимон, ки маро лола сар кашад зи кафан садчок.

Бале, манам, ки зи дил рустаам таронаи гунгамро
Ба лаҳни сабзаву борону сарву чашмаи Кавсар пок.

Ғазал ба шеваи маҳтоб мечакам зи шаби эҳсос,
Сухан ба лаҳҷаи хуршед метапад дилам аз идрок.

Агар маро шунавӣ, эй ягона ёри ман, аз боло,
Зи ҷаври чору шашу панҷу ҳафту ҳашт надорам бок.

17.05.2000

* * *

Бахтамон дар рахту пахти ломакон хобидааст,
Вақтамон дар соати дасти замон хобидааст.

Завқҳои кӯҳнаи моро баҳори рафта хуфт,
Булбул инак дар китоби рафтагон хобидааст.

Ҳар нафас бим аст аз шабхуни гурги шабчаро,
Чашми оҳувона пушти мижжагон хобидааст.

Чашми дил раҳ меравад дар интизори рӯшанӣ,
Пои хуршеду маҳ андар осмон хобидааст.

Хоби ҷоҳил беҳтар, эй огоҳ, бедораш макун,
Марг андар хонаи тири камон хобидааст.

Рӯшаниро бояд аввал кушт, з-он пас хоб рафт,
Шабчароғ аз касрати хоби гарон хобидааст.

Пушти дандонҳо хамӯшӣ пардадори розҳост,
Сад гапи ногуфта дар зери забон хобидааст.

17.10.2006

* * *

Шаби сиёҳи ду чашмам ситорарезон аст,
Хаёли хоби хуш аз бистарам гурезон аст.

Ба нӯки сабзаи мижгони ғуссаолудам
Сиришки ҳасрати ҳафт осмон авезон аст.

Ҳазор барг париданд сабзро ба хазон,
Шамоли сард ба рӯи чаман ситезон аст.

Дигар ба зоғ супурдаст давр қисмати боғ,
Хурӯҷи хории дил ғурбати азизон аст.

Агар хирад талабӣ, тангайш хоҳӣ буд,
Замона давраи шодии бетамизон аст.

Дигар тарона назояд замони обистон,
Зимоми зиндагӣ инак ба дасти ҳезон аст.

03.09.2006

* * *

Дили оинаам, аҷзи шикастан дар бағал дорам,
Ғами аз шаҳри сурат бор бастан дар бағал дорам.

Нузули гавҳарам, дар қатраборон тарс меларзам,
Ман он рӯҳам, ки бими шакл бастан дар бағал дорам.

Ман он оҳам, ки боло рафтаам аз ғуссаи дарё,
Ман он абрам, ки андӯҳи гиристан дар бағал дорам.

Ман он обам, ки ҷорӣ мешавам дар зиндагии гул,
Ман он набзам, ки умре завқи ҷастан дар бағал дорам.

Шақоиқшеваам, аз хуни дил рӯидаям худро,
Ғами оғози худро бозҷустан дар бағал дорам.

Ба раг хуни наботӣ дорам аз такрешаи гандум,
Табори донаам, имони рустан дар бағал дорам.

Ман он заръам, ки меафзоям аз худ ҳастаи худро,
Ҳаёти тоза то як дона ҳаст, андар бағал дорам.

Дили Мансури Ҳаллоҷам, аналҳаққ аст меъроҷам,
Аз озори ҷаҳон осори растан дар бағал дорам.

Дар оташ тунд мехезам ба ҳангоми сухан гуфтан,
Агарчи зери хокистар нишастан дар бағал дорам.

Хамӯш, эй дил, ҷудо аз ҷисми худ инсон на ин сон аст,
Туро ман аз барои бингаристан дар бағал дорам.

Бимон, бар ҳоли худ гирям, ки зери хок хоҳам рафт,
Саропо оҳанам, зангор бастан дар бағал дорам.

13.03.2000

* * *

Фарёди хамӯшам, сабзида зи дардам, рӯида зи оҳ,
Аз дил ба ду чашмам роҳе бисипардам то ҳадди нигоҳ.

Дар ҳаҷми нигоҳам сӯи ту паридам худро ба ҳаво,
Дар ҳаҷми ҳавоят дилро битапидам эмин зи гуноҳ.

Печида ба ишқат дар ҳолати печак дар соқаи гул,
Дар қадди ту печам дар ҳайрати печак бар қадди гиёҳ.

Дар чашма бигирям, дар бод биоҳам андӯҳи туро,
Ҳамранги ҷунунам, дар чашми сиёҳам афтода ба роҳ.

Шӯриданигоҳам, ошуфтақарорам аз завқи ҷунун,
Дар домани рӯҳам доғе зи ту дорам, эй чашми сиёҳ.

Аз худ бигурезам, бо худ биситезам дар ҳолати бод,
Аз сӯзи дарунам дар оташи тезам ошуфтанигоҳ.

Аз гил бидамидам, дар гул бишукуфтам худро зи худӣ,
Бо субҳ дамидам, бо шом бихуфтам, эй шому пагоҳ!

Дар тори вуҷудам, эй захмаи нурат оғози наво,
Ларзида зи ҷонам оҳанги сурурат дар пардаву роҳ.

Фардо, ки бирӯям аз батни заминат андешаи сабз,
Бар ишқи бузургам Ҷабрили аминат орам ба гувоҳ.

03.05.2000

* * *

Субҳдамандешаам дар шамъ бар зулмоти ғафлатзо,
Як забон сӯзам, ки мегирям ҳаётамро зи сар то по.

Пойдаробугилам дар маркази омадшудан дар худ,
Шамъимаҳфилқисматам дар аҳди худ як умр побарҷо.

Дартапишпечидашеърам дар забони оташин имшаб,
Шамситабрезинавоям дар гулӯи нойи Мавлоно.

Дар раги гардан қарибам бо Худо дар олами пайкар,
Метапад набзам маро дар санъати хунёгар аз боло.

Оҳаниошиқиёрам, мекашад оҳанрабо ҳушам,
Рӯҳимоҳииштиёқам, метапад дар ман дили дарё.

Абриборонҳасратам, аз оҳ ашки сард мерезам,
Дарди ишқе мекашам дар чашму дил пайдову нопайдо.

Чашмаи ихлосам, имон метаровам сӯи уқёнус,
Рӯҳрафторам, ки худро мехазам з-имрӯз то фардо.

Мурғи дастомӯзи ишқам, мепарам аз дасти худ дилро,
Бозмегардам диламро назди хеш аз ошноово.

Хандаигулфурсатам дар умри одам, ҳайфи бишкуфтан,
Баъди ман, эй абр, борон шав, бинол, эй раъд, вовайло!

31.05.2000

* * *

Ғуссаи шомранги ман аз ғами ту саҳар шавад,
Дарди сарам, азизи ман, бо алами ту сар шавад.

Ранҷиши духтаронаат мӯи сарам сапед кард,
Гиря макун, ки мӯи ман боз сапедтар шавад.

Бе ту ба сар намебарам умри гурезпойро,
Гарчи ҳаёти бесарам дар қадамат ба сар шавад.

Гар ту бадам гирифтаӣ, шукр, ки кам гирифтаӣ,
Нағз набиниям агар, ҳоли бадам батар шавад.

Хаста шудам зи хашми ту, меравам аз ду чашми ту,
Кош Суруш баъд аз ин ошиқи як нафар шавад.

24.06.2005

* * *

Дилам тапидани моҳист, эй муҳаббати об,
Маро зи раҳ набарад ҷилваи дурӯғи сароб.

Дамида сабза ниёзи маро ба омаданат,
Ҷудоӣ аз ту гарон аст, сӯи ман бишитоб!

Давида ашки ман андӯҳи дурият ба ду рӯ,
Биё-биё, ки ба ҷон омадам зи ранҷу азоб.

Зи чӯбу сим наям беш бе навозиши ту,
Биёву захмаи ҳастӣ бизан ба набзи рубоб.

Дили маро, ки чу Мансур дар шариати туст,
Хиёли зулфи ту ҳар лаҳза мекашад ба таноб.

Аҷаб мадор, агар з-оҳу гиря хок шавам,
Кадом хона зи обу ҳаво нагашт хароб?!

Гуноҳ бошад агар дар канорам омаданат,
Биё ба ёди ман, эй ёр, аз барои савоб.

07.09.1999

* * *

Зикри дерини банда зерилавист,
Куҳнаи мо пасилибосинавист.

Гандуми гунг ганда нест, азиз,
Мастии шоирона обиҷавист.

Ройгон рафта нимаи як умр,
Он чӣ мондаст аз нафас гаравист.

Ҷон нагунҷад ба ҳаҷми як одам,
Омадан аз барои тундравист.

Муъмине нест додари муъмин,
Дини мо бемурувввату бадавист.

Оқибат тан ба хокдон додем,
Бозуи марг, эй азиз, қавист.

Оҷизам дар ниҳояти ин раҳ,
Орамидан ғурури гармдавист.

10.09.2006

* * *

Лабам хазандаи сӯи ту гашта, эй лаби сӯзон,
Ба бӯсае лаби сарди маро гудозу бисӯзон.

Агар зи домани дунё равам, ба шохаи мижгон
Ба рӯи хоки мазорам чароғи ашк фурӯзон.

Танам кашоли тани туст, эй саховати беҳад,
Ба ҷуз хиёли туям нест андар ин шабу рӯзон.

Агар ба ёди ту аз ин замини сабз кашам рахт,
Барои ман кафан аз ғуссаи сафед бидӯзон.

Вагар зи хок наояд садои пои дили ман,
Бирез ашк зи сар то ба пой, шамъи фурӯзон.

12.09.2006

* * *

Зи боғи назди хаёлат баҳорвора гузаштам,
Ту дар миёна набудӣ, ман аз канора гузаштам.

Ба фаҳми маънии пӯшидаам касе нахиромид,
Ишора будаму, афсӯс, истиора гузаштам.

Даруни бед биларзидам аз таҳоҷуми баҳман,
Шукуфагуна аз ин боғ ошкора гузаштам.

Нахуст кӯдакӣ, аз пушти он ҷавонӣ, аз он пас
Гузашт об зи сар, оҳ, бешумора гузаштам…

Пиёда омадам аз пушту батни ҷуфти муносиб,
Ба дӯши мардуми тобуткаш савора гузаштам.

Чӣ буд зиндагӣ, эй дӯст? –Ҷамъ кардани афсӯс.
Дар интиҳои замини замон чу фора[1] гузаштам.
07.03.2007

* * *

Қул-қули ҷоми ҷунун дар ҳалқи булбул рехтанд,
Ранги дил аз май бидуздиданду дар гул рехтанд.

То гулистон рангпарвозӣ кунад аз шавқи ҳусн,
Нозанинон нозҳо дар зулфи сунбул рехтанд.

Оқилон дар банди ҳушёрӣ гирифтори худанд,
Ошиқон аз рӯи сарв оби таҷаммул рехтанд.

Бедилон дар водии ваҳдат ба ишқ омехтанд,
Баски дар оинаи ҳайрат тағофул рехтанд.

Зиндагӣ афсонаи ширину талх аст, эй азиз,
Аҷзи моро об карданду такомул рехтанд.

Аз адам омад вуҷуди мо падид, эй ошиқон,
Нопадидиро чу дар оби таносул рехтанд.

Гар ниҳон гардӣ аз ин олам, ғами фардо махӯр,
Маст бархезад ҳар он ҷо, ки каме мул рехтанд.
23. 07. 2001

* * *

Дар масоҳати ялдо, дар диёри зулмонӣ
Рӯз мешавад кӯтоҳ ҳамчу умри инсонӣ.

Боғи орзуҳоям оташи хазон дорад,
Беаланга месӯзам дар ниҳоли обонӣ.

Ёр, эй баҳороғӯш, бе туям мазороғӯш,
Рӯзро намебинам дар шабони тӯлонӣ.

---

[1] Фора – оби мурда, гилобе, ки қобили истифода нест.

Осмони ниличашм ғуссаи маро гирйист,
Мебарам ба сар бе ту рӯзгори боронӣ.

Гандумии рухсорат иштиҳои ман овард,
Як-ду бӯсаам бахшо аз ду себи хубонӣ.

Рафтӣ аз барам ногаҳ, мондаам ба ними раҳ,
Даст мезанам бар сар аз сари пушаймонӣ.

Гургвора механдад марг ҷониби ҷисмам,
Нола мекашад ҷонам ҳамчу нойи чӯпонӣ.

Оби Замзам, эй ҳоҷӣ, назди оби рӯ шӯр аст,
Аз ҳарам ба мо овар андаке мусалмонӣ.

Гар надорӣ ошу нон, ошно гурезон аст,
Бевафову номарданд ҳамраҳони ҳамёнӣ.

Даври нобасомонӣ гар идома меёбад,
Паст меравад рӯзе эътибори сомонӣ.

Ин ғазал парешон аст мисли хоби бетаъбир,
Роз дар бағал дорад ҳамчу хатти пешонӣ.

29.09.2006.

* * *

Шабро сарам дар охири имшаб саҳар шавад,
Дарди сарам ба гунаи пирона сар шавад.

Инак, сигор мекашам аз оҳи дудранг,
Кай лола дар масоҳати боғам сипар шавад?!

Овози ҷоннавози ман осори зиндагист,
Чун мурдам, эй замон, нафасам беасар шавад.

Мастона дод мезанам аз ҷаври додгоҳ,
Шояд, ки додгустари мо додгар шавад.

Кафши даридаам ба замин ханда мезанад,
Пушти дар аст он, ки рафиқи сафар шавад.

Мошинсавор мерасад Исо ба растахез,
Рӯзе ки дилгарон зи хару қавми хар шавад.

Бар қадри соябонии хуршед мерасад
Ҳар тифли наврасе, ки ҷудо аз падар шавад.

Онон, ки гӯши дил ба карӣ мезананд, кош,
Гирад забонашон, дилашон гӯши кар шавад!

07.03.2007

* * *

Милисахона бувад ин ҷаҳони ҳодисахез,
Зи сарнавишт наёбӣ хате ба роҳи гурез.

Гунаҳ ба мӯҳри сарангушт мешавад тасдиқ,
Ситез бо сари ангушту бо қазо маситез.

Баҳуш бош, мабодо сарат бурида шавад,
Забони талхи туро ҳаст феъли ханҷари тез.

Ба ҳеч чиз дар ин раҳгузор меҳр мабанд,
Ки ҳеч мешавӣ андар шумори ин ҳама чиз.

Ба рӯи ҳар касу нокас ниёзи дида мабар,
Ба пои ҳар хасу хошок оби рӯй марез.

Ба сӯи ҳар кӣ ҳабиби дил аст, тунд шитоб,
Зи назди ҳар кӣ рақиби дил аст, тез гурез.

Замона бо ту насозад, маранҷу ғусса махӯр,
Ки сӯи як-ду-се ҳез аст майли олами ҳез.

Чӣ ҷои ғусса, чу ғалберро бубардоранд,
Зи мо ба хок нарезад ба ғайри хокаи рез.

15.07.2000

* * *

Раҳи нигоҳи ман, эй ошно, сиёҳу сафед аст,
Чаро ки ҳар шабу рӯзи Худо сиёҳу сафед аст.

Шитоби умр бимонад ба тезтозии мошин,
Ишора дар раҳи тақдири мо сиёҳу сафед аст.

Чӣ нисбат аст заминро ба осмони дурӯя?
Зи субҳу шом ду рӯи само сиёҳу сафед аст.

Агар савоб биҷӯям, гуноҳ рӯй намояд,
Худо занад, ки қарори қазо сиёҳу сафед аст.

Ба ман сиёҳу сафедии чашми гӯру кафан гуфт:
Ба ҳар куҷо нигарам, ҳар куҷо сиёҳу сафед аст.

Қалам сиёҳсиришкист, варақ сафедсириштӣ,
Дар ин миёна ҳамин шеъри мо сиёҳу сафед аст.
02.01.2008

* * *

Афтоданам зи шоха зи осеби себ буд,
Боло ҳамеша дар ду тараф сарнишеб буд.

Хобе ки доштам ба лаби ошёни чашм,
Он шаб париду рафт, магар андалеб буд?

Гандум зи гунаҳои тарам оби рӯй ёфт,
Ҳарчанд қути аввали чашмам фиреб буд.

Дар ин назаргаҳе, ки ду рӯз аст мӯҳлаташ,
Чашмам ҳамеша ошиқи рӯи базеб буд.

Айби шароб нест каҷумаҷ хиромишам,
Узрам бинеҳ, чаро ки чарогаҳ уреб буд.

Моро бурида буд табар аз таборамон,
Ихлоси мо хулосаи тарсу ниҳеб буд.

Кебидан аст қисмати девори беасос,
Таркиданам натиҷаи заъфи шикеб буд.
30.03.2007

* * *

Ман он обам, ки ҷорӣ мешавам имони моҳиро,
Даруни рӯҳ меболам ҳаюлои илоҳиро.

Чу фарзандони ман дар орзуи нони ҷав гирянд,
Ба гандум мефурӯшам бори дигар бегуноҳиро.

Даруни устухонам рӯшаноиро пасандозам,
Ба бедорӣ диҳам барбод афсуни сиёҳиро.

Мусофирмарди роҳи рафтуомад дар дами сардам,
Сафар то манзили охир расонад марди роҳиро.

Намебоистам, эй оина, рӯбиниву худбинӣ,
Кунун аз хок баркандам нигоҳи иштибоҳиро.

Муфаттишҳо агар оянд баҳри пурсишу тафтиш,
Намеорам ба ғайри ишқат, эй зебо, гувоҳиро.

30.03.2007.

* * *

Роҳ бар сӯи биҳишт аз равзани дин будааст,
Дасти сабзи сарв аз имони омин будааст.

Қатра ҳам дарёст андар мазҳаби покизагӣ,
Ҷавҳари ойинаи тавҳид ойин будааст.

Оби рӯ дар маснади таслим софӣ мешавад,
Доғи дил дар шишаи андеша такшин будааст.

Ташна дар дашти аташ беҷо намебинад сароб,
Шамъи шоми ҳасрати парвона Парвин будааст.

Рӯзи милоди гул аз маргаш башорат додаанд,
Ёсамин дар мусҳафи гулзор «Ёсин» будааст.

Оҳ, эй оқил, ки дар банди ҷаҳон дармондаӣ,
Он чӣ бар аспи ту камчин аст, қамчин будааст.

Сол афзудан туро мекоҳад, эй умри азиз,
Хишти гӯри рафтагон як рӯз болин будааст.

Мӯсафедонро ҷавонӣ рафта бо мӯи сиёҳ,
Мармари гӯри шаб аз субҳи булурин будааст.

Ҳар нафас як лаҳза, ҳар як лаҳза як умри азиз,
Дер фаҳмидам, Худоё, зиндагӣ ин будааст.

28.12.1999

* * *

По неҳ ба хоки ман, ки назаргоҳи ёдҳост,
Як лолабарги дил ба гузаргоҳи бодҳост.

Дилтангу саргарону нигаҳхаста по манеҳ
Дар турбатам, ки мақбараи дилкушодҳост.

Бо худ даме нишину ба танҳоӣ унс гир,
Нанги ҷудо-ҷудо шудан аз иттиҳодҳост.

Ғофил мабош, гурги аҷал дар камини туст,
Ғафлат ҳиҷоби дидаи камэътимодҳост.

Инкори маргу ҳашр навиди биҳишт нест,
Дӯзах бурун зи ҳавсалаи эътиқодҳост.

Ин хас ба дасти бод зи мижгони Хусрав аст
В-ин косагул зи хоки сари Кайқубодҳост.

Рӯзе чароғи лола маро медамад зи хок,
Сад ҳарфи оташин ба сукути ҷамодҳост.

Марг интиҳои ҳастии мо нест, эй азиз,
Умре Суруш ҳамнафаси зиндаёдҳост.

21.03.2007

* * *

Асли дандони кӯдакӣ ширист,
Паси ширӣ ғами сияҳпирист.

Аз дам аст, эй азиз, ҷастани тӯб,
Рост рафтан ҷасорати тирист.

Мешавад ҳар нафас дилам вайрон,
Ин бино кӯҳнакохи таъмирист.

Дар дили сангбастаи мардум
Дини бечора ғайритаъсирист.

Раҳмати ҳақ ба мо намеборад,
Лутфи борон ба сабза таъхирист.

Боғҳо – кӯчабоғи шаҳватҳо,
Ҳосили дил зи кӯча дилгирист.

Ин суханҳо, ки барабас гуфтам,
Охирин ҳасрати асотирист.

02.04.2007

* * *

Об гаштам, ба тамошои ниҳолам бурданд,
Шудам оина, ба маъвои висолам бурданд.

Барқи ҷавлон задам, аз парда бурун афканданд,
Сар кашидам зи гиребон, ба заволам бурданд.

Шабнами субҳ шудам, то ҳамагӣ чашм шавам,
Дар нигоҳе зи ҳақиқат ба мисолам бурданд.

Чун аз имрӯз ба дирӯз фирор овардам,
Растам аз шиша, ба зиндони сафолам бурданд.

Пири ман ошиқи маст асту ба ҳақ мегӯяд:
Завқи будан ба дил афзудаву солам бурданд.

Дарки асрори савоб аст гуноҳе, ки мárост,
Аз раҳи нақс ба даргоҳи камолам бурданд.

Бар вуҷуд омаданам чист? Куҷо бояд рафт?
То адам аз паи посух ба саволам бурданд.

Ишқ дар лола пас аз мурдани мо хоҳад гуфт:
Рафтагон ҳасрати маъшуқа зи олам бурданд.

15.03.2000

* * *

Хурӯҷи оҳам аз хоки сияҳ гардуншикан бошад,
Баҳори хотирам хокистариҳомуншикан бошад.

Тапишизҳори завқи зиндагӣ дар набзи ҷӯборам,
Дилам, то зиндаам, дар назми тан қонуншикан бошад.

Дигар афсонабофи рӯзгори рафтаи хешам,
Намехоҳам, ки марги ногаҳон афсуншикан бошад.

Шикаст андар бағал дорад баҳори рангу рӯидан,
Сапедоро, намӯятро зи сар то бун шикан бошад.

Ман аз сӯзи ҷигар сад чашмаоб аз чашм нӯшидам,
Нигоҳи ташна рӯзи ташнагӣ Сайҳуншикан бошад.

Ҳунарманданд ёрон, аз ҳамоқат ҳарза мебофанд,
Матоъи хотирамро аз дукони дун шикан бошад.

Дареғо, устухонҳои дарахти дину мазҳабро
Камандаркам баҳамҷӯшидану афзун шикан бошад.

Парад ранг аз бисоти боғу бӯи гул хазон гардад,
Баҳампайвастани рангу нафас акнун шикан бошад.

Агар ҷон дар бадан бошад, зи дарду ғам ҳазин гардад,
Чу май берун шавад аз шиша, берун аз шикан бошад.
03.05.2007

* * *

Нахусту вопаси мо мардумон зи гавҳари хок аст,
Баромадан зи мағоку даромадан ба мағок аст.

Ба рӯи гарми азизон дар ин диёри зимистон
Ба чашми бад нигаристан хилофи гавҳари пок аст.

Мусабатист хамӯшии қабру нағмаи чокак,
Лаби кафидаи шаҳкоса ҳасрати дили чок аст.

Туро хулосаи хушкист зӯҳди беди асовор,
Маро натиҷаи мастист, он чӣ дар раги ток аст.

Зи санг рок бирӯяд, ки рӯи санг бирақсад,
Қасам ба номи Накисо, ки рок пардаи Рок аст…

Далели марг бувад зиндагонии ҳама мавҷуд,
Ҳаловати дили мо то ба рӯзи сахти ҳалок аст.

Агар ту ёри манӣ дар набарди ғуссаву шодӣ,
Маро зи кинаи Аҳриманон чӣ биму чӣ бок аст?

Сабуксарон зи каду камхирадтаранду тиҳимағз,
Ҳазор хайри Илоҳӣ ба даври домани пок аст.

Ба ҳоли роҳ ду кафши дарида хандаи талхест,
Ки беҷилоии чармӣ ба зери лаккаи лок аст.

03.05.2007

* * *

То интиҳо расидаму роҳи равиш намонд,
Дар набзи раҳ хиҷолати азҷоҷаҳиш намонд.

Доси аҷал дарав кунад ин сабзу зардро,
Дигар дар ихтиёри дили ман тапиш намонд.

Санги маломат аз ҳамагон дар сарам шикаст,
Ҷое барои ранҷи ту, эй сарзаниш, намонд.

Гунҷишки ҷон зи гӯшаи бомам паридаист,
Хобам париду рафту ниёзе ба «киш!» намонд.

Пиш-пиш! Шитоб чист? Раҳи умри мо мабур!
Эй гурбаи аҷал, дили ту аз буриш намонд?

Вақти расан кашидани ҳастиву нестӣ
Мағлуб зиндагист, ки дар ӯ кашиш намонд.

Ҷонам маро ба сӯи ту, эй ёр, пар кашид,
Рӯзе ки дар маҷоли нигоҳам париш намонд.

11. 05.2007

* * *

Зардолу расад ба бачча аз боғи падар,
Ту доғи писар набину ман доғи падар.

Хори падар аст гул ба гулбоғи дилам,
Хуштар бувадам зи булбулон зоғи падар.

Пажмурда шавад сабзи дил аз ғуссаи зард,
Бинам, чу падар нест ба гулбоғи падар.

Ҳар рӯз дусад абр агар гиря кунам,
Аз дил набарад оби алам доғи падар.

Дар гӯри падар алаф даравворӣ шуд,
Ғам медаравам зи боғу аз роғи падар.

25.07.2008

* * *

Маро мебахшӣ, эй борон, дили ошуфтае дорам,
Нафас бигзашту роҳи баъди меҳмон руфтае дорам.

Маро, эй обсанҷи соҳили дарё, чӣ месанҷӣ?
Ду санги дар тарозуи ду чашмам суфтае дорам.

Куҷо бигрезам аз андешаи дармондагӣ аз марг,
Дар ин ҳолат, ки дар фикрам ду пои хуфтае дорам?

Дар ин ҷо шири навдӯшида дар як рӯз метуршад,
Миёни ҳафтафаҳмон ғуссаи ҳарҳафтае дорам.

«Ҷаҳон як рӯз метаркад зи оҳи пуршарори ман»,[1]
Даруни дил фишори сад гапи ногуфтае дорам.

Дарахти эътиқодам реша дар оби бақо дорад,
Ҳанӯз, эй боғбон, сад муғчаи нашкуфтае дорам.

Агарчи ошиқам, аз оқилон олимтарам, эй дӯст,
Ба ҳар як байти шеърам маънии бинҳуфтае дорам.

11.05.2007

* * *

Тапидан дар дилам ларзидани гулбаргро монад,
Нафас duздиданам хоби дарози маргро монад.

Хати пешонии ҳавзи куҳан мавҷи парешонист,
Китоби хотирам пажмурдани садбаргро монад.

Замини ташнаро аз оби чашмам ташнагӣ нашкаст,
Аҷал дар хӯрданам дандони ашки гургро монад.

---

[1] Мисраъ аз Устод Лоиқ аст.

Замон обистани оби ду чашми ноумедон аст,
Замини мурдагон сози кафи бебаргро монад.

Ба коми мо намегардад фалак дар шод гардидан,
Нумӯи отифат овои мурғи куркро монад.

«Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад»,[1]
Ба мо тозиданаш тезии ҷаҳли туркро монад.

Суруш, эй ошно, дигар паёми нав намеорад,
Хамӯшӣ дар лабони баста мӯҳри маргро монад.

04.05.2007

* * *

Не даст монду рӯй, ки шӯем, эй азиз,
Чиркин чу оби гандаи ҷӯем, эй азиз.

Пинҳон шавем донаи андӯҳ зери дил,
То пеши чашмҳои ту рӯем, эй азиз.

Дар тарсгоҳи ҳодиса ранги паридаем,
Аз ҷилди гул баромадабӯем, эй азиз.

Мо шишақисматем дар ин хоки сангзор,
Мӯи лаби шикастасабӯем, эй азиз.

Мо дам дарун кашидаву хомӯш мондаем,
Дигар ба гӯши халқ чӣ гӯем, эй азиз?

25.06.2008

* * *

Аз канори боғ даврони гиёҳӣ меравад
В-аз сари мо низ овони сиёҳӣ меравад.

Аҷзи ранг аст аз шикасти ҳусни ноподори гул,
Оби рӯ аз ҷӯи рӯ хоҳӣ, нахоҳӣ, меравад.

Мори раҳ дар соқаи пои сафар печиданист,
Раҳ ба раҳ сӯи раҳоӣ марди роҳӣ меравад.

---

[1] Мисраъ аз Хоҷа Ҳофиз аст.

Ғофило, ғайр аз кафан моро набошад дастбурд,
Шаҳ ба зери хок бе шалвори шоҳӣ меравад.

Ҳар чӣ баргардад ба асли хеш дар анҷоми кор,
Ҷони мо аз олами шомупагоҳӣ меравад.

Гул намепажмурд, агар мебуд соҳибихтиёр,
Бар сари ҳар зарра фармони Илоҳӣ меравад.

28.05.2005

* * *

Нафас дуздидан аз бими аҷал вобастагии мост,
Вагарна ҳар нафасро дар бағал ворастагии мост.

Бухор аз об бигрезад ба болову фуру резад,
Ба хок аз соя хуфтан низ аз пайвастагии мост.

Зи рӯсахтист рӯ овардани одам ба хокистон,
Нузул аз қадри худ изҳори ношоистагии мост.

Зи ҷо бархостан оғози раҳ бар сӯи бедорист,
Дареғо, хоби пои ранги мо побастагии мост.

Шарарандешагӣ – озодагӣ аз маҳбаси сангин,
Азизо, мисли Юсуф ростиҳо растагии мост.

Чу мирад боз, аз нав бозгардад сӯи озодӣ,
Азоби лаҳзаи ҷон кандан аз дилбастагии мост.

Зи афсурдан зи по меафтад, он чӣ рост истода,
Ҳуҷуми марг бар марзи бадан аз хастагии мост.

Дамидан дар замини мурдаҳо аз синаи турбат,
Далели дар замон рӯзе ду-се барҷастагии мост.

Ба рӯи гӯри мо шаҳкосаи бишкасталаб, эй дӯст,
Нишон аз ормони дар ҷаҳон нашкастагии мост.

12.06.2007

* * *

Ранги рӯи боғ аз биму хазон дигар шавад,
Оҳи оташбарги обон зери хокистар шавад.

Бод оҳанги ғамангез офарад аз ҳаҷри гул,
Рӯи зарди тирамаҳ аз ашки борон тар шавад.

Чашм аз марги тамошо ҳамчу марди сӯгвор
Гиряро дар худ фишорад, абри ғамманзар шавад.

Рахт бандад селаи парранда аз шохи дарахт,
Навдаи бебарг яъси тифли бемодар шавад.

Чун кафанбофи зимистон ҷисми сарди боғро
Дар кафан печад, замин аз барфи ғам оҳар шавад.

Бар сари гулбоғ борад коғ-коғи зоғи доғ,
Чуғд дар вайронаи гулзор хунёгар шавад.

Ғунчагӣ бишкуфту даврони шукуфоӣ гузашт,
Баъд аз инам фасли баргафшони пирӣ сар шавад.

18.06.2007

* * *

Рӯзгори одамӣ берун на аз бешу камӣ,
Оҳ-оҳ аз беғамӣ, сад оҳ-оҳ аз беғамӣ.

Беғамӣ як бурдаи нонат набахшад, эй азиз,
Гар нагӯӣ, ман намегӯям, ки олам мотамӣ.

Созмонеро ситоиш карданатро қоилам,
Водареғ аз мову ту в-аз ин ҷаҳони парчамӣ.

Ман намегӯям, ки бояд зист то рӯзи аҷал,
Ё ту мур, ё ман бимирам, ё тамоми оламе.

Ин ғазал поён надорад мисли дарди беилоҷ,
Ман ба поён меравам аз рӯи ин пастухамӣ.

Пасту хам умр аст, ҷонам, аз чӣ азми саркашӣ?
Чун ҷаҳон дасти дуои баргу одам шабнамӣ.

24.05.2008

* * *

Куфр чун орад ҳуҷум, андеша кофар мешавад,
Неъмат аз ношукрии ноаҳл камтар мешавад.

Дона аз зери замин сарсабз мехезад ба по,
Аввали фасли баҳорон рӯзи маҳшар мешавад.

Яъс мехоҳад, ки бори ғам ба дӯши дил ниҳад,
Одамӣ гар лаҳзае ғофил шавад, хар мешавад.

Об дорад қуввати селӣ дар айёми баҳор,
Дил чу феъли санг мегирад, ситамгар мешавад.

Бо дуо гар аз даво хоҳӣ шифо, дардат диҳад,
Чун талаб орӣ ба лаб, гӯши сахо кар мешавад.

Баски умрамро ба боди бода паймудам ба шаб,
Субҳдам аз фикри май дарди сарам сар мешавад.

Рангҳо мурданд, чун дар якдигар омехтанд,
Офтоб аз файзи якрангӣ мунаввар мешавад.

Лаҳзае, ки пуштнокӣ дар замин чалпак шавӣ,
Бо ту, эй гардун, ҳисоби ман баробар мешавад.

18. 06. 2007

* * *

Дар мурдаоб ганда шавад лаззати тапиш,
Паркандамурғро набувад қудрати париш.

Як луқма хӯрданист бадан дар даҳони гӯр,
Ин гушначашм сер нагардад ба парвариш.

Калтутро баланд шавад мӯи сар зи нав,
Оре, гаҳе ба фоидаи мост сарзаниш.

Сели ғазаб натиҷаи хомист, эй ҷавон.
Берун шавад ба фасли баҳор об аз равиш.

Норуста ношинохта мемонад, эй ҳаким,
Урён шавад қазияи пинҳон зи вокуниш.

Аз варзиши зиёди ҳавас дил шавад палид,
Вазнин шавад шамоли сабукпой аз вазиш.

Одам шавед аз сари андеша, эй харон,
Говон ҳаёт сарф кунанд аз паи хӯриш.

Дунё кирои меҳр ниҳодан намекунад,
Бояд гузашт аз сари олам ба як ҷаҳиш.

28.06.2007

* * *

Мурданд дар маҳаллаи шаб маҳчароғҳо,
Рафтанд аз ин замона нишоту фароғҳо.

Ҳарфи маро шунав зи хамӯшии ҳар дарахт,
Бе ман агар гузар кунӣ аз кӯчабоғҳо.

Сабзи туроcт оташи зарди хазон зи пай,
Хокистарист оқибати боғу роғҳо.

Гар лаҳзае ба ёди дили ман дилат тапад,
Меёбиям дар охири роҳи суроғҳо.

Гар қабри ман фуру равад аз гашти рӯзгор,
Сӯи ту дар нигоҳ гурезам зи роғҳо.

Фардо, ки лола медамадам доғдил зи хок,
Хатти маро бихон зи ишороти доғҳо.

27.05.2006

* * *

Биё, эй нозанин, имшаб, ки бе ту бекасам имшаб,
Чу мижгон дар миёни оби чашмонам хасам имшаб.

Сияҳчодар зи шаб дорад маҳи бо ҷони ман маҳрам,
Ба қадрат, эй нигори нозанинам, мерасам имшаб.

Ту имшаб бо манӣ, аз ҳеч кас чизе немехоҳам,
Фақат оғӯши ту, оғӯши гарми ту басам имшаб.

Намеёзам ба себи синаат дасти нигаҳ, эй ёр,
Агарчи бӯсахоҳ аз пахтасеби норасам имшаб.

Биё, бо ҳам нафас гирем ин боҳардубуданро,
Ки бе ту, дар ду олам як нигоҳи вопасам имшаб.

07.03. 2008

* * *

Фурсате нест то ба ошуфтан,
Пешу пас бояд аз ҷаҳон рафтан.

Чорае нест ҷуз ба ҳукми қазо
Марги бераҳмро пазируфтан.

Оқибат зери хок бояд рафт,
Оре, ин аст ишораи хуфтан.

Рафтани мост сахт бебаргашт,
Ҳоҷате нест нақши по руфтан.

Чист Қуръон? – Китоби аҳли азо,
Монад аз баъди мо дуо гуфтан.

Тухми одам намедамад аз хок,
Ғунчамаргист зинда бишкуфтан.

30.03.2007

* * *

Бардор чатри мижжаву сӯям нигоҳ кун,
Бо ман ба қасди аҳли биҳишт иштибоҳ кун.

Дастам бигиру сӯи шаби пурситора бар,
Яъне мусобиқат ба таҷаллои моҳ кун.

Бо ман бимон тамоми шаб, эй ёри моҳрӯй,
Рӯзи маро чу чашми сиёҳат сиёҳ кун.

Бигзор, сар ниҳам ба сапедии синаҳот,
Шоми фироқро зи висолат пагоҳ кун.

Эй мазҳаби нигоҳи ман, эй манзари савоб,
Бар рағми фахри аҳли шариат гуноҳ кун.

28.04.2006

* * *

Ҷаҳон маънои танҳоӣ, чунин будаст, хоҳад буд,
Ду чашми чор раҳпоӣ чунин будаст, хоҳад буд.

Ҳамеша пеши роҳи мо сафедиву сиёҳиҳо,
Муҳаббат ёри ҳарҷоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

Гуноҳи мо зи баъди мурдани мо халқ мекобад,
Зи баъди мост расвоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

Агар хуни ҷигар гаштем, зи гапи худ набаргаштем,
Ҷигархориву лабхоӣ чунин будаст, хоҳад буд.

«Фалак як пири бедандон», замин кампири лабхандон,
Аҷал мероси бобоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

Дугонак нестем, афсӯс, чу донак нестем, афсӯс,
Талоши мост яктоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

Рамақро гар рақам гуфтем, ғами худро на ғам гуфтем,
Забони мо алифбоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

Ҷавонӣ рафта берунсӯ, Худо истода рӯбаррӯ,
Давоми умр муллоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.

14.04.2008

* * *

Нигоҳе аз ду рӯ дилгир дорам,
Ба пои чашми худ занҷир дорам.

Агарчи дар вафо таъҷил дорӣ,
Вафодори туям, таъхир дорам.

Насиби ман нашуд оғӯши гармат,
Чӣ созам, гар чунин тақдир дорам?!

Наомад иштиҳоям то ду себат,
Бубахшо, ман ду чашми сер дорам.

Худовандо, бигир аз ман гиребон,
Ки як сар, сад гиребонгир дорам.

26.04.2008.

* * *

Ин осмон тамоюли мотам намекунад,
Нӯки мижа зи мурдани мо хам намекунад.

Ҳоҷат ба пастухам хамиши умрамон намонд,
Дарё назар ба ояти шабнам намекунад.

Ақлат ба фаҳми матлаби шоир намерасад,
Эй хар, туро китоби ман одам намекунад!

Ҳаргиз дуои бад ба нишонгаҳ намерасад,
Тӯби кафидаро дами мо дам намекунад.

Бахшад шифо ба дарди бади тан давои бад,
Ношустаро ҷуз об муназзам намекунад.

Ҳар кас, ки хӯрд бурдаи ноне зи хони ман,
Назди Худову халқ маро кам намекунад.

Аз дард дам гирифтаву хуррам шукуфтаам,
Афсӯси он даме, ки Худо зам намекунад.

30.06. 2008

* * *

Миёни гиряи дарё лаби чашми ту механдад,
Ба рӯзу рӯзгори ман шаби чашми ту механдад.

Ду рӯят лоларо дар оташи озарм месӯзад,
Нигоҳи гарм дар тобу таби чашми ту механдад.

Қалам дар дафтари машқи хати дил ашк мерезад,
Гаҳе ки мардумак дар мактаби чашми ту механдад.

Чу аз чашми аҷал метарсам аз бими ҷудоиҳо,
Ба ҳолам зиндагӣ дар матлаби чашми ту механдад.

Дили ғамноки ман гирён бувад дар ҳаҷми чашмонам,
Дили шодонаат дар қолаби чашми ту механдад.

22.07.2008

* * *

Ғурури офтоб ин ҷо ба аҷзи соя яксон аст,
Аз ин ҳикмат, ки мегӯям, ишорат қадри инсон аст.

Ғам аз дил мехазад то чашмҳо асрори пинҳонро,
Ғубори мижжаи абри сияҳ андӯҳи борон аст.

Надоматҳосилем аз меваи хоми ҳавас хӯрдан,
Ба ҳар кас бингарам, аз фикри хоми худ пушаймон аст.

Фароғатвусъатӣ ин тангайшӣ дар бағал дорад,
Наво дар тангнои пардаҳои ной пинҳон аст.

Саботандешакардан ғафлатисабзигулистонист,
Зи рӯ моро на ранг, эй ҷони ширин, ҷон гурезон аст.

23.05.2008

* * *

Шомат ба хайр, эй вараҷи сап-сафеди ишқ,
Раҳме бикун ба ҳолати ин мӯсафеди ишқ.

Метарсам аз надидани ту дар шаби фироқ,
Меларзам аз набудани ту ҳамчу беди ишқ.

Поёни шаб агар ки сафед аст, ғусса нест,
Бояд ба рӯзи худ бирасам бо умеди ишқ.

Меҷӯямат ба хоб, ки аз ман паридааст,
Мегӯямат ба об мани ноумеди ишқ.

Чун нестӣ дар имшаби ман моҳи нозанин,
Роҳам намо, ситораи роҳи сафеди ишқ.

26.04.2008

* * *

Дилам дубора зи ишқат фишор мехӯрад имшаб,
Ҳазор ҳасрати беш аз шумор мехӯрад имшаб.

Зи бахт шукргузорам, ки гӯспанди нигоҳам
Ба ҷои сабза зи рӯят баҳор мехӯрад имшаб...

Сафо бикун дили зебои мардаки сафариро,
Вагарна мардуми ин раҳ ғубор мехӯрад имшаб.

Ду-се сапеда ба мӯи сарам табассуми пирист,
Сапеда таънаи шабҳои тор мехӯрад имшаб.

Дуо миёни лаб асту ду дасти болкушода,
Нигоҳи ҳасрати мо обшор мехӯрад имшаб.

Ба рӯзи нав бирасидему рӯзи хайр надидем,
Замонаро ғами ин рӯзгор мехӯрад имшаб.

Суруш марди ғариби диёри беадабиҳост,
Ҳилолиёна ғами сангсор мехӯрад имшаб.

08.11.2007

* * *

Ғамат дар дилам хонашин шуд, азизам,
Дареғо, самоям замин шуд, азизам.

Чу аз гандуми рӯи ту бӯса чидам,
Далели гуноҳам ҳамин шуд, азизам.

Дилам аз ғамат гашт лаъли Бадахшон,
Ба ангуштаринат нигин шуд, азизам.

Дуо кардиям, то зи ҳаҷрат бисӯзам,
Чунин шуд, чунин шуд, чунин шуд, азизам.

Чу моҳӣ, ки аз об берун фитодаст,
Суруш аз ҷудоӣ ғамин шуд, азизам.

23.10.2008

* * *

Дунёст аз ҷаҳолати мардум пур аз фасод,
Хуниндилам чу лола аз ин қавми бесавод.

Обон занад дар оташи сардам ба панҷа об,
Хокистар аст алангаи хокам ба дасти бод.

Рӯидаанд ҷаҳл кадукаллаҳо зи хок,
Барҷастаанд сангдилон сина аз ҷамод.

Мешорад аз забони бузургони мо дурӯғ,
Нанги ҳақиқатанд ҳакимони каҷниҳод.

Гургон намехӯранд ғами гӯспанди мо,
Бекора бастаам ба ду-се рӯбаҳ эътимод.

Эй кош, дар диёри тиҷоратписанди мо
Бозори танфурӯшии занҳо шавад касод.

Эй кош, нангу ори ману мо шавад зиёд,
Гумгашта ифтихори ману мо расад ба ёд …

Бигзор, ғамгусори ту бошам дар ин ватан,
Эй ёр, иштиҳои ту аз ғусса баста бод!

12. 06. 2007

* * *

Гарди умрам, ки парешон шудам аз домонат,
То дами марг манам раҳнигару раҳбонат.

Сабзат аз зард гирифт оташу шуд хокистар,
Эй рухи гандумӣ, оби ту парид аз нонат.

Зиндагӣ кардани мо мушкилу мурдан осон,
Лаби ман мегазӣ, эй гӯр, таҳи дандонат.

Зиндагӣ сар шавад, эй бачча, дами зодани мо,
Оҳ, болои ту як рӯз барад поёнат.

Шиша, эй санг, зи бими ту дили соф шикаст,
Ман наметарсам аз оҳангару аз сандонат.

Эй гули коғази андешаи тасвиргарон,
Нолаи марг нагунҷад ба лаби хандонат.

15.07.2008

* * *

Камомадро маҷӯ, ман кам надорам,
Ба нӯки мижжаи худ нам надорам.

Куҷо ҷӯям дили гумгаштаамро?
Дареғу дард, Ҷоми Ҷам надорам.

Гурезонам аз ин шаҳри дилозор,
Дар ин ҷо ғайри худ одам надорам.

Манам худ давлати машҳури дунё,
Нишонат медиҳам, парчам надорам.

Чӣ ғам, гар баччаи одам бимирад?
Ғами одам, ғами олам надорам.

Маро куш дар миёни ин кашокаш,
Ба шоми марги худ мотам надорам.

Чу ман мурдам, бимон, олам бисӯзад,
Манам як холабеғам, ғам надорам.

25.06.2008

* * *

Гул медиҳанду фасли баҳори ту мебаранд,
Пул медиҳанду шӯҳрату ори ту мебаранд.

Бигзор, баъди хайр дусад миннатат кунанд,
Эй хар, ба фикри худ ҳама бори ту мебаранд.

Гулфурсатист хандаи мастон дар ин чаман,
Лаззат тамоми халқ зи кори ту мебаранд.

Эй нозанини шаҳр, тамоми мусофирон
Дар дил хумори чашми хумори ту мебаранд.

Маргат диҳад Худо, туӣ андӯҳи зиндагӣ,
Мардум ба гӯр чӯби мазори ту мебаранд.

24.06.2008

* * *

Маро ҳам кам гирифтӣ, кам набошӣ,
Нам аз шабнам гирифтӣ, кам набошӣ.

Нам аз шабнам гирифтӣ, шаб шуд, эй ҷон,
Аҷаб мотам гирифтӣ, кам набошӣ.

Дилат гар монда шуд аз ғам тапидан,
Ту як дам дам гирифтӣ, кам набошӣ.

Мани қайсар ба худ ҳамсар гирифтам,
Ту ҳам ҳамдам гирифтӣ, кам набошӣ.

Ғаму дардат ба ҷонам, ҷони ширин,
Ғаму дардам гирифтӣ, кам набошӣ.

Нафурдо паст гуфтӣ, шевазебо,
Ба гап олам гирифтӣ, кам набошӣ.

24.06.2008

* * *

Сиришки бонуи абр аст резиши борон,
Ҳубоби ғуссаи дарёст хезиши борон.

Зи қаҳри тези ту, эй меҳрубон, гурезонам,
Балои сел бувад дар ситезиши борон.

Навозише, ки зиёд аст аз эътидол, бадист,
Ғурури рӯд шавад обхезиши борон.

Ҷудо зи рӯи тару тозаат, азизи дилам,
Чу сабза хушк шавам аз гурезиши борон.

Гаҳе ки кокули хушбӯи худ пареш кунӣ,
Шавад тамоми танат атрбезиши борон.

08.04.2006

* * *

Мо об банд кардаву беобрӯ шудем,
Мобайни пахтазори шумо ранги мӯ шудем.

Моро шамол зад зи дами сардат, эй табиб,
Овозидилгирифта зи дарди гулӯ шудем.

Мо мӯи лаб ду тоб надодем чун раис,
Аммо ягона мӯи лаби як сабӯ шудем.

Аз шаш ҷиҳат навои тасалло намерасад,
Гумроҳ дар миёнаи ин чорсӯ шудем.

Аз мо ба ғайри хору хасе устухон намонд,
Чун ранги гул паридаву гумгаштабӯ шудем.

24.07.2008

* * *

Афсона бофтему ҳақиқат дурӯғ шуд,
Бероҳа тохтему тариқат дурӯғ шуд.

Нобоварӣ ниҳол буд, инак дарахт гашт,
Азбаски ростиву садоқат дурӯғ шуд.

Нури нигаҳ ба дидаи ибрат намондааст,
Бад кардам, эй Худо, ки қиёмат дурӯғ шуд.

Осудагӣ надидаву мурдем, водареғ,
Ҳар рӯз, ҳар дақиқаву соат дурӯғ шуд.

Оё ҳанӯз зиндаӣ, эй марди сахтҷон?
Дидам туро, тамоми мусибат дурӯғ шуд.

Шукри Худо, ки дам ба дарунат гирифтаӣ,
Дар ин миёна ҳазрати миннат дурӯғ шуд.

Номам дигар ғам аз паси фардо намехӯрад,
Зеро ки рангу ҳарфу китобат дурӯғ шуд.

Бе нуқта ин чакома ба поён намерасад,
Чун ибтидо надошт ниҳоят, дурӯғ шуд.

28.06.2008.

* * *

Бар сари шаби ман ҳам субҳдам ҳуҷум овард,
Шодиям зи дил гум шуд, чунки ғам ҳуҷум овард.

Паҳлуи тарозуро зер кард андӯҳам,
Чун ба ин сари тоқа бешу кам ҳуҷум овард.

Комати баланди ман сангиву сафедорист,
Гарчи бар саропоям пастухам ҳуҷум овард.

Одаме надорад дил ғайри ғам дар ин дунё,
Зиндагӣ таваллуд шуд, з-он ки дам ҳуҷум овард.

Гаппи кӯчагӣ гуфтан ҳурмати забони мост,
Ҳар куҷо ки дилраҳмист, сад ситам ҳуҷум овард.

Дӯзах аз нигоҳи ман сард чун зимистон шуд,
Чун ба маънии ҷаннат як Ирам ҳуҷум овард.

Шиша бишканад рӯзе умри майпарастонро,
Бар сари табори ман Ҷоми Ҷам ҳуҷум овард.

Ин ғазал намехоҳад мисли ман мамоти худ,
Рӯзи гушнагӣ бар мо як шикам ҳуҷум овард.

25.07.2008

* * *

Оҳ, ба хоки роҳи тан чашми чаман намерасад,
Эй сари гапшунав, дигар бар ту сухан намерасад.

Оши Худой мехӯрад баччу качи худофурӯш,
Мурдаи мардикорро гиряи зан намерасад.

Шукри Худо, чашидаам з-он чи, ки буд чашиданӣ,
Дасти дилам ба диданат, эй ғами ман, намерасад.

Ҷон зи қабила рафтанист, донаи ҷисм рустанист,
Ин хари кандакардаро меху расан намерасад.

Рафта зи хотири танат лаҳзаи нотапиданат,
Хандаи хира мекунӣ, лаб ба даҳан намерасад.

Пахта хишова мекунӣ, фикри пиёз мепазӣ,
Мардаки мурданӣ, магар бар ту кафан намерасад?

02.07.2008

* * *

Хап ист, эй баҳона, ки ман дод мезанам,
Бо ёди ёри гумшуда фарёд мезанам.

Як бор фанд хӯрдани андешаам бас аст,
Хирман ба ҷои дуртар аз ёд мезанам.

Ширин вафо ба ошиқи бепул намекунад,
Писхандае ба тешаи Фарҳод мезанам.

Дар барги бед ин сухани тоза шабнамист,
Лофи қади баланд ба шамшод мезанам.

Дам гир зери сояи андӯҳам, эй падар,
Ман бо китоби хеш туро бод мезанам.

16.08.2008

* * *

Лола дар сари гӯрам байрақи баҳорон шуд,
Рӯзи мурданам, афсӯс, абр чашми борон шуд.

Хап нишастаам имшаб, чунки ҷои гаппам нест,
Рост гуфтӣ, эй додар, тирамаҳ зимистон шуд.

Духтари хиёбонӣ, номи ман напурсидӣ,
Сӯхтӣ маро, рафтӣ, ними ман биёбон шуд.

Рафтиву дили худро дар замин бикоридам,
Лола аз дилам рӯид, ғуссаам намоён шуд.

Дигарам зи пушти ту хоҳиши давидан нест,
Шоир аз суханбозӣ оқибат пушаймон шуд.

25.07.2008

* * *

Кас намебинад дар ин зулмот рӯзи рӯшноиро,
Абри кибри мардумон пӯшида фарри кибриёиро.

Ман намедонам, куҷо бигрезам аз бемеҳрии одам?
Раҳнамое нест, то бинмоядам роҳи раҳоиро.

Дар замони мо, дареғу дард, ҳатто саг намебӯяд
Меваи гандидаи зери дарахти ошноиро.

Ҳарза мегардему рӯзе ҳам дучори марг мегардем,
Пои мо хобида чашми чори ранҷи роҳпоиро.

Гашта рӯзистонӣ армонҳои зебои шабистонӣ,
Тоҷикистонӣ пазируфтаст фаҳши аврупоиро.

Чашм мешармад зи боло рафтани домони духтарҳо,
Сад дареғ, оре намонда мардҳои ориёиро.

Субҳиаввалгуна рӯидан далели рӯсапедӣ нест,
Пардаи оина урён аст рӯи худнамоиро.

Сахт душвор аст дар зулмот ҳифзи обрӯ кардан,
Мурдаоб истода ҷӯбори равони худситоиро.

17.07.2004

* * *

Аз наме оби сияҳ баҳре касофат мешавад,
Як сари мӯ шак шикасти сад ибодат мешавад.

Дар раҳи куфру хиёнат пои имон хуфта беҳ,
Хоби по гар фарз бошад, хоби роҳат мешавад.

Дастандаркори таъмири дили бишкастаро
Рӯзи растохез рӯзи истироҳат мешавад.

Дар сари побастагӣ андешаи ворастагист,
Аз риёзат ранҷҳои дил саодат мешавад.

Акс бо оина ҳамоин зи файзи ҷавҳар аст,
Саҷда назди Ҳақ сари болои қомат мешавад.

Ҳар чӣ аз каф меравад ҷуз вакт, вопасгаштанист,
Зиндагӣ масраф ба солу моҳу соат мешавад.

Сер кай гардад зи хоки хокдон чашми ҳарис?
Сабр агар зебо бувад, маҳзи қаноат мешавад.

Мепазирад феъли бад одам зи бадандешагӣ,
Чун шавад такрор ҳар одат, табиат мешавад.

Дӯстии ҷоҳилон, эй дӯст, маҳзи душманист,
Офарин андар забони сифла нафрат мешавад.

Бештар аз эътидол аз хонаву манзил мабол,
Гӯри тангат чун макони истиқомат мешавад.

Мехарошад осмонро бо сари нохун ҳилол,
Як сари нохун дили мо ҳам ҷароҳат мешавад.

Гар напӯшад осмон аз оҳи мо шоли кабуд,
Хок хокистарваш аз ранги мусибат мешавад.

Бо муҳаббат ҳар кӣ мехонад суханҳои Суруш,
Синааш чун субҳ равшан аз таҳорат мешавад.

18. 06 2007

* * *

Баҳор чист? –Зи парда бурун давидани ранг,
Зи рози реша ба айни гияҳ дамидани ранг.

Бухори дарди дил аст ин ғами давандаи чашм,
Сиришк чист? –Зи мижгон фуру чакидани ранг.

Сабо ба доғи гули лола ларзиши дили кист?
Ҳазор ҳасрати ишқ аст дар тапидани ранг.

Нигоҳ чист? –Фирор аз сиёҳ сӯи сапед.
Биҳишт чист?  –Зи дида ба дил хазидани ранг.

Ғурури хандаи гул аҷзи арғувонии кист?
Насиби хоки сиёҳ аст қад кашидани ранг.

Зи рӯ мапурс зи асрори сурху зарду сиёҳ,
Ки аз табаддули ҳол аст офаридани ранг.

Дар оҳувони сияҳ медавам ба водии ҳусн,
Ки нури дида ниҳон аст дар чаридани ранг.

Ҳариси синаи субҳам миёни мардумакон
Дамид мӯи сапедам ба сар макидани ранг.

Лабам ҳамеша хаёли лаби латифи касест,
Дилам ҳамеша кашол аст бар чашидани ранг.

Туро чаро ба гулистони шавқ овsecurityanand?
Мурод аз ту нигаҳ буду завқи дидани ранг.

«Баҳор!» – гуфт касе. Дар лабам нишот шукуфт,
Паёми сабзи биҳишт аст дар шунидани ранг.

Ба бӯи пираҳан он пирмарди нобино
Ба дида нур биафзуд аз шамидани ранг.

Киноя ба хазон дораду вуҷуди адам
Ба рӯзи марг зи рӯи башар паридани ранг.

04.05.2000

* * *

Эй Офтоб, рӯшаниву соя ҳамсафост,
Дар ин миёна он чӣ сиёҳ аст, рӯзи мост.

Фикри абад гуноҳи алим аст, эй азиз,
Боло зи ёд рафтаву поён ба зери пост.

Дунё ҳанӯз маншаъи андешаи дуист,
Як сӯ Худо-Худову дигар сӯ тило-тилост.

Ихлос аз халос ҷудо гашта, сад дареғ,
Оҳ, ин ҷаҳон магар ба назар айни муддаост?

Ҳар ошно, ки сӯҳбати мо орзу кунад,
Аҳволпурс мешавадам: Ошу нон куҷост?

Хонандае намонда ба шеъри навиштаам,
Эй ту биё, биё, ки дилам ранҷа аз Шумост.

07.06.2008

* * *

Ин сари ҷафодида бори гарданам гашта,
Оҳ, эй қади зебо, соя душманам гашта.

Хоб дидам Одамро, к-аз алам ба худ мегуфт:
Оҳ, шарбати гандум доғи доманам гашта.

Шиша аз шикасти худ нола дар бағал дорад,
Обутоби ғам тарси қалби оҳанам гашта.

Ғунча аз шукуфоӣ шиква то хазон дорад,
Зарди гулханам марги сабзи гулшанам гашта.

Бошад абри нолида з-осмони болида,
Ханда дар лаби умрам рафта, шеванам гашта.

Рӯиши сияҳгӯшӣ мотами Сиёвушист,
Гӯри орзуҳоям чоҳи Бежанам гашта.

01.08.2008

* * *

Нақши нағзи девор аст сояи базеби ту,
Мехӯрам, азизи дил, то абад фиреби ту.

Эй қадди баланди ту авҷи сарбаландиям,
Ёди кокулат дорад ёри сарнишеби ту.

Дарди гандумин дорам, рӯи гандумин дорӣ,
Чун шавӣ насиби ман, мешавам насиби ту.

Гар ба хокам андозӣ аз биҳишти оғӯшат,
Дасти худ намеёзам ман дигар ба себи ту.

Рӯи шохаи мижгон абр дораму борон,
Гиря мекунад, эй гул, бе ту андалеби ту.

05.09.2008

* * *

Шабе, ки хотират аз абри ғам малол гирифт,
Зи чини байни ду абрӯи ту ҳилол гирифт.

Дилат ба санг мубаддал шуд аз хуруҷи ғазаб,
Ба санглох надидам, ки навниҳол гирифт.

Нигоҳи лоғари ман пеши рӯи халқ натофт,
Валек ин ғами бечораҳол ҳол гирифт.

Сарам, ки сахттар аз рӯзи зиндагонии мост,
Ба тори сар зи алам косаи сафол гирифт.

Гирифт халқи фурумоя рӯза аз сари моҳ,
Ҳамеша қанд занад ин писар, ки сол гирифт.

16.08.2008

* * *

Нимаи умр, водареғ, сарфи хаёлу хоб шуд,
Аз ғами пахтазори мо синаи санг об шуд.

Ғайри ду рӯи дафтарам ёри сафедрӯ намонд,
Ашки сиёҳи хомаам шеър дар ин китоб шуд.

Ҳолати гул ба ҳоли ман раҳм нахӯрду зард гашт,
Аҷз даруни набзи ман зарба шуд, изтироб шуд.

Дар дили ман ба нози кас гӯшаи нозанин намонд,
Чун зи ҷафои дилбарон кишвари дил хароб шуд.

Аз падарам шунидаам зарбати панди оҳанин,
Панди падар ба ҷони ман зарба буд, обутоб шуд.

Заррасифат зи зери по сӯи само баланд шав,
Ҳар кӣ ба сӯи нур рафт, оқибат офтоб шуд.

25.07.2008

* * *

Ҳамҷому ҳамнасибаву ҳамкори ман намонд,
Дар ин замони ғамзада ғамхори ман намонд.

Бозичае ба дасти ту будам, азизи дил,
Партофтӣ марову нигаҳдори ман намонд.

Як умр хандасори гузаргоҳи ғайбатам,
Он ки намонд по паи озори ман, намонд.

Оҳ, ин чакома боз муаммои дигар аст,
Аз ман ба ҷуз хатои ман осори ман намонд.

Омад, дареғу дард, замоне ки лаб газам,
Ҷуз дар лаби газида суханзори ман намонд.

11.06.2008

* * *

Оҳ, оҳ, ин ғунчагӣ гар навбаҳорат мекунад,
Ғӯрагиятро ба боғи умр ғорат мекунад.

Шохаи хушкидаи беде, ки рӯи гӯри мост,
Ё ба хушкидан ва ё бар марг ишорат мекунад.

Пеши по хӯрдӣ, дил, аз харсанги ноҳамвори сар,
То ту меандешӣ, одам сангсорат мекунад.

Шаб ниқоби ростӣ дар ин ғуруби костист,
Ҳар чиро, ки хостӣ, зери ғуборат мекунад.

Саргаронӣ аз Худованд асту дасти чора низ,
Эй гунаҳ, афсуни Шайтон мисли морат мекунад.

Чун ту мепоӣ ба аспи ҷаҳл, эй подарҳаво?
Марг рӯи аспи чӯбӣ шаҳсуворат мекунад.

Мурдаи олударо шустан далели аҳмақист,
Оташи дӯзах, гунаҳгоро, бухорат мекунад.

Пой кач монӣ, зи манзил дур мемонӣ, Суруш,
Заррае шак оламе яъси ғуборат мекунад.

07.06.2008.

* * *

Эй зулф, ҳоли чашми ман ошуфта мекунӣ,
Ҷони маро ба сад шикан ошуфта мекунӣ.

Эй оҳ, то бурун наравӣ, лаб газидаам,
Зеро ки дар ду лаб сухан ошуфта мекунӣ.

Чашмам чамон намешавад инак ба рӯи гул,
Эй бод, кокули чаман ошуфта мекунӣ.

Дигар маҷоли гап задани мардумак намонд,
Нони газида, як даҳан ошуфта мекунӣ.

Бе пул сухан асар ба дили кас намекунад,
Мардак, ба хираханда зан ошуфта мекунӣ.

Ношуста оби рӯй надорад даруни хок,
Эй мурдаи Худо, кафан ошуфта мекунӣ.

12.09.2008

* * *

Фиреби об мехӯрад нигаҳ зи чашмаобҳо,
Фузуд ташнагии дил зи ҷилваи саробҳо.

Дамида сабза аз замин тани ҳазор нозанин,
Чакида ашки мотамӣ зи дидаи саҳобҳо.

Ба сина ҷой додаам ғами сабилмондаро,
Намонда тоқати дилам дигар ба изтиробҳо.

Зи каҷравии ростон, зи душмании дӯстон
Ба дӯши дил кашидаам азобҳо, азобҳо.

Агар зи пушт гап занӣ, ба ёри худ ту душманӣ,
Ба рӯ накаш, накаш, накаш ниқобҳо, ниқобҳо.

Ту дафтари нигаҳ кушо, гузор, мижжа тар кунам,
Варақ занам, варақ занам саҳифаи китобҳо.

Ба шаҳри дур меравӣ, ба сад ғурур меравӣ,
Чу кафтаранд назди ту уқобҳо, уқобҳо.

Варақ-варақ даридаам чу барг-барг дар хазон,
Китоби ман ҷудо макун ба бобҳо, ба бобҳо.

16.08.2008

* * *

Як рӯз шаҳри гумшуда қишлоқ мешавад,
Ангушти по хиҷолати пайпоқ мешавад.

Ғамро ба заҳрханда лабам таъна мезанад,
Шири бурида хандаи қаймоқ мешавад.

Номи баланд мояи шеъри баланд нест,
Офоқ агарчи шӯҳраи офоқ мешавад.

Ошӯби шахр мешавад ин шеъри тундхӯй,
Ҳар кас, ки рафт зидди падар, оқ мешавад.

Ғамнок мешавад ғазали камбағал, дареғ,
Охир димоғи ғуссаи дил чоқ мешавад.

Ҷон меравад зи ҷисму ту мегӯӣ, эй Суруш,
Пеш аз радиф қофия пӯчоқ мешавад.

26.06.2008

* * *

Паи фаҳми гапи мо рав, фақат оҳиста-оҳиста,
Ба поин рав, ба боло рав, фақат оҳиста-оҳиста.

Насиҳат кардамат бо лаҳни Саъдӣ, қаҳр кардӣ, оҳ,
Сухан бишнав, сухан бишнав, фақат оҳиста-оҳиста.

Дигар бар гӯши мардум гаппи нағзи мо намефорад,
Ту одам шав, ту одам шав, фақат оҳиста-оҳиста.

Агар аспи бидав бошиву умре тундрав бошӣ,
Ба самти зиндагонӣ дав, фақат оҳиста-оҳиста.

Ғазалро баъди ман, эй баччаи қишлоқӣ, эй шоир,
Бипӯшон як либоси нав, фақат оҳиста-оҳиста.

25.07.2008

* * *

Забони аҷз хомӯшист, лаҳни дард фарёд аст,
Садои ҳузни гунги беди Маҷнун ғуссаи бод аст.

Фиғони раҳмат аз ҳар заҳмати беҳуда мехезад,
Хароши теша накше аз хурӯши хашми Фарҳод аст.

Нафас дар кӯчаи най аз фироқи равза менолад,
Паридан метавон ҳар лаҳза то авҷе, ки дар ёд аст.

Нигаҳ тавҳиди мардумҳост дар олам чариданҳо,
Намози ҷумъа нури ваҳдати аҷдоду авлод аст.

Асо дар дасти кӯрон феъли нури дидаро дорад,
Алиф ҳам чун асо дар дасти нодон донишэҷод аст.

Фиреби ташнагӣ мерақсад аз кӯроби ҷодугар,
Тилисми ҳайрати моро кушод аз сӯи устод аст.

Дили гумроҳи Шайтон мекашад моро ба гумроҳӣ,
Қазо моро чаро дар фикри хоми хасм афтодаст?!

Ба дунёи тааллуқ токро мастии хун печад,
Сари ҳушёри сарв аз дарди нангу ор озод аст.

Биҳишти хуфтаро бедор шав дар хуни гарми худ,
Ирам, эй бехабар, андешаи зебои Шаддод аст.

Саранҷоми сафар дар хокдон ҷуз хокхорӣ нест,
Башар як умр аз бими аҷал маҳзуну ношод аст.

Хазон дар зеҳни мо андешаи поёни рустанҳост,
Зимистон қути оташдонамон аз аҷзои шамшод аст.

15.05.2000

* * *

Вақт асту медавад ба хазон навбаҳорро,
Дар ҷӯйбор об равад рӯзгорро.

Шатранҷи шарти ишқ пур аз ранҷи бохтҳост,
Мо бохтем, оҳ, ба бегона ёрро.

Дар мавҷи рӯд чини ҷабинам далели чист?
Ҳайрат шукуфтаам ғами анҷоми корро.

Боре ба дӯш мебарам аз ҳеч сӯи ҳеч,
Бори амонат асту кашам ранҷи орро.

Фарёд мекашад нафасамро шамоли сард,
Бояд ба рӯ давам ғами абри баҳорро.

Ҳасрат парандаест, ки дар боли оҳи мост,
Ман оҳ мекашам ғами парвардагорро.

Охир ба асли хеш равад хоки одамӣ,
Анбоштам ба ҷисм насиби мазорро.

Аз нокасон гурехтаам андаруни дил,
Эй ёри ёр, ёд кун ин ёри ғорро.

Оҳ, эй дарахти сабзтар аз сидраи биҳишт,
Дар пои ту гиристам ин чашмасорро.

Хиҷлатнасибаам ба шақоиқ, зи хуни дил
Хокам зи ман дамида гули доғдорро.

Дуздидаам нафас, ки мабодо ба дуди оҳ
Олоям, эй азиз, рухи беғуборро.

Дар завқи об сар ба кафи пот мебарам,
К-аз даст додаам ҳаваси ихтиёрро.

Танҳотарин дарахти биёбони ҳасратам,
Бар поситодаам рамақи интизорро.

Эҳсос мекунам, ки касе мерасад зи роҳ,
Меорадам паёми хуш анҷоми корро.

19.04.2000

* * *

Модар, маро бубахш, ки нодону кӯдакам,
Кӯчидаам чу хонаи кӯчӣ, чу кӯчакам.

Рафтан нахостам зи биҳиштам, зи доманат
Рафтам, дареғу дод, ба ҷурми ду почакам.

Сад бор дар ду даст дуоям бирехтӣ,
Чун Ту ягонаӣ, ба Худо, сад нашуд якам.

Зодӣ маро Ту лухт барои гузашти лухт,
Дар байни ин ду лухти дусерӯза лухтакам.

«Так-так равӣ»! – (дуои баде дар диёри ман),
Шояд нагуфтаӣ Ту, чаро марди так-такам?

Он абри тори кӯҳ манам, модари азиз,
Пеш о, ба пеши пои хиромандаат чакам.

03.06.2005

* * *

Ранги ӯ дамидаӣ, эй баҳор, эй баҳор!
Сабзхат расидаӣ, эй баҳор, эй баҳор!

Нозро шукуфтаӣ, розро бигуфтаӣ,
Феъли ӯ гирифтаӣ, эй баҳор, эй баҳор!

Умрро равонаӣ ранг-ранг аз оби ҷӯ,
Тозарангу тозарӯ, эй баҳор, эй баҳор!

Дар замину обҳо, дар вуҷуди сангҳо
Растахези рангҳо, эй баҳор, эй баҳор!

Накҳати гузаштаҳо рустаӣ зи пуштаҳо,
Манзари фариштаҳо, эй баҳор, эй баҳор!

Нақши сарнавиштҳо медамад зи киштҳо,
Нусхаи биҳиштҳо, эй баҳор, эй баҳор!

Баъди мурданам маро аз дили сияҳсаро
Мисли сабзае баро, эй баҳор, эй баҳор!

07.03. 1999

* * *

Ишқро ниҳон кардӣ дар паси сияҳпарда,
Моҳро куҷо бурдӣ, эй шаби сияҳҷурда!?

Сӯи манзили Имон роҳро намеёбем,
Сояҳо ғами моро рӯи раҳ бигустарда.

Панҷаи дурушти шаб умрҳо биафшурда,
Гардиши шаборӯзон гарди мо баровварда.

Эй ба тан фурӯрафта ҳамчу хуки ёбоӣ,
Маргат аз барои гӯр ин қадар бипарварда?1

Иштиҳо ба нон дорӣ, ҷисми паҳлавон дорӣ,
Ҳаст як назар, аммо нестат дилу гурда.

Шаҳриён бурун аз тан рӯҳро намебинанд,
Зоҳиран на инҷоист он чи обаш оварда.

Шаҳриён ба хоки худ ғӯта хӯрдаанд, афсӯс,
Фикрашон намеболад берун аз саропарда.

Мо, ки содалавҳонем, аз деҳ кӯҳистонем,
Содагӣ зи сарчашма баҳрамон биёварда.

Шӯри қисмати чашма – оби фаччи уқёнус,
Ибтидо аҷаб зинда, интиҳо аҷаб мурда!

08.06. 1999

* * *

Он қадар пиру хастаҷон шудаам,
Сахт дилмонда аз ҷаҳон шудаам.

Фарқи байни шабам зи рӯз намонд,
Рӯзу шабҳо ситорабон шудаам.

Кандаам дар нигоҳам аз ҳама кас,
Дар миришкам ба рӯ равон шудаам.

Шарҳи ҳолам мапурс, эй ҳама меҳр,
К-аз ҷафои ту меҳрубон шудаам.

Дили ман шарҳа-шарҳаи ишқ аст,
Суҳравардии шаҳрамон шудаам.

Гашт дарди сарам забони тарам,
Оҳ, беҳуда тарҷумон шудаам.

Тоҷикистон, фидои қаҳри ту бод
Ман, ки номурда қаҳрамон шудаам.

13.08.2005

* * *

Чу бигзарем, нахезад зи хоки мо идрок,
Намедамад сари моро гиёҳ сабз аз хок.

Раҳи дароз зи дарёи дидаҳо дар пеш,
Чӣ гуна киштии нав созам, эй дили ғамнок?[1]

Раҳи дигар, ки ба хушкии зуҳд мекашадам,
Макидааст мадори тан аз мани чолок.

Дилам, ки об шуд аз ғам, ба баҳр мемонад,
Ба чашми баҳр фитодаст ғуссаи хошок.

Ғами сиёҳи дили танги мо гиристанист,
Агарки дард нагирйем, дил нагардад пок.

Ту, эй азиз, агар бо манӣ ҳамеша ҳабиб,
Дилам зи кинаи аҳриманон надорад бок.[2]

21. 10. 1999

* * *

Дар офтоби ғурубанда нолаи гунгам,
Аз инфиоли гунаҳ бо ғуруб ҳамрангам.

Ба ҷангали мижагон чашмро гурехтаам,
Паноҳ чустаам аз халқ дар дили тангам.

Хазидаам ғами худро зи дил ба сарҳади лаб.
Ба ғайри нола чӣ хезад зи авҷи оҳангам?!

Дилам қабилаи об асту пайкарам моҳӣ,
Катибаи ғами дарёст мавҷи ожангам.

---

[1] Бардошт аз ҳадиси пайғамбар(с).
[2] Бардошт аз Хоҷа Ҳофиз.

Раҳи дароз бубояд  сипарданам то худ,
Дареғу дард, ки бо ҳарду пой мелангам.

Ман устухон шудам, эй ёр, аз иқтисоди касод,
Чаро ба беҳ набупайваст фарри фарҳангам?!

Зи ҳуш меравам, эй дӯст, дар шигифт мапеч,
Ғами замона фитодаст бар сари сангам

Дигар ба марг дилам мекашад, чароки зи рӯ
Маро ба олами арвоҳ мепарад рангам.

16.08.1999

* * *

Даруни дил намегунҷам, гапи ногуфтаро монам,
Дар истиқболат, эй оянда, пои хуфтаро монам.

Ман он доғам, ки дар хуни дилам ғарқидаам умре,
Ба боми хокдонам лолаи бишкуфтаро монам.

Маро чун оҳак аз зери замин як рӯз мекобанд,
Агарчи ганҷи нақдам, насяи бинҳуфтаро монам.

Ман он рӯҳам, ки дар нуҳ моҳ инсонӣ пазируфтам,
Ҳисоби лаҳзаҳоям, солу моҳу ҳафтаро монам.

Зи ҳарфи нобаҷоям хотири нозук гарон манмо,
Ба паҳлӯи тарозу вазни санги суфтаро монам.

Манам дар кокулонат то қиёмат печутоби ҷон,
Ту зулф афшон, ки дар зулфат дили ошуфтаро монам.

Туро аз худ биранҷонам, ки баъдам шодмон монӣ,
Худо ҳофиз, ки роҳи баъди меҳмон руфтаро монам.

09.09.2002

* * *

Навоҳангам, зи пушти пардаҳои чанг меоям,
Зи роҳи ранг дар зеру бами оҳанг меоям.

Навоитозаэҷодам, Масеҳо дар нафас дорам,
Сабоисубҳзодам, аз диёри ранг меоям.

Ба оби зиндагӣ дар зулмат аз ранги садо роҳест,
Садои рангам, аз ангораи Аржанг меоям.

Аз аҳли кимиёям, ғуссаҳоро ашк мерезам,
Садо метаркам, аз андешаҳои гунг меоям.

Тапишхӯям, ҷунунандешаам, азхудгурезонам,
Шарарррафторам, аз исёни сарди санг меоям.

Хурӯҷи сабзи хоҳиш инфиоли сурхи номус аст,
Ман ишқам, аз паси ном, аз варои нанг меоям.

Зи ҳадди эътидоли оҳ рафтан нолаи талх аст,
Уруҷи ғуссаам, аз тангнои танг меоям.

Суруши ҳазрати ӯям, сухан аз худ намегӯям,
Наво аз сӯи бесӯям, ғарибоҳанг меоям.

28.12.1999

* * *

Саропо ларзаам, оҳанги дарарғуштро монам,
Дар эҷоди наво ларзидани ангуштро монам.

Гаҳе аз худ парешонам, гаҳе дар хеш яксонам,
Ба дасти зиндагӣ ангуштҳову муштро монам.

Ба ботин некпиндорам, ба зоҳир неккирдорам,
Авастоям, ҳадиси дилкаши Зардуштро монам.

Маро андар миёни доғу хун дил метапад умре,
Тулӯи лолаам, саҳрои хуноғуштро монам.

Дар ин дунё, ки дар забти нафас ҷузъи ҷиноятҳост,
Ба зери сарнавиштам мӯҳри сарангуштро монам.

Ба майли хотирам ин чархи каҷоин намечархад,
Қиёматдарҳаросам, бориғамдарпуштро монам.

Ба қадри сӯҳбати риндонаам, эй ошно, мерас,
Шарарболупарам, як умри бебаргаштро монам.

16.09.2000

* * *

Дами Исо ба мағриб мекашонад субҳгоҳонро,
Ба соҳил афканад дарёи иззат хаскулоҳонро.

Дили огоҳи доно гоҳи ирфон аҷзи нодонист,
Ҷаҳон як чашми ҳайратболупар шабнамнигоҳонро.

Навои чанг сад раҳ беҳтар аст аз моҷарои ҷанг,
Намедонад сипоҳӣ лаззати Роҳи Сипоҳонро.

Най аз дурӣ шикоят мекунад дар рӯҳи Мавлоно,
Нафас метозад умри кӯтаҳи ошуфтароҳонро.

Башар занҷирбанди ғуссаи зиндони тақлид аст,
Гадои нафс дорад мавҷи гавҳар подшоҳонро.

Аҷал аз қисмати ман буда, эй созандаи тақдир,
Хазон аз шоха мерезад  умеди додхоҳонро.

Ба рӯзи растахез аз чашми гандум ашк агар резад,
Куҷо оби надомат шӯяд аз мардум гуноҳонро?

Агар нанвозад имонро дами он найнавози ҷон,
Наво дар парда пинҳон мешавад бесарпаноҳонро.

28.12.1999

* * *

Ҷафост таънаву душному носазо гуфтан,
Вафост, эй дили зебои ман, Худо гуфтан.

Дилам ба сӯи ту аз ман гурез мехоҳад,
Ба ҷон расидам аз ин шаҳру аз Шумо гуфтан.

Хамӯшматлабам, аз як нигоҳ болам деҳ,
Ки то ба рӯи ту болам гаҳи дуо гуфтан.

Ғубори хотира гарде зи роҳи бедорист,
Зи ёр мақдаму аз банда марҳабо гуфтан.

Ҳақиқатест ба талхӣ дар ин чакомаи рамз,
Мабод боз шавад роз аз чаро гуфтан.

Дилам гирифт аз ин хоку оби сифланавоз,
Ба шӯрахок чӣ суд аз алифу бо гуфтан?!

Нигоҳхастаам аз манзари сarobнамо,
Бимон, зи ҳар мижаам резад алвидо гуфтан.

Суруш марди ғариб аст дар диёри шумо,
Малул меравад аз мову аз шумо гуфтан.

24.05.2000

* * *

Ҷӯборҳо ба баҳр расиданд аз иттифоқ,
Сарҳад фитод байни бани Одам аз нифоқ.

Вазъи замон зи ҳолати девона бадтар аст,
Афсӯс, ҷаҳл мечакад аз нилгунравоқ.

Мардум асири хоҳиши хешанд, водареғ,
Бошад сароб роҳзан аз ваҷҳи иштиёқ.

Суст аст байни насли ҷавон аҳди издивоҷ,
Сахт аст рӯзи кӯдаки навзода аз талоқ.

Бозорҳо пуранд зи андоми бенаво,
Дунё, ки фоҳишаст, дар ин давр нест тоқ.

Зоғон ба рӯсиёҳии чанде ба қоғ-қоғ,
Ғукон ба фаҳшкории бархе ба ғоқ-ғоқ.

Шаҳват ба коми фоҳишагон шаҳду шаккар аст,
Лаънат ба завқи пасти ту, эй чархи бадмазоқ.

Жӯлидагӣ дар ин лаҷани ҷаҳл то ба кай?
Эй одамӣ, дар оби мусаффо шав иттифоқ.

22.06.2000

**Эҳдо ба ...**

Номуросоӣ чаро бо мардуми худ кардаӣ?
Каждумӣ шояд, ки сӯям каж думи худ кардаӣ?!

Аз биҳиштат ронд бояд, эй шикам пур аз нахуд,
Гандаӣ, чун гандагӣ бо гандуми худ кардаӣ.

Эй ки се сум арзишат набвад ба бозори харон,
Сарзамин шарманда дар зери суми худ кардаӣ.

Кори фил аз дасти хар н-ояд, азизи чашми ман,
Ҷилва дар маҳфил чаро бо хартуми худ кардаӣ?!

Аҳрамансадпушт, аз пушти азизон гап назан!
Пордумпоён, чаро боло думи худ кардаӣ?!

Ё ҳавои шаҳр раъдат кард дар авҷи ғурур?
Ё фаромӯш аз нами зери хуми худ кардаӣ?

Бегунаҳмонанд чун мусича метобӣ, вале
Эй кабутар, дар ду бом аз фитна қум-қум кардаӣ.[1]

15.05.2005

* * *

Ғуссаи хазонрезам, яъси сабзаи зардам,
Боди сарсарӣ дорад домани дами сардам.

Дар анори хуниндил дона-дона хун бастам,
Ҳасрати бузургамро дар дилам биафшурдам.

Дар мизоҷи хушки худ сӯхтам басе бедуд,
Оҳ гаштаму худро аз ҷигар баровардам.

Сунъи ту фиребо шуд дар ишорати гандум,
Гандуми фиребатро як замон чаро хӯрдам?

Дар замин биафтодам, осмон баланд афтод,
Аҷзи ҷовидон гаштам, бар ту саҷда овардам.

Қаҳрат, эй гунаҳбахшо, беҳ зи меҳри дигарҳо,
То маро бубахшоӣ, эй Худо, гунаҳ кардам.

Дарди бекарон дорам, дар дилам намегунҷам,
Амр кун ба бедардӣ ҷовидона баргардам.

15.09.2000

---

[1] Ин ғазал посухест ба рафиқони ноаҳлу дағал, ки замоне дар маҳфили «Ганҷи сухан» (дар Хуҷанд) паи озори камина хурӯшиданд.

* * *

Дилам меларзад аз бими аҷал дар барги бед аз бод,
Таваккул мекунам бар зиндагӣ дар ҳарчи бодо бод.

Зи ҳадди эътидоли худ бурун рафтан пушаймонист,
Нафас метозад аз оҳе маро то сарҳади фарёд.

Куҷо, эй сарв, боло меравӣ болотар аз имкон?!
Зи озодӣ мабол, эй баста бар такрешаи бунёд.

Агар сад хона бар болои ҳам месозӣ, эй меъмор,
Ба болохона аз таҳхона натвонӣ шудан озод.

Ба гӯри тангу торат мебаранд, эй нури ҷамъият,
Чаро бо худ дар ин дунё нагаштӣ соате муътод?!

Ҳадиси дӯст мебахшад ба як олам тасаллое,
Ки рӯзи зодани мо рӯзи мурдан мешавад эҷод.

Чу ҷоми марг мавҷуд аст, мебояд чашид охир
Аз ин заҳри ҳалоҳил, эй муқимони харобобод.

Сукути сарди ман як нуқта дар поёни ин шеър аст,
Ки ҳамчун қатраи ашке зи чашми хомаам афтод.

05. 11. 1999

* * *

Одамӣ ҳар лаҳза мехоҳад зи нав кӯдак шавад,[1]
Аз кафан бигрезад, аз нав зеби парпечак шавад.

Интиҳо маҷмӯаи оғозу анҷоми дам аст,
Риштаи умре, ки мепечад башар, ғалтак шавад.

Сол паймудан наяфзояд ду рӯзи умрро,
З-он ки ҳар як дам ҳаёти даргузар андак шавад.

Сояи беди ҷаҳон оромгоҳи ғафлат аст,
Сояи осоиш охир зарбаи калтак шавад.

Ғунчагӣ бигзашту айёми шукуфоӣ расид,
Тарсам аз оҳе, ки дар гулзор зарпечак шавад.

[1] Бардошт аз Устод Лоиқ.

Ҷон ба сӯи ҷон равад, бар олами пинҳон равад,
Хоки ман бо хоки кулли рафтагонам як шавад.

Оҳ мехоҳам кашидан ҳар нафас, чун оқибат
Устухонам дар таҳи хоки сияҳ оҳак шавад.

08. 09. 2002

* * *

Эй ғамомӯзе, ки ғам хӯрдан биомӯзӣ маро,
Барқҷавлониву ҳамчун беша месӯзӣ маро.

Оби чашмам мечаконӣ аз паи як коса об,
Рӯзгоре медавонӣ аз паси рӯзӣ маро.

Оқибат бо пахта дар ҳалқам чаконӣ оби рӯ,
Бодаи марг аст поёни гулусӯзӣ маро.

Риштаи ранг аст андар сӯзани аҳли қалам,
Ҷуз сияҳрӯзӣ набошад ҳаққи гулдӯзӣ маро.

Дар замоне, ки чароғон нест шоми зиндагӣ,
Нанг меояд дигар аз маҳфилафрӯзӣ маро.

Рӯзгор андешаи сабзидани насли нав аст,
Мӯсапедиҳост аз ин баъд наврӯзӣ маро.

08.05.2005

* * *

Рӯҳи наботу аҷзи сияҳбед будаем,
Шармандаи таҷаллии хуршед будаем.

Раҳинтизори омадани интиҳои кор,
Вобастаи тааллуқи уммед будаем.

Дар корҳои баста чу девори ғафси Чин
Ҷоми шикаста дар кафи Ҷамшед будаем.

Дар раҳгузори боди аҷал ҳамчу шамъи ҷон
Ларзандатар зи барги тари бед будаем.

Дар маркази шиканҷаи зиндони шашҷиҳат
Занҷирбанди ғуссаи тақлид будаем.

Бар мурдаҳо зи ҷумъаву бисту зи чил чӣ суд?
Мо  рафтагон барои шумо ид будаем.

08.05.2005

* * *

Дарахти ишқаму сабзидаам ба гулшани умр,
Шамими ёди туро чидаам ба домани умр.

Давоми сабзи биҳиштам дар ибтидои баҳор,
Дуои муғчаи ихлосам аз шукуфтани умр.

Агар ба ёди ту як лаҳзае дилам натапад,
Ҳазор теғи ситам мезанам ба гардани умр.

Маро сабои нафас мевазад ба маҳзари ту,
Аз ин ҷиҳат дили осудаам зи рафтани умр.

Тулӯи рӯи ту дар ёла шамъи лола дамид,
Нигоҳ гаштаму берун шудам зи равзани умр.

Бигӯ ба қавм, ки аз марги ман фиғон накашанд,
Ки ҷон ниёз надорад ба оҳу шевани умр.

Ҳазор шукр бигӯям, ки аз тааллуқи ҷисм
Маро ба сӯи ту овард барнагаштани умр.

22.11.2000

* * *

Бе ту оби бемаҷро, бе ту санги хомӯшам,
Ҳамчу гӯри бесоҳиб пуштаи фаромӯшам.

Бе ту зарди бесабзам, аз дигар намесабзам,
Бе ту тирамаҳрангам, эй баҳори оғӯшам.

Бе ту бар сарам борид барфи ҳасрати пирӣ,
Бе ту аз сарам паррид мурғи зираки ҳушам.

Бе ту лолаи хунам, доғрангу гулгунам,
Дар дили ғамолудам мотами Сиёвушам.

Бе ту дар дилам дард аст, аз ҷаҳон дилам сард аст,
Бе ту умри бар бодам, бодаиаҷалнӯшам.

08.05.2005

* * *

Яке сад орзу дорад, вале аз сад яке дорад,
Намедонад, ки сад андӯҳу умри андаке дорад.

Ҷаҳон ӯро зи хони айши хуш носер меронад
Чу рӯбоҳе, ки дар меҳмонии худ лаклаке дорад.

Машав, эй боғбон, аз мева ширинкоми ғафлатҳо,
Дарахт аз баҳри саркӯби тағофул калтаке дорад.

Ҳаёти ранг аз сад барг рӯзе мепарад худро,
Аён дар батни худ аз ноаёнӣ кӯдаке дорад.

Ғубори аҷзи мо моро канори хок биншонад,
Ба боло рафтани абри тааллуқ чак-чаке дорад.

Биларзад изтироби офтоб аз сояи абре,
Худоё, зоҳиди мо аз сари имон шаке дорад.

Бузургии яке талх аст мисли оби уқёнус,
Дили ман орзуи чашмаоби кӯчаке дорад.

12.12.2000

* * *

Субҳи рамазон ҷунбид, ғафлат бигузору бархез,
Бо об бикун сӯҳбат – яъне ба таҳорат омез.

Болу пари руъё шав, то манзарае рӯшан рав,
Эҳсоси шуниданро дар шаршарае даровез.

Имрӯз мубарро шав дар манзалаи субҳу об,
Варна нарасӣ фардо зебо ба дами растохез.

Бар ҷанги гунаҳ рафтан ҳарчанд ҷиҳоди зебост,
Зеботар аз он сулҳ аст, аз душмани имон парҳез.

Эй рӯҳи башар, бархез аз бистари пайкар худро,
Чашме ба абад бикшо, аз марги фиребо бигрез.

Аз болиши худ сар печ, рӯ сӯи мусалло овар,
То аз ту вазад дар субҳ атри нафаси накҳатбез.

18.12.2000

* * *

То ғусса зи ҳадди оҳ бигзашт,
Фарёд зи меҳру моҳ бигзашт.

Андӯҳ ба нола шуд мубаддал,
Оҳанги фиғон зи роҳ бигзашт.

Эй пои бахобрафта, бархез,
К-он қофила аз пагоҳ бигзашт.

Бо рафтани ҳусни он мусофир
Айёми хуши нигоҳ бигзашт.

Афсӯс, ки субҳро надидем,
Ҳарчанд шаби сиёҳ бигзашт.

Дар кӯчаи гандуми биҳиштӣ
Аз қисмати мо гуноҳ бигзашт.

Бар хок фитодан аз қазо буд,
Тақдир бар ин гувоҳ бигзашт.

29.01.2001

* * *

Чашме ба чаман бикшо дар муғчаи зебоӣ,
Дар оби равон бигзар аз баҳри шикебоӣ.

Ҷорӣ шаву начво кун дар чашмаи ҷӯшида,
Шояд бирасӣ рӯзе бар он гули саҳроӣ.

Дар набзи худ исён шав, дар хуни худ имон шав,
Пайдо шаву пинҳон шав дар мазҳари пайдоӣ.

Пинҳон машав аз дида, эй шеди ғурубида,
Эй нури дилу дида дар субҳи аҳуроӣ!

Эй зулфи пароканда, мо дар ту сарафканда,
Эй сояи зебанда, болои сари моӣ.

Дунё гузарон, афсӯс, дарёст равон, афсӯс,[1]
Бар ғорати ҷон, афсӯс, дар ҳолати марг ойӣ.

28.02.2001

* * *

Биҳишт оромиши ҷон асту ҷои орамидан нест,
Назар афкандан он ҷо ҷуз хумори дона чидан нест.

Дурӯғи субҳи аввал дар сиёҳӣ мешавад ботил,
Балоғат, эй ҷавон, аз мӯи пушти лаб дамидан нест.

Сухан, эй духтари доманбурида, нимаурён аст,
Хамӯшӣ ҷуз надомат дар малоли лаб газидан нест.

Сароби шаҳват аз худ мефиребад ташнакомонро,
Ҳаё гар пардаи чашм аст, аз баҳри даридан нест.

Хиҷолат мекашад як умр нозебо зи зебоён,
Ҳаёти маркаби бечора ҷуз заҳмат кашидан нест.

Ту боре чашми бадбинӣ бипӯшону накӯ бингар:
Нигоҳи марди аъмо садди роҳи умр дидан нест.

Ғубори сифла паст аст, аз шамоле гарчи боло рафт,
Ба боло рафтан аз пушти амал боло паридан нест.

Замон аз умри гул дар оби ҷӯ беист мешорад,
Нафас ҷуз як қадам то рӯзи мурдан биспаридан нест.

Тапиш андӯхтан натвонӣ, эй дил, дар пулу тило,
Хирад чун оҷиз асту қодири ҷон офаридан нест.

31. 01. 2001

---

[1] Бардошт аз Устод Лоиқ.

* * *

Ниёзманди ҳақиқат ба сӯи ҳақ нигарад,
Ҳамеша хоҳиши вартоҷ дар шафақ нигарад.

Гурусначашмӣ аз афлок мечакад ба замин,
Ба косагул нами шабнам чу бар табақ нигарад.

Балои сел зи болост, ранҷи сабза ба зер,
Само дар авҷ бар ин олами пачақ нигарад.

Ҳазор фоҳиша дар базми хок ҷилавафурӯш,
Ки осмон ба як тӯда манҷалақ нигарад.

Зи асли хеш буридан ғурури гармравист,
Бухор сард шавад, бар гул аз арақ нигарад.

Дар ин гузаргаҳи ботил дар амну офият аст
Саре, ки ҳақ бишиносад, диле, ки ҳақ нигарад.

Зи сарв шеваи озодагӣ шунав, ки расад
Ба ҳалли масъала тифле, ки дар сабақ нигарад.

Нишони аввали ашъори мост субҳи сапед,
Қалам зи чашми нигоранда бар варақ нигарад.

29.01.2001

* * *

Зи ман бигзар, ки шайтонист анҷоми манумоӣ,
Расад ҷамъияти борон ба дарё аз баҳамоӣ.

Ғуруби шед аҷзи инфиоли худнамоӣ нест,
Адам андар бағал дорад тулӯи умрпаймоӣ.

Ман аз оина метарсам, ки таксир аст ойинаш,
Диламро дӯст медорад дилам дар айни танҳоӣ.

Уруҷи чархбол, эй бехабар, маҳдуди имкон аст,
Ба қадри рӯшанойӣ бошадат нерӯи биноӣ.

Тамоми лаҳзаҳои умр сабти олами ашёст,
Далели ин тафаккур бингар аз таксири симоӣ.

Садо дар сим мелағжад, садо дар мавҷ мепечад,
Шунав ин симтозиҳо, бубин ин мавҷпаймоӣ.

Куҷо кампутар аз рози ниҳони дил хабар ёбад?
Надорад ақли маснӯӣ рамузи ақли синоӣ.

Сукути ғунча дар лаб азми изҳори парешонист,
Шикасти ранг пинҳон аст дар  асрори зебоӣ.

Ба пои ҳарзагардон хори хорӣ мехалад рӯзе,
Ба ҳар ҷо ҷо наёбад оқибат маъшуқи ҳарҷоӣ.

Дарахти сарвро пурсидам: «Ин озодагӣ аз чист?»
Бигуфт: «Аз реша то ман, аз тааллуқ то шикебоӣ».

26.03.2000

* * *

Рози мо ношунида мемонад,
Рӯзи вопас надида мемонад.

Зери шоми сиёҳи мӯҳомон
Субҳи мо нодамида мемонад.

Як кафан субҳро агар бурдем,
Баъди мо ҳам сапеда мемонад.

Рӯи санги сапеди марқади мо
Ранги аз рӯ парида мемонад.

Чида бар рӯи гӯрамон монанд
Он гуле, ки начида мемонад.

Баъди мо боз чарх мечархад,
Офтоб офарида мемонад.

Дастҳомон агар намемонанд,
Ҳиммати мо ҳамида мемонад.

Чашмамон хок мехӯрад, афсӯс,
Манзаре ночарида мемонад.

Аз ду помон, ки умр паймуданд,
Кафшҳои дарида мемонад.

Аз лаби мо, ки шеър меборид,
Лаби гӯри кафида мемонад.

Аз дили мо, ки ишқ мепарвард,
Лаҳзаи нотапида мемонад.

Аз сари мо, ки фикри май мепухт,
Соғари нокашида мемонад.

Аз ҷунуне, ки ҷони мо мекард,
Пайкаре орамида мемонад.

Мо дар ин ҷо агар намемонем,
Ин ғазал дар ҷарида мемонад.

24. 03. 2001

* * *

Сиришк медавад андӯҳи талху шӯри маро,
Ғами сиёҳ фурӯ бурда мавҷи нури маро.

Ғубори қофила доғи сафар дар оҳи ман аст,
Замона наздикам оварда марги дури маро.

Нафасшукуфтатар аз шамъи маҳфили чаманам,
Забона мезанад аҷзи ниҳон ғурури маро.

Бунафшаҳасратам аз дарди ложвардии дил,
Бубахш, фасли тараб, яъси нозарури маро.

Ба чашм айнаки ҳайрат кашидаам, ки замон
Бурид аз тани гарми ҷаҳон ҳузури маро.

Башар зи зери замин нафт мекашад, чӣ аҷаб,
Агар ба хок супорад тани булури маро.

Ба хок рафтанам имон ба рӯиши дигар аст,
Баҳор сабза дамад аз замин сурури маро.

Азоби рӯҳ фаромӯш гаштан аст зи ёд,
Бирӯб бо мижа, ай нури чашм, гӯри маро.

Бирӯй Ёсин, аё ёсамин, ки сураи ранг
Кашад ба чашми ман он ёри роҳдури маро.

30. 03. 2001

* * *

Бе туям ҳамчу сабза бе борон,
бе туям мисли қатра бе дарё,
Бе ту бошад биҳишти ман дӯзах,
бе туям Одами тани танҳо.
Бе туям тақдарахти пажмурда,
баргрезону решаозурда,
Дар дилам орзуҳо мурда,
дар сарам фикри рафтан аз ин ҷо.
Бе ту рӯзам шабони бемаҳтоб,
бе ту чашмам ду чашмаи беоб,
Бе туям бе намозу бе меҳроб,
бе туям мисли ҳайкали Будо.
Марги ман гурги гушнаи саҳрост,
роҳи ман сӯи ӯву ӯ раҳпост,
Бе ту аз ин ҷаҳон равам нохост,
бе ту гардам ҳамеша нопайдо.
Аз туям як дили ғамин монад,
ёди зебову нозанин монад,
Дар лабам ҳарфи охарин монад,
дар ду рӯям китоби нохоно.
Баъди ман аз лабат чакад афсӯс,
ашк дар мижжаат шавад фонус,
Кобиям дар хиёлу дар кобус,
ёбиям дар ҷазираи руъё.
17.02.2005

* * *

Маро иҷоза бидеҳ, ёри ғамгусори ту бошам,
Ҳамеша ёри ту бошам, ҳамеша ёри ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, дар назар ба сӯи ту тозам,
Нигаҳсавори ту бошам, нигаҳнисори ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, дар зулоли фикри ту ғарқам,
Ҳариси лолаи лабҳои обдори ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, то туро зи дур бибӯсам,
Дилинтизори ту бошам, лабинтизори ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, тору пуди васли ту гардам,
Мисоли пираҳанат танг дар канори ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, дар тани латифи ту печам,
Ҳамеша ошиқипечони навбаҳори ту бошам.

Маро иҷоза бидеҳ, то зи дарди ҳаҷри ту мирам,
Агарки хок шавам низ, хоксори ту бошам.

24. 07.2001

* * *

Дигар дар дили гил тараҳҳум намонда,
Дигар дар лаби гул табассум намонда.

Дигар боғ одобро бурда аз ёд,
Саломи сaборо алайкум намонда.

Чӣ ошӯб афтода дар шаҳри Одам,
Магар раҳми афлоку анҷум намонда?

Занон то ба сурин ҳаёро бурида,
Чу мочахаре, ки дар ӯ дум намонда.

Шаби шаҳвати шаҳри мо ройгон аст,
Зи исмат ба ҷуз фикри гандум намонда.

Диле гум занад беҳ, ки роҳе занад гум,
Ки дил гум задан баҳри раҳгум намонда.

Ибороти афшурда нақси забонанд,
Дареғ, аз замон ғайри як зум намонда.

Дили боғ помоли гову харон аст,
Пайе, ки намонда пайи сум, намонда.

Чӣ гӯӣ насиҳат ба ин қавми гумраҳ?
Дигар ҷои ҳарфу такаллум намонда.

24. 08. 2001

* * *

Ба мавлудат чӣ меболӣ, ҷаҳон чун мотамистон аст?!
Баҳоратро зи пай андӯҳи якранги зимистон аст.

Ба шодобон чаро аз Замзам оби шӯр овардӣ?!
Ба ҳашр аз оби мо мебар, ки он ҷо замзамистон аст.

Гуноҳи ман гуноҳи Одами танҳои танҳо буд,
Намедонам чаро рӯзи қиёмат одамистон аст?!

Милал дар созмоне муттаҳид гардида дар зоҳир,
Вагарна дилҷудоии башар дар парчамистон аст.

Ба асрори қазо пай бурдан аз пиндор берун аст,
Худо донад, чӣ навъи бодае дар он хумистон аст…

Суруш, эй меҳрубон, як чакра оби отифат мехост,
Чӣ суд аз ин, ки баъди марг гӯраш  шабнамистон аст?

02.02.2002

* * *

Ғубориреҳпарвозам зи фикри рӯзи рафтанҳо,
Хазонолудаам аз бесаботии шукуфтанҳо.

Ба риши аблаҳон дар боди сарсар сард механдам,
Ки хоболуда мехонанд эшон фарзи хуфтанҳо.

Дило, аспи хаёл астиву аз худ тунд метозӣ,
Рамузи беқарориҳост ваҷди пойкуфтанҳо.

Ба назди кӯҳ бояд рафту ҳарфи ошно бишнид,
Агар дилтангӣ аз ҷамъияти беҳудагуфтанҳо.

Сухан мифтоҳи қуфли ҷавҳари виҷдони инсон аст,
Гаронгӯшист ваъзи хушку беҳосил шунуфтанҳо.

Ҳар он ки рафт з-ин ҷо, бори дигар барнамегардад,
Набошад ҳоҷате дигар ба нақши пой руфтанҳо.

Ғазал беҳуда мегӯӣ ба ин халқи дағал, эй дӯст,
Ба бозори дуруштон ҳайф бошад лаъл суфтанҳо.

24. 12. 2001

* * *

Омадаам зи рафтаҳо, одами куҳнаи навам,
Реша ба реша мехазам, шоха ба шоха меравам.

Гоҳ асири зулматам дар дили дона зери хок,
Гоҳи дигар ба навдае хандаи сабзи партавам.

Хандаиғунчафурсатам дар лаби ҷӯйбори ҳусн,
Умри азизи хешро пои бараҳна медавам.

Аҷзишукуфаларзаам з-оҳи шамоли раҳгузар,
Чамъ агар шукуфтаам, оҳ, пареш мешавам.

Байни савобу куфри ман фарқ намонда, эй азиз,
Шайхи шаҳири Машҳадам, масти фақири Маскавам,

Шайхаму дар нишастанам рафтани тез сӯи туст,
Бо худ агарки гап занам, ҳарфи хуши ту бишнавам.

Мастаму дар фитоданам сачда ба хоки кӯи туст,
Тоҳири оби гандумам, шокири шарбати чавам.

Гандуми чавнамо шудам, хаста зи рафтуо шудам,
Ҳосили аҷзи хешро то дами ҳашр бидравам.

Як тани ибтидо манам, сад тани интиҳо манам,
Гоҳ фақири бенаво, гоҳ азизу Хусравам.

Баъди ҳазорсолаҳо сар бикашам зи лолаҳо,
Доғи дили шикастаро то ба биҳишти худ равам.
09. 02. 2002

* * *

Ҳар соате, ки меравад аз умр, коҳиш аст,
Мардум нигоҳи ҳайрату олам намоиш аст.

Асои пирамард  гаҳи баҳс аждаҳост,
Най чӯби хушк нест, пур аз оҳу нолиш аст.

Нохуштар аз садои ту шояд набуду нест,
Панди ту, эй адиб, маро гӯшмолиш аст.

Эй дил, машав ба доми дами зоҳидон асир,
Дар дасти сабзи сарв дуои кушоиш аст.

Ман аз ту ҳеч чиз намехоҳам, эй сахӣ,
Ҳар ҷо, ки аҷз ҳаст, ба паҳлӯи хоҳиш аст.

Ҷонам ҳамеша сӯи Худо мекашад маро,
Марг аст он майе, ки ба талхӣ рабоиш аст.

06.05.2002

* * *

Будем марди танҳо дар ибтидои будан,
Гаштем марду занҳо аз касрати фузудан.

Ҳар қадр, ки фузудем, он қадр беш мурдем,
Гаштем нонамоён дар саҳнаи намудан.

Ҳарчанд зиндагонӣ ширинтарин замон аст,
Аз заҳри марги қотил мебояд озмудан.

Мусичавор умре минқори аҷз кӯбем
Дар раҳгузори будан то лаҳзаи набудан.

Дунёст шарми хоҳиш, мо бастаи рабоиш,
Як умр шармсорем аз ризқи худ рабудан.

Тифлона гиря кардан фарёди бими марг аст,
То лаҳзаи сукут аст ин як нафас сурудан.

Моро ба хок корад чун донапоши қисмат,
Одам нарӯяд аз мо дар мавсими дурудан.

Хомӯш боядам рафт з-ин ҷо ба хомушистон,
Роз аст маргу ҳаргиз натвон варо кушудан.

10.06.2002

**Эҳдо ба ҳунарманди беназири тоҷик**
**Устод Ҷӯрабек Мурод**

Садоят аз замин то арши аъло мебарад моро,
Навои қудсият аз аҷз боло мебарад моро.

Зи шаҳрӯди куҳан мешорад овозат ба рӯди ҷон,
Зарафшони садоят то Бухоро мебарад моро.

Ба ҳар ҷое, ки по мемонӣ, раҳ хушбахт мегардад,
Раҳи мусиқият то шаҳри зебо мебарад моро.

Каломат ҷазбаи оҳанрабо дорад, аё Устод,
Ки дилро мекашад ҳар лаҳза, аз мо мебарад моро.

Ниёзи дар садоят бо навои мавҷ печидан,
Зи ҷӯбори иродат сӯи дарё мебарад моро.

Фалак дар зери оҳанги ту сӯфивор мечархад,
Замин дар ҳар бамат боми Сурайё мебарад моро.

Пари «Қуи сафед»-ат ояти ишқи аҳуроист,
«Забони най» ба овози Авасто мебарад моро.

Садои набзи аҷдод аст, оҳанги ту, эй Устод,
Сурудат аз гузашта то ба фардо мебарад моро.

Ҳама рӯҳи мубаррой, ҳама эъҷози зебой,
Вуҷудат ҳам ба зоҳир, ҳам ба маъно мебарад моро.

14. 07. 1999

* * *

Эй фурӯғи фарвардин, эй саховати обон,
Гарм омадам наздат аз тамузи тобистон.

Зиндагӣ ду-се рӯз аст, марг ибратомӯз аст,
Лолаи хасак рӯяд доғи дил зи қабристон.

Ҳар чи дар мақоми худ қадру манзалат дорад,
Рӯз пағаи абр аст моҳтоби шаб тобон.

Симхори мижгонҳо садди сели ҳасрат нест,
Дарди дил бурун шорад қатра-қатра аз зиндон.

Ҳар нафас, ки аз мо рафт сӯи гунбади обӣ,
Абр гардаду борад рӯзи маргамон борон.

Аз сарочаи хубӣ рӯи аспаки чӯбӣ
Чашмбаста паймоем роҳи олами пинҳон.

Гар макону дар дорем, афсаре ба сар дорем,
Марг мешавад моро бо гили сияҳ яксон.

30.07.2002

* * *

Маст шаву рост рав андар уреб,
Ҳаст шав, эй обнамо, аз фиреб.

Мор агар аз паси ту мехазад,
Мегазадат, гар бидавӣ сарнишеб.

Рондаи хулданд чи муслим, чи габр,
Фанди биҳиштанд чи гандум, чи себ.

Шарбати шабнам бихӯр аз косагул,
Замзамаи ҷон шунав аз андалеб.

Дида зи ҳар манзараи зишт пӯш,
Чашм кушо ҷониби рӯи базеб.

Бош сарозода сафедорвор,
Беди фурӯмоя машав аз ниҳеб.

То ба абад рост ба роҳат бирав,
Ҷониби ҳар як касу нокас макеб.

30. 04. 2003

* * *

Қуввати рафтор набвад пои сармохӯрдаро,
Боғбон чун хор озорад гули пажмурдаро.

Марг озодист аз зиндони танги зиндагӣ,
Аз қафас берун барандозанд кабки мурдаро.

Мард мехезад зи хуни гарм чун ахгар зи санг,
Тарс меларзад дили паррандаи бегурдаро.

Мушт аз оинаи бишкаста созад хунчакон,
Он ки бори дигар озорад дили озурдаро.

Мезанад нонаш туро, эй чашм, то рӯзи ҳисоб,
Гар набишносӣ ҳақи он ёри гандумҷурдаро.

Ҳаст подоши накуву бад ба рӯзи растахез,
Оқил аз поёб ҷӯяд ганҷи дарёбурдаро.

Ҷон шабеҳи шӯълаи шамъ аст дар фонуси тан,
Ғайри хокистар чӣ ҳосил оташи афсурдаро?

Сабз гаштан зард гаштан дар бағал дорад, дареғ,
Хок хоҳад хӯрд охир меваи афшурдаро.

04.05.2003

* * *

Диламро метапад амвоҷи дарё,
Ки ҷонро месупорам боҷи дарё.

Ҳамеша ташнаям дар рӯҳи моҳӣ,
Биёбони дилам мӯҳтоҷи дарё.

Таҷаллӣ кардаам хуршедвора
Ба дашти об дар вартоҷи дарё.

Чу сутхони наҳангам пур зи фусфур,
Ман оби равшанам дар оҷи  дарё.

Ба боло сар кашам дар обкӯҳа,
Бухори ҷонам аз меъроҷи дарё.

Ба ботин ганҷ дорам аз бузургӣ,
Агарчи дар хасам бар тоҷи дарё.

Ғазал гуфтан дар ин оҳанги нодир
Бувад як барги сабз аз коҷи дарё.

26.07.2003

* * *

Ақл лавҳи ҳавас намегардад,
Шаҳд маҳви магас намегардад.

Мард агар шоҳи вақти худ бошад,
То абад гирди кас намегардад.

Гарчи озод хонияш ба сифат,
Сарв бо як чагас намегардад.

Шаҳри озодагист шаҳри дигар,
К-аз ҳавояш нафас намегардад.

Майли ҷонҳо ба сӯи озодист,
Байза ҳаргиз қафас намегардад,

Равиши об рафтани умр аст,
Оби рафта ба пас намегардад.

10. 05. 2003

* * *

Лолаи гарм мешавад лаъли лаби ту дар лабам,
Рӯҳи сапеда медамад акси рухи ту дар шабам.

Бистари субҳранги ту атри биҳишт мекунад,
Бо ту ҳамеша буданам ҳаст умеду матлабам.

Дасти маро ба доманат ҷазбаи ишқ мекашад,
Чун дили нозуки туро дар дили гарм метапам.

Шукри Худо, ки мерасам бар ҳадафи нигоҳи ту,
Дур мабод лаҳзае фикр маро зи мактабам.

Мову ту ҳамситораем дар дили осмони шаҳр,
Завқи қирони кавкабат гашта қарини кавкабам.

Дар лаби бӯсабахши ту шукр бипечад аз лабам,
Ошиқи бешикоятам, ишқи ту дину мазҳабам.

07. 12. 2003

* * *

Мо лоларо зи хоки хиҷолат дамидаем,
Доғе ба лолабарги далолат дамидаем.

Шабро сафед гашт батадриҷ мӯямон,
Субҳему аз руҷӯи асолат дамидаем.

Мо ақлро ба хидмати андеша додаем,
Ирфон зи боғи сабзи рисолат дамидаем.

Растем аз замону макони муваққатӣ,
Зеро зи безамонии ҳолат дамидаем.

Мо аз биҳишти адн вакилем, эй замин,
Дар доманат ба вақфи ваколат дамидаем.

07. 12. 2003

* * *

Дар абри тира ғарқидаст моҳам,
Маро дар осмон печида оҳам.

Шафақ сӯзад зи ранги инфиолам,
Гурезад шаб зи гарди иштибоҳам.

Шикастам аҳдро, сад вой бар ман,
Гувоҳам, бар гуноҳи худ гувоҳам.

Набошад аз ҷавонмардӣ, ки бандам
Ба ними донаи гандум гуноҳам.

Чӣ ҷои ранҷиш аз фатвои Ҳавво,
Агарчи зад ба ними ишва роҳам.

Дар ин дунё ба ҷурми худ фитодам,
Ҷудо аз ҷаннати аъло чу коҳам.

Агар аз ҷабри Шайтон дод хоҳам,
Набошад ҷуз ҳузурат додгоҳам.

Ба рӯзи ҳашр, эй дидори зебо,
Зи рӯят шарм медорад нигоҳам.

Туӣ бахшанда, эй кони навозиш,
Диламро бар Ту аз худ мепаноҳам.

16.12.2003

* * *

Сукут дар лаби беранги ман зи фарёд аст,
Лабони гӯри куҳанро зи нолаҳо ёд аст.

Мусибати ҳама мардум бувад саодати шоҳ,
Сурури Хусрави Парвиз сӯги Фарҳод аст.

Ба мухлисони таъаллуқ магӯ зи истиқлол,
Қафас сарочаи мурғи ба аҷз муътод аст.

Ба дарки мантиқи доно намерасад нодон,
Ба гӯши ношунавоён чӣ ҷои эрод аст?!

Аз интихоби намояндагони халқ чӣ суд,
Чу ҳар вакил ба анқо бузург устод аст?!

Манам, ки бо қалам овоз додаам ба ҳаво
Дар ин диёр, ки овоз нусхаи бод аст...

Зи санги ҳодиса бишкаст шишаи дили халқ,
Зи мумиёии ғайбаш умеди имдод аст…

Соли 1991

* * *

Кашида рахти худ ободӣ аз харобаи мо,
Рамида ёсамин аз атри тунди робаи[1] мо.

Азал гузаштаву мо ҳам гузораем, дареғ,
Ба истгоҳи абад мерасад аробаи мо.

Ду дасти бегунаҳи мост хеши косаамон,
Пиёзу оби ҳалол аст дар пиёбаи мо.

Агарчи кибр дурахшад дар офтоби шумо,
Таҳорат аст дар ангори офтобаи мо.

Сари баланди ману мову дор ҳамнафасанд,
Ба ҷуз ба гӯши Худо нест арзу лобаи мо.

Ду чашма об давидем сӯи лутфи азал,
Далели як дили об аст ин дуобаи мо.

Ба рӯзи дафн бишӯяндамон ба ҳурмати шаръ,
Сипас ба чашма бисанҷанд мағзобаи мо.

08.02.2004

* * *

Ханда изҳори нишотест, ки дар дил бошад,
Сабза рӯидани розест, ки дар гил бошад.

Мор муътод ба морист, бад-он феъл хуш аст,
Талхгӯро ба даҳан заҳри ҳалоҳил бошад.

Растан аз банди табиат қадаме сӯи Худост,
Тарки одоти ниҳон қатъи манозил бошад.

[1] **Роба** – дар кӯҳистон гиёҳест баргибедӣ ва тунднакҳат.

Нест ҷуз шеваи борон ҳаваси сабзи гиёҳ,
Беҳтарин шеър ҳамон аст, ки нозил бошад.

Гиряи тифлаки навзод ғами мурдани ӯст,
Оҳ аз ин модари бераҳм, ки қотил бошад.

Ҳар чӣ пайдо шавад, эй хоҷа, адамёфтанист,
Фикри уқбои ту андешаи ботил бошад.

Он чӣ аз ҳақ бувад, аз ҳақ напазирад адаме,
Оҳ аз он ҷаҳл, ки дар фитрати оқил бошад.

Тапишандӯхтаи фурсати умрем ҳама,
Мурғро ҷон тапад он лаҳза, ки бисмил бошад.

Ноқисандешатар аз зоҳиди худбин кӣ бувад,
Ки чу тӯтӣ ба гапи оина хушдил бошад?!

Абр андӯҳи маро майли чакидан дорад,
Оҳ, аз ин гавҳари резанда чӣ ҳосил бошад?!

Ошиқи шишаи холӣ набувад аз сари шавқ,
Он ки бо ёри паричеҳра муқобил бошад.

Майи шаффоф зи хумхонаи ҷон мехоҳам,
То ки ақлам чу дилам беғашу комил бошад.

Киштии пайкару маллоҳи нафас, вусъати баҳр,
Интиҳои сафари мавҷ ба соҳил бошад.

Ҷазбаи чист, ки ҳар лаҳза ба худ мекашадам? –
Шеъри ширини Суруш аст, ки аз дил бошад.

13.04.2000

* * *

Чашмаро дар ҷавҳари оинаам ҷӯшидаам,
Чашмро аз дидани ҷурми касон пӯшидаам.

Хӯшаашки токи мижгони ман ангури тар аст,
Яъси худро дар шароби арғувон нӯшидаам.

То ба ҳадди нокасон поин нарафтам аз ғурур,
Сарвам, аз пироҳани озодагӣ пӯшидаам.

Лоларо хуни сиёвушии ман рӯидааст,
Дар дили хуншори худ саҳрои гулҷӯшидаам.

Оҳам аз дарё бухоросо маро боло парид,
То ба аввал бозгардам, аз азал кӯшидаам.

Барабас бастам ба меҳри модари гетӣ умед,
Ҳарзапиндорам, ки умре гови нар дӯшидаам.

26.04.2004

* * *

Аз нигаҳ то қаъри дил ишқи туро пинҳон хазидам,
Иштиёқамро ба рӯят бо нигаҳ аз ҷон паридам.

Як назар аз дури дурат дидаму аз худ рамидам,
Бехудам, то нимаатро дар вуҷудам офаридам.

Оҳ гаштам ман лаби худро ба ёди бӯсаҳоят,
Дар вуҷуди абр аз дарёи рӯят бӯса чидам.

Абр будам, об гаштам, бӯсаҳо дар гул шукуфтанд,
Орзуи бӯса боридам, ба барги гул чакидам.

Об ҷорӣ шуд маро сӯи дарахти себи ҳуснат,
Бо лаби ҳайрат ду себи синаҳоятро чашидам.

Пайкаратро дар канори хобҳои хуш фишурдам,
Дар хаёлам марғзори ҳусни хубатро чаридам.

Дастҳоятро ба даври гарданам дар завқи печак
Сахт печидам гаҳи руъё, туро дар бар кашидам.

Оҳ, эй Ширини ширинлаб, ба нокомӣ чу Фарҳод
Ҳасрати лабҳои ширинтар зи ҷонатро макидам.

Сӯи ман то чанд бистезӣ дар ангушти маломат,
Ҳайрати худро, бубин, дар панҷ ангуштам газидам.

Сояатро аз сари ғайрат надорам чашми дидан,
Кошки ҷуз бо худат ҳаргиз туро бо кас надидам.

На-на! Эй ҷону ҷаҳон, ман сояатро дӯст дорам,
З-он ки умре аз пасат дар сояи сардат давидам.

26.06.2000

* * *

Чи гуна зикри Ту гӯям ба ин садои гирифта,
Чи гуна рӯи Ту бинам дар ин самои гирифта?

Шикаст роҳи ба сӯи Туям ба пои шикаста,
Гирифт роҳи маро беди сабзпои гирифта.

Ба бед такя задам рӯзи мурдани падари худ,
Гирифт мотами сарди маро асои гирифта.

Мусибатист ҷаҳоне, ки марги ман самари ӯст,
Азо гирифтаам, эй Дӯст, аз ин азои гирифта.

Чу дидам оқибати одамӣ гули гили бадбӯст,
Расидаам ба Ту, эй Одам, аз ҳавои гирифта.

Бале, тамоми гияҳ аз ҳаво палид шаванд, оҳ,
Башар башорати яъс аст дар қазои гирифта.

…Дурӯғи маҳз бувад, гар бигуфт зоҳиди беқадр:
Ба лайли қадр расидам зи рӯзаҳои гирифта.

11.06.2004

* * *

Аз ҳиҷрати хуршед шаб андӯҳи сиёҳ аст,
Юсуф, ки зи Яъқуб ниҳон гашт, нигоҳ аст.

Он моҳи нав, эй дӯст, агар саҷдаи саҳв аст,
Ин моҳи мукаммал ҳама ҷуброни гуноҳ аст.

Ҳаргиз нагусастӣ зи ман, эй дуртарин ёр,
Пайванди миёни ману ту риштаи роҳ аст.

Бо дарди ту пайвастаму рафтам зи худ, эй ишқ,
Ин ҳолати улвист, ки дар ҳоли табоҳ аст.

Аҷзе, ки аз андоза зиёд аст, ғурур аст,
Меъроҷи ҳаво низ ҳаво нест, ки оҳ аст.

Парвози нигоҳи ту далелест ба будан,
В-ин ранги гурезон ба фанои ту гувоҳ аст.

Роҳе бизан, эй мутриби ҷонҳо, ки азалро
То шаҳри абад заҳмати паймудани роҳ аст.

27.07. 1997

* * *

Гар паноҳам Ту набошӣ, ба чӣ ҷое бипаноҳам?
Чун паноҳам Туӣ, эй Дӯст, шитобам ба паноҳам.

Ҳоҷате нест ба исботи хатоҳои савобам,
Худ ба ҳар як гунаҳам чун каси бегона гувоҳам.

Ба биҳиштам бубарӣ, ҳиммати волои ту бошад,
Гар барандозиям аз равза, дар оташ пари коҳам.

Кошки кӯр шавам, кӯртар чашми сафедор,
То ба рӯят нарасад тири парешони нигоҳам.

Ин гадоёни ду дунё ба биҳиштат нигаронанд,
Мани бечора дар ин ҷову дар он ҷой сиёҳам.

Зангӣ аз шустанат, эй Дӯст, сапедӣ напазирад,
Вой бар ман, ки наҷотам Ту бихоҳиву нахоҳам.

Гар бихоҳӣ ба биҳиштам бубар, ар не ба ҷаҳаннам
Дар маҳалле, ки савобам набувад айни гуноҳам.

Ман Суруши Туям, аз хок ба авҷам накашонӣ,
Аҳраман пар кашад аз шӯълаи сӯзандаи оҳам.

29.07.2004

* * *

Бар ҷониби бахшидани Ту дасти нигоҳам,
Чор аст ба дидори Ту ду чашми сиёҳам.

Раҳмат накунӣ, вой бар аҳволи ду чашмам,
Қаҳр оварӣ, афсӯс бар аъмоли гуноҳам.

Ҳоҷат набувад ҳуҷҷати бегона ба ҷурмам,
Ман худ ба гуноҳе, ки Ту мебандӣ, гувоҳам.

Гар зойиқатулмавт бувад луқмаи ҷонҳо,
Ман ҳар чи чашидам, начашидам ба ҷуз оҳам.

Бигзор, ки оҳе чашам аз лаззати мурдан,
То ворахам аз оҳ, ба Аллоҳ панохам.

29.07.2004

* * *

Ту, эй шукуфтани зеботарин ниҳоли ҳаё,
Биё, биё ту ба оғӯши боз, боз биё.

Ту дар риёзи канорам риёзате накашӣ,
Чаро ки нестам, эй беҳтарин, зи аҳли риё.

Маро бас аст сафои сапедазори танат,
Зиёратам бикун, эй чашмаи фурӯғу зиё.

Чӣ ҷои тарс маро аз вафоту зулмати гӯр,
Агар ба ман нигарӣ лаҳзае ба чашми сиё.

Ба пеши пои ту афтам дар эътиқоди замин,
Даме, ки медамадам аз гузашта рӯҳи гиё.

29.07.2004

* * *

Новадони чашмонам шӯшабаста аз дард аст,
Офтоби тобистон моҳи баҳмани сард аст.

Мижжаам ба воти чашм сабзаи сиёҳи яъс,
Оҳ дар лаби сурхам ҳасрати гули зард аст.

Қомати баландам хам зери бори санги ғам,
Ранги гунаам пинҳон зери пардаи гард аст.

Гӯр, эй сияҳгушна, пайкари латифамро
Зудтар фурӯ мебар, луқмаи раҳовард аст.

Ранҷи хуфтану хӯрдан, ношукуфта пажмурдан,
Зиндагӣ, азизи ман, бевафову номард аст.

Омадам зи сунъи ӯ, меравам ба ҳукми ӯ,
Бозпас барад моро он касе, ки овардаст.

Зиндаам, намепурсӣ, эй фалон, чико кардӣ,
Дар қиёматам бим аст пурсиши «чико кардаст?»

13.08.2004

* * *

Хоби ғафлат далели беҳушист,
Офати илм дар фаромӯшист.

Чашми беҷон, ки феъли шаб дорад,
Мармари ложварди хомӯшист.

Аз ҷамоду наботу ҳайвонот
То башар рӯҳ дар нафаскӯшист.

Эй азиз, аз гули дамида зи санг
Панд нашнидан аз гаронгӯшист.

Кӯҳи хомӯш ҳам забон дорад,
Инъикосаш садои хомӯшист.

Об чун мурд, мешавад мурдоб,
Чашма сарзинда аз бурунҷӯшист.

Ҳар гиёҳе, ки ғуссаи сабз аст,
Мазҳари мазҳаби сиёвушист.

Дар набoтот ҷавҳаре аз мост,
Лола хунинкафанбатанпӯшист.

Одамизода ҳамдами марг аст,
Зиндагӣ бодаиаҷалнӯшист.

Оҳ, мо оқибат шавем оҳак,
Марг дебочаи сияҳпӯшист.

24.07.2000

* * *

Дар ин мамлакат дар нигоҳам гаҳ аст,
Дареғо, дареғо, ки роҳам раҳ аст.

Ба соли накӯ боварам баста нест,
Дареғо, хушиҳои моҳам маҳ аст.

Мабодо зи роҳат барад чаҳ-чаҳам,
Аз ин кӯча магзар, ки дар кӯ чаҳ аст.

Зи сар то қадам хурду кӯчак шудам,
Ба нимбисмилам айни Бисмиллаҳ аст.

Чаро такя хоҳам ман аз такягоҳ
Дар ин ҷо, ки дарё ба зери каҳ аст?!

Манам дузди зирак ба гоҳи нигоҳ,
Нигоҳи ту аз матлабам огаҳ аст.

Нагунҷидам, афсӯс, дар ҳеч ҷой,
Барои сарам гарданам ҷогаҳ аст.

Ба олам «намондаст шеру паланг»,
Замон зери ҳукми ду-се рӯбаҳ аст.

Таманнои халқ аст умри дароз,
Дарозӣ, азизон, басо кӯтаҳ аст.

28.11.2004

* * *

Вақте тарона дар лаби ҷӯ бишкаст,
Оина оби рӯй зи мӯ бишкаст.

Андар набарди мардуми бекалла
Бисёр дидаам, ки каду бишкаст.

Эй бехабар, пиёлаи ишратро
Хамёза дар гулӯи сабӯ бишкаст.

Ғафлат шикасти тинати бедор аст,
Кори кушоди мо зи чӣ сӯ бишкаст?!

…Баъд аз шикаст хӯрдани ёр аз мо
Армони мо шикасту накӯ бишкаст.

16.12.2004

* * *

Агар чоки гиребон андар ин зулмот бикшоӣ,
Дамад аз қуллаҳои синаат субҳи аҳуроӣ.

В-агар бикшоиям як соате оғӯши атрогин,
Бароям равзанеро аз биҳишти адн бикшоӣ.

Нигори бемисоли ман, ба чашмони хаёли ман
Чу хуршед аст рӯят дар миёни зулфи ялдоӣ.

Агар гӯӣ: «Биё» баъд аз ҳазорон сол, меоям.
Ба сарвақти сари сахтам ту меоӣ, намеоӣ?

Нигори шаҳрзоди ман, туӣ танҳо ба ёди ман,
Дар ин шаҳри фаромӯшӣ, дар ин шабҳои танҳоӣ.

07.08.1989

* * *

Дар дили бишкаста бишкастам дили оинаро,
Доғ бишкуфтам зи ҳасрат лолазори синаро.

Хешро дар фикр рафтам то замони безамон,
Ёфтам дар ёд атри равзаи деринаро.

Аз таааллуқ бо бухори об растам дар нафас,
Сӯи боло пар кушодам ахтари зеринаро.

Ҷисми худ бар хок бахшидам, ки аслан моли ӯст,
Аҷр бигзоридам аз ганҷи равон ганҷинаро.

Ория буд дар тани рӯҳам либоси танги ҷисм,
Оқибат аз тан кашидам ҷомаи чарминаро.

То ба асли худ расидам андаруни хуни худ,
Аз дарун берун чакидам бухлу ҷаҳлу кинаро.

Омадам, рафтам ба феълу қувваи навъи башар,
Бар ту бахшидам, аё оянда, нақди динаро.

07. 12. 2003

* * *

Моро задаӣ зери замин зеру забар рах,
Сутхони ману мост, ки пайдо шуда з-он шах.

То даст ба сар мезанам аз аҷзи тааллуқ,
Барҷаста ба дасти дилам аз арбада озах.

Пои батаҳорат ба куҷо мебарад, эй дӯст,
З-ин роҳ, ки берун бувад аз сарҳаду фарсах?

Моҳӣ чӣ гунаҳ кард, ки дар тобаи сӯзон
Чун марди гунаҳкор фитодаст ба дӯзах?!

Фарзанди башар аз ду-се гандум, ки ғизо хӯрд,
Бар худ кафане бофта чун пила аз он нах.

Дунёст миёни ду адам ҷилваи мавҳум,
Дар байни ду нобуда падид омада барзах.

Соли 1995

* * *

Барқ ҷавлон зад, бисӯзонид имшаб
хирмани андешаамро,
Мушти хокистар бипӯшонид домони
биҳишти бешаамро.
Ҳезумитарвора месӯзам дарунӣ аз таби
пинҳону ҷонсӯз,
Ҷуз Худои ман намедонад касе дарди
бузурги решаамро.
Бо табар ман ҳамтаборам дар вуҷуди ҳар
дарахти бешазорон,
Даста мерӯям зи дасти сабзи худ қаҳри сиёҳи тешаамро.
Сабзаи эҳсос мерӯям зи насрин дар дами
сарди зимистон,
Ҳар замон бо санг месанҷам саботи нозанини шишаамро.
Чашмаи ҷӯшидаи шавқам, зи рӯҳам шеър
меҷӯшам ҳамеша,
Ҷуз ду-се дарё надидам дар суханҳои равон
ҳампешаамро.

30.08.2005

* * *

Биё, ба сина нишон оҳи инқилобиро,
Зи дуди ғусса раҳон осмони обиро.

Ба абри қаҳр бипӯшидӣ аз нигоҳам рӯ,
Надидам, оҳ, зи ғам рӯзи офтобиро.

Тулӯи ҳодиса дар барқ мекунад исён,
Рубоб нағма шавад ғуссаи рубобиро.

Миёни дардаму бедардвор механдам,
Аташ тапад ба биёбон дили саробиро.

Зи талхии ғами ишқат шаробхора шудам,
Бубахш, эй ҳама раҳмат, мани шаробиро.

Миёни гиря ба рӯи ту чашм бикшодам,
Ба осмон бипаридам мурғи обиро.

Зи panча парда кашидӣ ба сурати зебо,
Ба барги сабз мапӯшон гули гулобиро.

Биё, нишоти маро, эй лаби набот, биханд,
Марав, зи тан маситон ҷони изтиробиро.

Чу аз тамоми ҷаҳон интихоби ҷони манӣ,
Биё, биё, бишунав шеъри интихобиро.

28.12.1999

* * *

Поёни сафар пайдо шуд, чун нолаи но бархост,
Авлоди Башар Исо шуд в-аз хок ба по бархост.

Ҳастии пас аз нобудӣ, аз нағмаи довудӣ
Аз лойи сияҳ боло шуд – яъне, ки зи ло бархост.

Як қофила сарпоён шуд дар беди фурӯмоя,
Як қофила сарболо шуд дар сарв, зи ҷо бархост.

Чун довари доно омад дар маҳзари пурсопурс,
Ҳар узви башар гӯё шуд в-аз ҳарчи садо бархост.

Ҷаннат дари раҳмат во кард, дӯзах дари заҳматро,
Як сӯ ҳама во бар мо шуд, як сӯ ба сано бархост.

Бархе ба миён афтоданд, ҳам ину ҳам он диданд,
Он ҳодиса чун барпо шуд, гарде зи саро бархост.

22. 12. 2000

* * *

Дили ман тапидан омӯхт зи сайди захмхӯрда,
Нигаҳам шарора андӯхт зи оташи фасурда.

Ба салиби ҷисм ҷонам чу Масеҳи Марям, эй Дӯст,
Ба ту ҷон супурду вораст зи зиндаву зи мурда.

Тани мевагунаи ман, ки гулоби рӯҳ парвард,
Зи барои нӯши ҷонат шуда меваи фишурда.

Ту ба ханда гуфта будӣ: «Ду дам аст умри одам»,
Ба баҳои хандаҳоят диҳам ин дами шумурда.

Ҳама аз паи ҷаҳонанду ман аз қафои ҷонам,
Ҳама аз ту ганҷ бурда, манам аз ту ранҷбурда.

Ҳама шаҳрро биҷӯянд сарони ин вилоят,
Чу Суруши ту наёбанд муриди сарсупурда.

23.10.1993

* * *

Манам, ки дар нигаҳи оҳуи рамида рамидам,
Дар ин чарогаҳи ҳайрат наорамида, рамидам.

Сафар ба суратам аз шаб дамид сабзаи шабранг,
Агарчи дар нафаси субҳи навдамида дамидам.

Зи дона реша кашидам, дар авҷи шоха шукуфтам,
Зи ғӯра то ба ҳади меваи расида расидам.

Маро дар оина ғам нест аз табаддули ирфон,
Гаҳи ғуруб сиёҳам, дами сапеда сапедам.

Ду сӯи маргу таваллуд зи ман нишона надидам,
Надонам аз чӣ миёни ду нопадида падидам.

Шабе хазидам аз ангур то ба ток зи мастӣ,
Ба асли ҳодиса дар қомати хамида хамидам.

Ба хок хуфтаму дидам, ки рӯҳ мурғи биҳишт аст,
Нигоҳ гаштаму дар мурғаки парида паридам.

Шабе зи олами ҷон рози ношунида шунидам,
Дар оби дидаи худ нақши нокашида кашидам.

Хамӯш мешавам,эй қавм, аз ифтихор, ки умре
Суруши шеърам у аз кулли офарида фаридам.

01.03.2000

* * *

Эй муғаннӣ, маро навозиш кун
дар навое бар авҷи оҳангат,
Мавҷ зан хатти инфиоламро
дар арақ рӯи мавҷи ожангат.
Ҷони ман дар бадан намеояд,
аз дарунам наво зан, эй мутриб,
Варна кай ҷон пазирад аз рангат
сурати бенавои Аржангат.
Эй нафас, менавозадат ҳар дам
дар гулӯям туро касе пинҳон,
Нолаи найнавози пинҳонам,
зиндаам аз ҳавои найрангат.
Ҳар нафас нолаи найам, э вой,
ғофил аз дарди дил наям, э вой,
Сӯи берангии нишотам бар,
эй нафас, дар навои берангат.
Тарс аз рӯ парида рангамро,
ранг аз ман рамида хобамро,
Имшаб, эй Зуҳра, хоби роҳат рав
пайкарамро ба хуфтаоҳангат.
Вонамо роҳи ёри пинҳонро
аз паси ҳафт парда, эй Ноҳид,
То расад чашми дил ба дидораш
аз паси ҳафт пардаи чангат.

Дар тани лоғарам рагу аъсоб
торҳои рубоби Бӯбакранд,
Эй рубобӣ, маро, ки дар назъам,
менавозӣ ба захмаи сангат.
Раҳм овар, ки дар вуҷуди ман
солику роҳи шеър мемиранд,
Ҳайф бошад, ки бенаво гардад
қавми ман аз заволи фарҳангат.
Фурсатам деҳ, насиҳате гӯям
бар сағиру кабири ин миллат,
Гарчи бар ҷони ман гарон афтад
қадри як лаҳза фурсати тангат.
Эй башар, зиндагӣ ба ҷон бояд,
не ба пайкар, ки олами фонист,
Ҷисми ту сурат асту рӯҳат ранг,
гум шавад сурат, ар парад рангат.
Гар ба зеҳни шикам биандешӣ,
то абад ғофил аз сари хешӣ,
Иштиҳоят туро шавад бедор,
раҳ давонад ҳазор фарсангат.
Рӯҳу имони ту вале хобанд
бахту иқболи ҷовидониро,
Кай шавад боз чашми ҷонатро
сӯи номус дидаи нангат?!
Хез, эй навҷавон, ба пас бингар,
роҳ бар асли ҷовидон он ҷост,
Гар ба дунболи ғайр хоҳӣ рафт,
мебарад раҳ ба кӯчаи тангат.
Эй ҷавони зи асли худ ғофил,
раҳ набурдӣ ба шаш мақоми дил,
Нағмаи бемақоми афрангӣ
мебарад оқибат ба афрангат.
Фош мегӯямат: «Навоинам,
баъди ман бенаво шавӣ, эй қавм,
Гарчи Мансури дигаре гардад
пайкари кибри ман дар овангат».
06. 09 1999

* * *

Расид мужда, ки олам чунин нахоҳад монд,
Ғубори ғусса ба рӯи замин нахоҳад монд.

Намози унс зи имони субҳ хоҳад руст,
Тулӯи доғ ба домони дин нахоҳад монд.

Дубора хор дар ин боғ хор хоҳад шуд,
Ба дасти деви фиребо нигин нахоҳад монд.

Кушоди ҷабҳаи саҳрои сидқ механдад:
Хати шикастаи ғам дар ҷабин нахоҳад монд.

Паёми субҳдам аз машриқи умед дамид,
Ки ҷуз табассуми Рӯҳуламин нахоҳад монд.

Суруш маҳрами роз асту нағз медонад,
Ки ҷон пас аз нафаси охирин нахоҳад монд.

21.01.2000

* * *

Қиблагоҳамро қазо дар хок пинҳон шуд,
Он чӣ метарсидам аз он, оқибат он шуд.

Печаки оҳам маро дар пайкарам печид,
Рангам аз рӯям маро аз ман гурезон шуд.

Кони дарду доғам, истихроҷи фарёдам,
Аз шамоли оҳам аҳволам парешон шуд.

Орифи ирфони андӯҳам, ки дар чашмам
Ғусса абри тира, абри тира борон шуд.

Осмонам дар ҳамал пойиз мегиряд,
Фарвадинамро, дареғо, дард обон шуд.

Такдарахтам рахт барбаст аз сари сахтам,
Бе саробонам хиёбонам биёбон шуд.

Ин ҷаҳон дар дидаам хори муғелон аст,
Гарчи гӯяд беғаме: «Олам гулистон шуд».

Қасри ҷисму тоқи сар – зиндони рӯҳу ақл,
Тоқати дил тоқ аз ин тоқу айвон шуд.

Марг мехоҳам, Худоё, марги беминнат
Мисли он шабнам, ки пайдо гашту пинҳон шуд.

Эй Суруш, аз пеши худ шеъре набинвиштӣ,
Хоҳиши ту вақфи хоҳишҳои Яздон шуд.

24. 11. 1999

* * *

Моҳи навзоди маро абри аҷал пинҳон шуд,
Чашми ман зодгаҳи силсилаи борон шуд.

Ғунчаи марг шуд, аз шохаи дастам афтод,
Фарвадинаш ба яке чашм задан обон шуд.

Мушкил омад ба ҷаҳони назар аз олами фикр,
Фикри рафтан шуду аз марзи назар осон шуд.

Рафт, ноҷӯртар аз рафтани ҳамвори нафас,
Буд имони дил, афсӯс, аламу армон шуд.

Луқмаи хок шуд, э вой, тани нозуки ӯ –
Пайкари тозаи ӯ туъмаи қабристон шуд.

Оҳам оташ шуду дудам ба фалак хайма бизад,
Танам аз сӯзи дарун дӯзахи оташдон шуд…

Оҳ, эй беадаб, аз мурдани ман тарсидӣ,
Пеш рафтӣ зи барам, он чӣ бигуфтам, он шуд.

15.01.2003

* * *

Хазон андӯҳи беранги гули худрӯи наврӯзист,
Табассум дар лаби ғамдидагон рӯпӯши бадрӯзист.

Дам аз улфат занад гар шиша бе май, нанги маҳфилҳост,
Талотумҷӯшии амвоҷи дарё аҷзи бесӯзист.

Навоз оҳанги дил аз пардаи дигар, аё мутриб,
Агар оҳангат имшаб лаҳни шамъ асту дилафрӯзист.

Фароҳам овар, эй ризқи парешон, хотири моро,
Нигаҳ берун чаридан чист? Рафтан аз паи рӯзист.

Садо шав, эй азиз, аз маҳбаси пайкар раҳоӣ ёб,
Вагарна кабкро банди тааллуқ дастомӯзист.

Шабе барқе дар авҷи осмон аз сӯзи дил бинвишт,
Ки бар аҳволи худ боридани борон зи дилсӯзист.

Маро аз шеър меъморист азми охирин, эй дӯст,
Чу ҳар як мисраам дар байти зебо умрандӯзист.

15.09.2000

## Эҳдо ба шоир ва инсони нағз Абдулфаттоҳ Кулолӣ

Равон гардад чу об аз чашма, соҳил мешавад пайдо,
Чу санъат дар миён афтад, гул аз гил мешавад пайдо.

Дар ин маҳфил шабохун мезанад Фарзона бо шеъраш,
Ба шоми шабпаракҳо субҳи комил мешавад пайдо.

Яке дар шеър берӯҳ асту мелофад, ки «Ман шеърам»,[1]
Суханро сар бурад ноаҳл, бисмил мешавад пайдо.

Дар ин шаҳри азизон чун Кулолӣ покбозе нест,
Худоё, дар гил аз дастони ӯ дил мешавад пайдо.

Дили ман дар танӯри меҳри ӯ бар зиндагӣ гарм аст,
Кам андар кам чу ӯ инсони хушгил мешавад пайдо.

Суруш аз рӯи хубиҳо ситоиш мекунад хубон,
Дар ин маҳфил, ки аз ёрон муқобил мешавад пайдо.

Ту бадро бо бадон бигзору неконро накӯ бингар,
Ҳар он чӣ коштӣ, дар вақти ҳосил мешавад пайдо.

11.02.2006

---

[1] Муддаие дар рӯзномае бо шеъри фаҷ лофи «Анашшеър!» зад. Ба ҳурмати шеър ӯро ба дори мазаммат кашидам.

* * *

Ёдгор хоҳам монд остони сабзамро,
Зери хок хоҳам бурд осмони сабзамро,

Марги ногаҳон корад донаи дилам дар хок,
Сабза аз замин рӯяд ормони сабзамро.

Зиндагӣ ба сар ояд, ҳолати дигар ояд,
Оқибат ҷудоихост ҷисму ҷони сабзамро.

Ғунчагӣ саодат буд дар баҳори рустанҳо,
Эй хазон, куҷо бурдӣ он замони сабзамро?

Эй парандаи кӯчак, эй нишони баъди ман,
Аз барои ту монам ошёни сабзамро.

Нимаи танам бо туст, эй дарахти пайвандӣ,
Мумиёи маҳбубӣ устухони сабзамро.

Баъди ман сияҳ пӯшӣ, ёри моҳтобоғӯш,
Чун хати сияҳ хонӣ достони сабзамро.

01.11.2002

## СОҚИНОМАИ СУРУШ

Биё, соқӣ, аз олами маърифат,
Бигӯ рози асмову зоту сифат.
Бидеҳ бодаи пок чун зоти худ
Зи хуршеди тобон ба зарроти худ.
Ману мо, ки аз лутфи ту зиндаем,
Ба номат, ки бар ҷоми ту бандаем.
Гаҳи раҳмат асту гаҳи илтифот,
Таҷаллӣ кун, эй довари хушсифот.
Ба ҷоми дили мо майи ишқ рез,
Ки то гардад аз сар хирад дар гурез.
Чаро ки хирад банди чуну чарост,
Хирад аз куҷо, нури ишқ аз куҷост?!
Бигӯ, то май орад паёпай Суруш,
Дили мо барорад ба шодӣ хурӯш.
Майе, ки Суруш аз сабӯ оварад,
Ба дил нашъаи ҷустуҷӯ оварад.
Аз он марди доно шавад розҷӯ,
Шавад андак огоҳ аз рози ту.
Чу ҳарфи ту, эй хубкирдори мо,
Ҳама розу рамз аст гуфтори мо.

Ало соқӣ, арчи Фазо коҳил аст,
Вале Вақти матбӯъ мустаъҷил аст.
Ба сарвақти мо маҷлис оғоз кун,
Даме лутф кун, лаҳзае ноз кун.
Ба ҷони ту, эй сонеъи нурбахш,
Ба май соғари тираро нур бахш!
Дар ин давра мо ҷумла чашмему гӯш,
Кушо лаълу бинмо сафои «Бинӯш!».
Мабод он, ки аз давра берун шавем,
Зи ҳаҷри лаби лаъл дилхун шавем.
Мабод он, ки дур аз нигоҳи азиз
Шавад ҷони мо камтар аз ҳеч чиз.

Ману дил, ки аз фикри ту зодаем,
Ба хок аз ситези ту афтодаем.
Калимему майхона меодгоҳ,
Ҷамоли ту дар ҷоми мо иртифоҳ.
Май имон бувад назди майхорагон,
Хушо нури имон ба финҷони ҷон!
Мабодо дили мо зи имон ҷудо
Дар ин хонаи шаклу рангу садо.

Ало, соқӣ, имони мо муҳкам аст,
Агарчи қазо мубҳаму мубрам аст.
Насиб ар бувад, мастӣ аз они мост,
Вагарна ҳар он чӣ равад, аз қазост.
Ба рӯзи нишоту ба рӯзи ҷазо
Ману сар ниҳодан ба ҳукми қазо.
Чу инсони ту дар масири вуҷуд,
Агар некам аз ту в-агар бад зи худ.
Бидеҳ бода, то масту бехуд шавам,
Мабод он, ки аз худ ҳама бад шавам.
Биё, соқӣ, андешамандам макун,
Ба чуну чаро пойбандам макун,
Ки аз чуну чандам бувад пойлағз
Дар ин ҷо, ки бад ҳам бувад айни нағз.

Бидеҳ, соқӣ, он ҷоми кайхусравӣ,
Бигӯ нӯшбоди хуши паҳлавӣ.
Бихон хатти мехии Албурзро –
Паёми ниёи Фарибурзро.
Сипас, аз хати ҷом рамзе бигӯ
Ба Кайхусраву Рустами номҷӯ,
Ки то Бежан аз чоҳ берун шавад,
Зи абри сияҳ моҳ берун шавад.

Ало соқӣ, андак шаробам бидеҳ,
Дар ин тирашаб офтобам бидеҳ.
Дилам нола дорад зи дунёи ҳез,
Бирез, аз барои Худо, бода рез!

Дареғ аз Сиёвушу Суҳроби ял,
Ки рафтанд аз ин ҷаҳон бемаҳал.
Фурӯхуфта дар хок Баҳроми Гӯр,
Куруши  кабир аст дар коми гӯр.
Зи Сосону Сомон дилам ғуссахез,
Ки зуд омаданду бирафтанд тез.
Аҷамрост бахти накӯ дар мурур,
Дареғо, дареғо зи мардони Ғур.
Чаро беғамӣ аз ҷафои ҷаҳон?
Бубин, оҳ, дар мулки озодагон
Касон мурдаву нокасон зиндаанд,
Бадиро ба олам парокандаанд.
Дар ин давр девон биафзудаанд,
Касе нест чун Таҳмурас девбанд.
Шуда нашъа имрӯз Деви сапед,
Куҷоӣ, биё, Рустами мӯсафед.
Бикуш душмани навҷавонони мо,
Вагарна сиёҳ аст поёни мо.
Бидеҳ, соқӣ, аз он майи талхи хуш,
Ки дунёст занпарвару мардкуш.

Ало соқӣ, аз он майи дилрабо
Бидеҳ ҷуръае, аз барои Худо!
Ки то масту махмуру маҷнун шавам,
Зи шавқи ҷунун сарбаҳомун шавам.
Зи як ҷуръа рӯдоби Ҷайҳун шавам,
Зи як қатра сад ганҷи Қорун шавам.
Майи лаъли соқӣ аҷаб дилкаш аст,
Гуворову гарм асту оташваш аст.
Агар қатрае з-он майи мунҷалӣ
Бинӯшад, шавад марди нодон валӣ.
В-агар бар тани мурда атре аз он
Вазад, мешавад дарзамон зиндаҷон.
Чакад чакрае чун аз он май ба хок,
Барояд Фаридун фароз аз мағок…
Ало соқӣ, аз он майам орзуст,
Таҷаллии пайдарпайам орзуст.

Агарчанд ангур береша нест,
Майе инчунин хуш дар андеша нест,
Ману май ситондан зи дастони ту,
Шамиме шамидан зи бустони ту,
Бувад ташнаву ёди ширини об,
Биёбону гармову рақси сароб.
Валекин умедам ба инсофи туст,
Ки имшаб насибам майи софи туст.
Ману дасти пур аз ниёзи дуо,
Туву ҷоми пур аз майи ҷонфизо.
Биё, соқӣ, инак, қадаҳ дар каф аст,
Дигар навбати нойу чангу даф аст.
Муғаннӣ, навои хушам орзуст,
Садои дили Саркашам орзуст.
Гунаҳ гашта бар дӯши ҷон бори бад,
Сабук соз, гӯ, Борбад, бори бад.
Навозад ҳаме Рӯдакӣ чангро,
Барад аз дили тоҷикон зангро.
Бигӯ, бардамад аз дами исавӣ
Ба ин ҷисми беҷон найи Мавлавӣ.
Ишорат кун, эй Хоҷа, бар Зиндарӯд,
Ки дар сози рӯдаш бихонад суруд.
Бигӯ, аз фалак Зуҳра поён шавад,
Навозандаи рӯҳи ёрон шавад.
Вагар пардааш бояд, он мунфаил
Нишинад паси пардаи чашму дил.
Ба нохун навозад навои навин,
Барад ҷони мо бар фалак аз замин.
Ба паркандагон иҷтимоъ оварад,
Тану рӯҳро дар самоъ оварад.

Муғаннӣ, дар ин маҷлиси лаҳну роҳ
Бувад роз таъбиру рамз – истилоҳ.
Раҳи Рост, к-он роҳи ишрат бувад,
Ба назди азизон шариат бувад.
Мақоми тариқат бувад «Шашмақом»,
Пас аз он расад рӯҳи солик ба ком.

Зи «Ушшоқ» ҷуз нолаи ошиқон
Наояд дар ин базм бар гӯши ҷон.
Муноҷот-роҳи таассуф бувад,
Ки аз оҳи аҳли тасаввуф бувад.
Бад-ин гуна дар маҷлиси иртифоҳ
Наво менамояд паси парда роҳ.

Муғаннӣ, саро тоҷикона суруд
Ба лаҳни хуши шоири Панҷрӯд.
Агар ҷӯи бегона шуд Мӯлиён,
Ба лаб дорад аз Рӯдакӣ достон.
Дар ин маҷлиси унс бегона нест,
Касе рӯдакивор фарзона нест.
Сари шоирон асту пири муғон,
Хушовозу хушнуду хушармуғон.
Навозандаи нағмаи тоҷикӣ,
Парокандасозандаи торикӣ.
Барозандаи сад ҳазор офарин,
Сазовори аврангу тоҷу нигин.
Ситояндаи оли Сомони мо,
Физояндаи фарру имони мо.
Бакурсинишонандаи порсӣ,
Сароғози ояндаи порсӣ.
Ба мо ёдгор аст аз Рӯдакӣ
Забони намирандаи тоҷикӣ.
Кунун зеби минуст он сарфароз,
Ба аҳли биҳишт аст барбатнавоз.
Муғаннӣ, навозандаи ҷон туӣ,
Дигаргунасозандаи ҷон туӣ,
Навои туям дар нафир оварад,
Муриди туро назди пир оварад.
Найат най на, инсони комил бувад,
Ки ҳар як дамаш нури маҳфил бувад.
Рубобат, ки дар он бувад панҷ тор,
Кунад нола аз захмаат зор-зор,
Абӯбакр бошад, ки эҳсоси ӯ
Ба захми ҷунун мекунад ҳойуҳу.

Зи чангат сухан гуфтанам шарт нест,
Ки чанги туву марди обид якест.
Дафи ту сари сахти аҳли ҳунар,
Ки аз ҷаҳли чарханд бо дарди сар.
Бад-ин гуна як соз бебарг нест,
Саранҷоми будан ба ҷуз марг нест.

Муғаннӣ, туӣ раҳбари роҳи нек
Дар овози ҷонпарвари Ҷӯрабек.
Намо роҳи парвози «Қуи сафед»,
Бубар раҳравонро ба сӯи сафед.
Бигир «Ҷоми Хайём»-и Лоиқ ба каф,
Ки дунёст бар марги мо бетараф.
Саранҷоми умри башар нестист,
Вале дар наворе бубояд бизист.
Бимон, то навори ту андар кино
Бимонад зи баъди ҳазор алвидо.

Ало соқӣ, ин оламӣ нӯшбод
Чу шамъ аст андар гузаргоҳи бод.
Фурӯғе зи оҳи Сиёмак намонд,
Зи ҷисми латифаш ҷуз оҳак намонд.
Касе аз дами марг берун намонд,
Зи Ҷамшед ҷуз ҷоми дилхун намонд.
Қазо оқибат Ҷоми Ҷамро шикаст,
Сари сархушони Аҷамро шикаст.
Сиёвахшро лолаи доғ кард,
Зи хунаш гулу сабзаву боғ кард.
Ба Суҳроб раҳмаш наёмад, дареғ,
Ба дасти падар бардаридаш ба теғ.
Ба чаҳ Рустами Достонро фиканд,
Дареғи камину камону каманд!
Хиёнат ба Кашводу Гударз кард,
Фаромарзро берун аз марз кард.
Бикушт оташи поки Зардуштро,
Дар оташ фиканд ояти Яштро.

Биё, соқӣ, аз рози дигар бигӯ,
Ки дил нолахез аст аз ин гуфтугӯ.
Ҷаҳон сарбасар ранҷу оворагист,
Саранҷоми мо маргу бечорагист.
Ба май гарди ғамро бубояд нишонд,
Намонам ман ин ҷо, чу одам намонд.

Бидеҳ, соқӣ, аз ҷоми оличаноб,
Ки дунёст аз дасти пастӣ хароб.
Дареғо, ба ҷурми мудорои мо
Рабуданд аз мо Бухорои мо.
Самарқандамон шаҳри бегона шуд,
Намангонамон низ аз мо нашуд.
Намонда ба лаб ҷуз ҳамин воасаф
Зи Фарғонаву Чочканду Насаф.
Рабуданд бе ҳеч пайкору разм
Зи озодагон сарзамини Хоразм.
Ба Тирмиз шикастанд оини мо,
Ба зомин гирифтанд Зомини мо.
Нагуфтам зи чандин билоди дигар,
Чаро ки бигӯям, бисӯзад ҷигар.
Ало соқӣ, он кас, ки дорад нигин,
Ба зӯрӣ зи зерин ситонад замин.

Бидеҳ, соқӣ, он оби ҳастинавоз,
Ки то шӯям аз лаб ғами дилгудоз.
Зи Хуҷанду Панҷекату Хуталон,
Зи хоки Ҳисори хушу шодмон,
Зи Рашту зи Фалғар, зи Вахшонзамин,
Зи Панҷу зи Ванҷи Бадахшонзамин,
Зи Рӯшону Исрушана, Мастчоҳ,
Зи Аште, ки бар Яшт бошад гувоҳ,
Зи фарри фараҳпарвари Исфара,
Зи дашти нишотовари Данғара,
Зи Варзобу Яғнобу аз Балҷувон,
Зи шаҳри Душанбеи озодаҷон, –

Зи марзи Ватан арзи ҳастӣ кунам,
Сари ҳар қадаҳ шукри мастӣ кунам.
Занам наъра: «Ман муҳкамам, эй ҷаҳон,
Чу сармасти Ҷоми Ҷамам, эй ҷаҳон!».

Бидеҳ, соқӣ, он рӯҳбахш ҷомро,
Магӯ қиссаи ҷаври айёмро.
Ҳамин лаҳзаамро ғанимат шумор,
Ки доим намонам дар ин раҳгузор.
Надорад ҷаҳон фикри марди закӣ,
Надидӣ, ки чун кард бо Рӯдакӣ.
Дареғо, дар айёми пиронсарӣ
Сафои сароғози лафзи дарӣ
Шуд аз даргаҳи оли Сомон бадар
Ба дарди ҷигар, дарди дил, дарди сар.
Ду-се бесаводи ҳасуду бахил
Кашиданд дар чашми бинош мил.
Аз эшон намонда кунун нангу ном,
Набошад ҳаёти бадӣ бардавом.

Ало соқӣ, аз ҷоми дигар бидеҳ,
Ҳадиси ситамро ба сӯе бинеҳ.
Биё, чун Дақиқӣ ба ёди нажод
Бинӯшем ҷоме майи «Ёд бод!».
Чу Сино агарчанд май кам хӯрем,
Ба ночор аз марги худ ғам хӯрем.
Биё, то чу Хайём мастӣ кунем,
Нишот аз ду-се рӯзи ҳастӣ кунем.
Биё, ҳамчу Ҳофиз ба пири муғон
Барем аз ғазал нӯшбод армуғон.
Чу Мавлои Балх аз майи нобу талх
Бичархем мастона бар қасди чарх.
Биё, масту хандон чу Қутбӣ Кире
Ситонем аз дайри серӯза ком.
Биё, масти ҳушёру содиқ шавем,
Дуогӯи Устод Лоиқ шавем.

Бинӯшем оби ҷав аз косагул,
Урусишароби нав аз косагул.
Дар ин базми серӯза мастӣ кунем,
Сари ҳар қадаҳ шукри ҳастӣ кунем.
В-агар бигзарем, аз ту дилхуш равем,
Ба покизагии Сиёвуш равем.
Барорем то охирин дам хурӯш,
Ба дидори соқиву шеъри Суруш.
Бубояд ҳароина дилшод буд,
Фурӯзон дар ин раҳрави бод буд.
Бидеҳ, соқӣ, он охирин ҷомро,
Ки то нуқта бигзорам анҷомро.

## РУБОИҲО

Ҳар ҷо, ки накӯ бувад, набошад бе бад,
Ҳуш дор, мабодо, ки ҷаҳон бифребад.
Як мӯй гумон барӣ, ба шак дарпечӣ,
Девори кафида оқибат мекебад.

Рӯзе, ки лабат ба ман ситезон мешуд,
Чашмат зи нигоҳи ман гурезон мешуд.
Мерафтиву гарди раҳ ба рӯҳам мерехт
В-аз чашми ман андӯҳи ту резон мешуд.

То подшаҳи шаҳри ғарибон будам,
Афтодаи роҳи дилфиребон будам.
Рӯзе ки шабоб тан ба пирӣ медод,
Бо мурдани худ дастугиребон будам.

Рафтанд аз ин замин азизон як-як,
Борид зи осмон мусибат чак-чак.
Чӯбе, ки ба рӯи гӯри мо бигзоранд,
Эй марг, барои туст дандонкобак.

Аз нашъаи кашфиёти худ маст шудем,
Аз хок шукуфтему забардаст шудем.
То ёр намонда як қадам, бо суханаш
Якчанд рақам чидаву пайваст шудем.

Эй хоки ман, имрӯз накуҳолӣ кун,
Парвоз кун аз ҷову сабукболӣ кун.
Гар хоби дурушти шаб гаронҷонат кард,
Бо об бигӯ хобу дилат холӣ кун.

Аз шиша ба ҷоми ман шароб андозед,
Дар косаи моҳ офтоб андозед,
Чун бода намонду майли гуфтор намонд,
Худро чу лаби бом ба хоб андозед.

Девонасарӣ зи пойбӯсӣ беҳтар,
Болоназарӣ зи чоплусӣ беҳтар.
Аз қаҳваи безавқ ба финҷони тило
Як истакани шароби русӣ беҳтар.

Оҳиста бигӯ сухан, ки осоншиканам,
Гулбаргаму аз жолаву борон шиканам.
Эй он ки сари меҳри маро мешиканӣ,
Бигзор, ман аз қаҳри ту армон шиканам.

Озурда шудам зи халқу меҳандорӣ,
Дилхастаам аз муҳаббати сарборӣ.
Эй ханда, ба аҳволи лаби баста маханд,
Эй нола, магар ба гӯши кар мефорӣ?

Эй кори ту ҷавнамоӣ, арзанкорӣ,
Шояд, ки кифоят аст арзанхорӣ.
Дилхастаам аз дӯсту душмандорӣ,
Хокам бод аст, агар ту душман дорӣ.

Дунё, ки ба як-ду ҳез ҳамфинҷон аст,
Дар хонаву даҳлез азоимхон аст.
Гар бо ту вафо накард, бо мо чӣ кунад
Ин олами ночиз, ки пурдастон аст?!

Моем, ки рӯҳи равшани фонусем,
Оинаи нангу шишаи номусем.
Аз пой баланд аст сар аз ваҷҳи мақом,
Ҳайфи сари сабзи мо, агар по бӯсем.

Афсӯс-афсӯс, ин ҷаҳон афсӯс аст,
Гаҳ санги ғам асту гаҳ дили фонус аст.
З-ин баъд дареғ монд, эй қавм, дареғ,
Чизе, ки надидам зи шумо номус аст.

Рафтиву киноярo зи нав сар кардӣ,
Моро ту ба хоки раҳ баробар кардӣ.
Мо рост будем бо ту, афсӯс, афсӯс,
Бар гаппи дурӯғи халқ бовар кардӣ.

Берун зи дари хона чу дармонда шудам,
Бар нокасу номард писархонда шудам.
Чун пой баровардаму гаштам ба биҳишт,
Аз маъракаи танги Худо ронда шудам.

Пажмурда шавад сабзи ту аз оташи зард,
Сӯзад бадани гарми ту аз як дами сард.
Эй баччаи одам, зи тану тӯш мабол,
Бо марг надорад нафаре тоби набард.

Чун пошнаи кафши замон хурда шавад,
Пои фалаки тундрав озурда шавад.
Дар боғи баланди осмон охири кор
Гулзардаки офтоб пажмурда шавад.

Аз бими аҷал ранги маро канда кунӣ,
Ҷамъияти хотирам пароканда кунӣ.
Эй фикри абад, байни ду дандони адам
Сарриштаи боварам чаро канда кунӣ?

Дунё ба мисоли рӯи песон бошад,
Чархидани чархи риштаресон бошад.
Ҳар кас ба ситоишаш қалам бардорад,
Бе ҳеч шаке зи косалесон бошад.

Ин қавм, ки бе муруввату бенанганд,
Ниме дили шишаанду ниме сангaнд.
Дар хонаи худ шеру ба майдон харгӯш,
Бо сояи худ роҳравон меҷанганд.

Мо чашм зи рӯи духтарон об диҳем,
Аз чашмаи шаб ба ахтарон об диҳем.
То ҳаст ба ҷӯи рӯямон оби ҳаёт,
Пайваста замини дигарон об диҳем.

Мастӣ , ки даруни донаи гандум буд,
Аз рӯзи азал насибаи мардум буд.
Пеш ор шароби гандумин, эй соқӣ,
Бар қасди хирад, ки аз азал раҳгум буд..

Шогирд агарчи гирди мо мегардад,
«Устод» шавад, зи мо ҷудо мегардад.
Озурда машав аз он ки қадрат нашинохт,
Иблис ҳам аз Худо ҷудо мегардад.

Аз доми бало гусехтан натвонӣ,
Аз гурги фано гурехтан натвонӣ.
Эй ашк, чу аз решаи ҷонӣ, на зи ҷисм,
Аз дидаи мурда рехтан натвонӣ.

Афтодани барги бед буд ҳасрати ман,
Раҳ рафтани мӯсафед буд ҳасрати ман.
Чун назди касон зи бахт ҳасрат кардӣ,
Аз ишқи ту ноумед буд ҳасрати ман.

Ҳар роҳ, ки меравад дилам, то дари туст,
Мақсуди дилам туӣ, ки дар чодари туст.
Донам, ки биҳишти адн хоҳам, гӯӣ:
Рав, рав, ки биҳишти накд Искодари туст.

Рафтам ба зиёрати қадамгоҳи падар,
Бархост зи марқади падар оҳи падар.
Ман марди мусофирам, ки дармонда шудам
Дар шаҳри дигар ҷудо зи даргоҳи падар.

# МУНДАРИЧА

## ЧАРОГАҲИ ЧАШМ

Бозгашт ....................................................................4
Хатти ҳаракат..............................................................5
То боло аз ин поён .....................................................6
Хотира........................................................................7
Сафар ба зебоӣ...........................................................8
Ғазали сафед ..............................................................9
Ё Ҳу!.........................................................................10
Маҳтобе бар доре ....................................................11
Дарёро дарё шав!......................................................12
Замони хазонӣ...........................................................13
Қиёмат.......................................................................14
Нуқсони такомул.......................................................15
Нийяти намоз ............................................................16
Дар домани сапед .....................................................17
Сияҳномаи шаб .........................................................18
Эй номаълум!.............................................................19
Хуни хоб ...................................................................20
Нигоҳи гурезон...........................................................21
Ҳолати рӯҳ ................................................................22
Охирин қафас ва раҳоӣ ..............................................23
Нуқтаи ниҳоят ............................................................24
Парвонаи сапеди рӯҳ..................................................25
Ягона нуқси ман туӣ...................................................26
Ба саодати осоиш .......................................................27
Аз нилуфаритарин лаҳза.............................................28
Эй ёсумани ишқ! .........................................................29
Шарми маҳ .................................................................30
Шикасти шаҷара..........................................................30
Ишора ба ҳастӣ............................................................31
Охирин самбули ирфон ...............................................32
Рози ранг.....................................................................33
Фариштаи марг............................................................34
Хоби дароз..................................................................35
Ба як шукуфа раҳоӣ .....................................................36
Шаб ва хотираҳо .........................................................37

Лаҳза........................................................................................38
Бояд аз ғор бурун оем...................................................................39
Оина чаро мешиканад? ..................................................................40
Истиораи шаб ..............................................................................41
Дар ғуруби ғарбоҳанг......................................................................42
Андешаи зебои гули себ ..................................................................43
Илми мо душмани мост!..................................................................44
Сабзаи вожаи нав ..........................................................................45
Номаи хуршедӣ ............................................................................46
Намеандешам аз марг.....................................................................48
Қонуни офариниш ..........................................................................49
Фасли мӯсафед ..............................................................................50
Дилгаронӣ ...................................................................................51
Боғи дурдаст .................................................................................52
Зиндагӣ .......................................................................................53
Баргҳо ва маргҳо ............................................................................54
Ирфони хуни сабз ...........................................................................55
Асл зебо, субҳ ширин аст ................................................................56
Озору озарм...................................................................................58
Оҳи роҳ .......................................................................................59
Қад – қади раҳ, лаб – лаби дарё .........................................................60
Домани покизаи имон .....................................................................61
Боғи андешаи сабз .........................................................................62
Пойиз ва мусича.............................................................................64
Намоз...........................................................................................65
Биё, ба боғ равем!............................................................................66
Сабзчашми ман! .............................................................................67
Шитоб .........................................................................................68
Духтари барг.................................................................................69
Абри сафед....................................................................................70
Гиряи гурба ..................................................................................71
Ба абадияти уқёнус .........................................................................72
Аё ниҳояти ҷустанҳо!......................................................................73
Зардушт.......................................................................................74
Дар тариқати хубӣ .........................................................................75
Полоиш .......................................................................................76
Готи гумшуда ...............................................................................77
Ҷодуитарин рабоиш.......................................................................78
Намози Кайхусрав ..........................................................................79
Бениёзӣ .......................................................................................80

Мусофири асотир........81
Боғи асолат........84
Ниҳоли тавба........85
Намоз роҳи раҳост........87
Бо захмаи офариниш........88
Туро месароям бароям........90
Дар оромиши минуӣ........91
Ба номафҳуми бесӯӣ........92
Тавбаи одам........93
Ман офтоб механдам........94
Вақте ки дил савобро метапад........95
Мусича........96
Зиндагии дарёӣ........97
Подош........98
Дар ин замонаи девона........99
Рақс........101
Такрор........103
Муннақиди шаб........105
Тасодуф........106
Таслим........107
Аз пайдо то пинҳон........108
Рози хобу бедорӣ........109
Сафед ва сиёҳ........110
Танӯри ҳамеша........111
Эҳёи садо ва ранг........112
Аз мисол то асл........114
Озору оромиш........115
Набуданатро мегирям, устод!........116
Сукути сафари лаҳзаҳо........117
Ҳофизаи манзараҳои қадим........118
Вақте ки марг маро мемирад........121
Зиндагиву марги ман ишқ аст........122
Дили маро озурдам........123
Вуҷуди ман туро мехоҳад........124

## ХАРИТАИ АБР

Маро бибӯс........127
Шишаи дил........127
Фирор........128

Шикаст .......... 129
Исёни хун .......... 129
Ғуссаи зард .......... 130
Таронаи бемор .......... 131
Парандаи нигоҳ .......... 132
Мехазам худро ба сӯят .......... 133
Дуои ишқ .......... 133
Ҳиҷрати умр .......... 134
Ғурури ишқ .......... 135
Гунҷишки муддао .......... 135
Инқилоби бехирадӣ .......... 136
Шаҳри дилкабуд .......... 137
Сапедаи пирӣ .......... 138
Маро бубахшо .......... 138
Бе сапедаи баданат .......... 139
Дандона .......... 140
Ба ҳурмати ишқ .......... 141
Қасам ба рӯзи сафед! .......... 142
Эй дилхунук аз ишқ! .......... 143
Шӯриш .......... 144
Харитаи абр .......... 145
Ниёиш .......... 146
Раҳмати ғайб .......... 147
Эй ягонаи анбӯҳи зиндагӣ! .......... 148
Сафсата .......... 148
Номаи нур .......... 149
Борон .......... 150
Баҳори ишқ .......... 151
Хулосаи ирфон .......... 152
Тақдир .......... 153
Хоҳиш .......... 153
Як шоха орият .......... 154

## ЧАКОМАИ БОРОН

Ман он таронаи гунгам, ки сабза медамадам аз хок .......... 157
Бахтамон дар рахту пахти ломакон хобидааст .......... 157
Шаби сиёҳи ду чашмам ситорарезон аст .......... 158
Дили оинаам, аҷзи шикастан дар бағал дорам .......... 158

Фарёди хамӯшам, сабзида зи дардам, рӯида зи оҳ....... 159
Субҳдамандешаам дар шамъ бар зулмоти ғафлатзо......160
Ғуссаи шомранги ман аз ғами ту саҳар шавад............. 160
Дилам тапидани моҳист, эй муҳаббати об .................. 161
Зикри дерини банда зерилавист .................................... 161
Лабам хазандаи сӯи ту гашта, эй лаби сӯзон ............... 162
Зи боғи назди хаёлат баҳорвора гузаштам .................. 162
Қул-қули ҷоми ҷунун дар ҳалқи булбул рехтанд......... 163
Дар масоҳати ялдо, дар диёри зулмонӣ ....................... 163
Шабро сарам дар охири имшаб саҳар шавад............... 164
Милисахона бувад ин ҷаҳони ҳодисахез ...................... 165
Раҳи нигоҳи ман, эй ошно, сиёҳу сафед аст................. 165
Афтоданам зи шоха зи осеби себ буд........................... 166
Ман он обам, ки ҷорӣ мешавам имони моҳиро........... 166
Роҳ бар сӯи биҳишт аз равзани дин будааст ................ 167
По нех ба хоки ман, ки назаргоҳи ёдҳост ..................... 168
Асли дандони кӯдакӣ ширист....................................... 168
Об гаштам, ба тамошои ниҳолам бурданд .................. 169
Хурӯҷи оҳам аз хоки сияҳ гардуншикан бошад.......... 169
Нахусту вопаси мо мардумон зи гавҳари хок аст ........ 170
То интиҳо расидаму роҳи равиш намонд ..................... 171
Зардолу расад ба бачча аз боғи падар.......................... 171
Маро мебахшӣ, эй борон, дили ошуфтае дорам.......... 172
Тапидан дар дилам ларзидани гулбаргро монад.......... 172
Не даст монду рӯй, ки шӯем, эй азиз............................ 173
Аз канори боғ даврони гиёҳӣ меравад ........................ 173
Нафас дуздидан аз бими аҷал вобастагии мост........... 174
Ранги рӯи боғ аз бими хазон дигар шавад.................... 175
Рӯзгори одамӣ берун на аз бешу камӣ ........................ 175
Куфр чун орад ҳуҷум, андеша кофар мешавад............ 176
Дар мурдаоб ганда шавад лаззати тапиш ..................... 176
Мурданд дар маҳаллаи шаб маҳчароғҳо...................... 177
Биё, эй нозанин, имшаб, ки бе ту бекасам имшаб........ 177
Фурсате нест то ба ошуфтан......................................... 178
Бардор чатри мижжаву сӯям нигоҳ кун....................... 178
Ҷаҳон маънои танҳоӣ, чунин будаст, хоҳад буд.......... 178
Нигоҳе аз ду рӯ дилгир дорам ....................................... 179
Ин осмон тамоюли мотам намекунад .......................... 179
Миёни гиряи дарё лаби чашми ту механдад................ 180
Ғурури офтоб ин ҷо ба аҷзи соя яксон аст.................... 180

Шомат ба хайр, эй вараqи сап-сафеди ишқ .................. 181
Дилам дубора зи ишқат фишор мехӯрад имшаб .......... 181
Ғамат дар дилам хонашин шуд, азизам......................... 182
Дунёст аз ҷаҳолати мардум пур аз фасод ...................... 182
Гарди умрам, ки парешон шудам аз домонат ............... 183
Камомадро маҷӯ, ман кам надорам ............................... 183
Гул медиҳанду фасли баҳори ту мебаранд, .................. 184
Маро ҳам кам гирифтӣ, кам набошӣ ............................. 184
Сиришки бонуи абр аст резиши борон ......................... 185
Мо об банд кардаву беобрӯ шудем................................ 185
Афсона бофтему ҳақиқат дурӯғ шуд............................. 186
Бар сари шаби ман ҳам субҳдам ҳуҷум овард ............. 186
Оҳ, ба хоки роҳи тан чашми чаман намерасад ............. 187
Хап ист, эй баҳона, ки ман дод мезанам ....................... 187
Лола дар сари гӯрам байраqи баҳорон шуд.................. 188
Кас намебинад дар ин зулмот рӯзи рӯшноиро............. 188
Аз наме оби сияҳ баҳре касофат мешавад.................... 189
Баҳор чист? –Зи парда бурун давидани ранг ................ 190
Эй Офтоб, рӯшаниву соя ҳамсафост ............................ 191
Ин сари ҷафодида бори гарданам гашта....................... 191
Нақши нағзи девор аст сояи базеби ту .......................... 192
Шабе, ки хотират аз абри ғам малол гирифт................ 192
Нимаи умр, водареғ, сарфи хаёлу хоб шуд ................... 192
Ҳамҷому ҳамнасибаву ҳамкори ман намонд ............... 193
Оҳ, оҳ, ин ғунчагӣ гар навбаҳорат мекунад ................. 193
Эй зулф, ҳоли чашми ман ошуфта мекунӣ.................... 194
Фиреби об мехӯрад нигаҳ зи чашмаобҳо....................... 194
Як рӯз шаҳри гумшуда қишлоқ мешавад ...................... 195
Паи фаҳми гапи мо рав, фақат оҳиста-оҳиста.............. 195
Забони аҷз хомӯшист, лаҳни дард фарёд аст ............... 196
Вақт асту медавад ба хазон навбаҳорро........................ 197
Модар, маро бубахш, ки нодону кӯдакам..................... 198
Ранги ӯ дамидай, эй баҳор, эй баҳор! ............................ 198
Ишқро ниҳон кардӣ дар паси сияҳпарда ....................... 199
Он қадар пиру хастаҷон шудаам .................................... 199
Чу бигзарем, нахезад зи хоки мо идрок ........................ 200
Дар офтоби ғурубанда нолаи гунгам............................. 200
Даруни дил намегунҷам, гапи ногуфтаро монам ......... 201
Навоҳангам, зи пушти пардаҳои чанг меоям................ 201
Саропо ларзаам, оҳанги дарарғуштро монам............... 202

Дами Исо ба мағриб мекашонад субҳгоҳонро ............. 203
Ҷафост таънаву душному носазо гуфтан ...................... 203
Ҷӯборҳо ба баҳр расиданд аз иттифоқ ......................... 204
Эҳдо ба … .............................................................................. 204
Ғуссаи хазонрезам, яъси сабзаи зардам ........................ 205
Дилам меларзад аз бими аҷал дар барги бед аз бод ..... 206
Одамӣ ҳар лаҳза мехоҳад зи нав кӯдак шавад, ............ 206
Эй ғамомӯзе, ки ғам хӯрдан биомӯзӣ маро .................. 207
Рӯҳи наботу аҷзи сияҳбед будаем .................................. 207
Дарахти ишқаму сабзидаам ба гулшани умр ............... 208
Бе ту оби бемаҷро, бе ту санги хомӯшам ...................... 208
Яке сад орзу дорад, вале аз сад яке дорад .................... 209
Субҳи рамазон ҷунбид, ғафлат бигузору бархез .......... 209
То ғусса зи ҳадди оҳ бигзашт ......................................... 210
Чашме ба чаман бикшо дар муғчаи зебоӣ .................... 210
Биҳишт оромиши ҷон асту ҷои орамидан нест ........... 211
Ниёзманди ҳақиқат ба сӯи ҳақ нигарад ........................ 212
Зи ман бигзар, ки шайтонист анҷоми манумоӣ ........... 212
Рози мо ношунида мемонад ............................................ 213
Сиришк медавад андӯҳи талху шӯри маро .................. 214
Бе туям ҳамчу сабза бе борон, бе туям
мисли қатра бе дарё ................................................... 215
Маро иҷоза бидеҳ, ёри ғамгусори ту бошам ................ 215
Дигар дар дили гил тараҳҳум намонда ......................... 216
Ба мавлудат чӣ меболӣ, ҷаҳон чун мотамистон аст?! ...... 217
Ғуборироҳпарвозам зи фикри рӯзи рафтанҳо .............. 217
Омадаам зи рафтаҳо, одами куҳнаи навам .................... 218
Ҳар соате, ки меравад аз умр, коҳиш аст ...................... 218
Будем марди танҳо дар ибтидои будан ........................ 219
Эҳдо ба ҳунарманди беназири тоҷик
Устод Ҷӯрабек Мурод ............................................... 219
Эй фурӯғи фарвардин, эй саховати обон ...................... 220
Маст шаву рост рав андар уреб ..................................... 221
Қуввати рафтор набвад пои сармохӯрдаро .................. 221
Диламро метапад амвоҷи дарё ....................................... 222
Ақл лавҳи ҳавас намегардад .......................................... 222
Лолаи гарм мешавад лаъли лаби ту дар лабам ............ 223
Мо лоларо зи хоки хиҷолат дамидаем ......................... 223
Дар абри тира ғарқидаст моҳам ..................................... 224
Сукут дар лаби беранги ман зи фарёд аст .................... 224

Кашида рахти худ ободӣ аз харобаи мо ........................ 225
Ханда изҳори нишотест, ки дар дил бошад.................. 225
Чашмаро дар ҷавҳари оинаам ҷӯшидаам...................... 226
Аз нигаҳ то қаъри дил ишқи туро пинҳон хазидам ..... 227
Чи гуна зикри Ту гӯям ба ин садои гирифта................ 228
Аз ҳиҷрати хуршед шаб андӯҳи сиёҳ аст...................... 228
Гар паноҳам Ту набошӣ, ба чӣ ҷое бипаноҳам? .......... 229
Бар ҷониби бахшидани Ту дасти нигоҳам.................... 229
Ту, эй шукуфтани зеботарин ниҳоли ҳаё...................... 230
Новадони чашмонам шӯшабаста аз дард аст ............... 230
Хоби ғафлат далели беҳушист...................................... 231
Дар ин мамлакат дар нигоҳам гаҳ аст .......................... 231
Вақте тарона дар лаби ҷӯ бишкаст................................ 232
Агар чоки гиребон андар ин зулмот бикшоӣ ............... 233
Дар дили бишкаста бишкастам дили оинаро ............... 233
Моро задаӣ зери замин зеру забар рах ......................... 234
Барқ ҷавлон зад, бисӯзонид имшаб
хирмани андешаамро ................................................ 234
Биё, ба сина нишон оҳи инқилобиро ............................ 235
Поёни сафар пайдо шуд, чун нолаи но бархост .......... 235
Дили ман тапидан омӯхт зи сайди захмхӯрда ............. 236
Манам, ки дар нигаҳи оҳуи рамида рамидам............... 236
Эй муғаннӣ, маро навозиш кун дар навое
бар авҷи оҳангат ........................................................ 237
Расид мужда, ки олам чунин нахоҳад монд ................. 239
Қиблагоҳамро қазо дар хок пинҳон шуд ...................... 239
Моҳи навзоди маро абри аҷал пинҳон шуд.................. 240
Хазон андӯҳи беранги гули худрӯи наврӯзист ............. 240
Эҳдо ба шоир ва инсони нағз Абдулфаттоҳ Кулолӣ......241
Ёдгор хоҳам монд остони сабзамро.............................. 242

Соқиномаи Суруш ........................................................ 243
Рубоиҳо......................................................................... 252

**СУРУШ**

**ҶАЗИРАИ ТАНҲОӢ**

Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова

Ба матбаа 10.11.2008 супурда шуд. Чопаш 12.11.2008 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 8,5. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а